Ҳ. САБОҲӢ, Ғ. МАҲМУДӢ

# КИТОБИ ХОНИШ

КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ ДОНИШОМӮЗОНИ
СИНФИ ЧОРУМИ МАКТАБҲОИ
МИЁНАИ ТАЪЛИМИ УМУМӢ

*Вазорати таълими халқи Республикаи
Ӯзбекистон тасдиқ намудааст*

**Нашри шашум**



ТОШКАНД — «O‘ZBEKISTON» — 2013

УЎК: 372.882
811.222.8(075)
КБК 81.2Тад-922
С 13

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика барои иҷора чоп шудааст.**

Муқарризон:
***Р. Самариён, К. Ҳасанзода,*** номзадҳои илми педагогӣ;
***М. Нарзуллоева*,** муаллимаи мактаби рақами 41-уми ноҳияи Самарқанд, аълочии таълими халқи Ўзбекистон; ***Р. Маъруфӣ***, ***М. Саидова, Р. Саломова, Н. Ғафурова*** — муаллимони мактаби миёнаи рақами 22-юми шаҳри Самарқанд.

**Сабоҳӣ Ҳ., Маҳмудӣ Ғ.**

С13 Китоби хониш: Китоби дарсӣ барои донишомўзони синфи чоруми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ. — Нашри шашум. — Т.: ХЭТН «Ўзбекистон», 2013. — 240 саҳ.

ISBN 978-9943-01-066-6

**УЎК: 372.882+811.222.8(075)**
**КБК 81.2Тад-922**

— Супоришҳои асосӣ — Супоришҳои амалӣ

*Oquv nashri*

**Hazrat Sabohiy, Gafur Mahmudiy**

**O‘QISH KITOBI**

4-sinf uchun darslik

(tojik tilida)

Oltinchi nasnr

Муҳаррир *З. Тоҳириён;* муҳаррирони техникӣ *Т. Харитонова, Д. Габдрахмонова;* муҳаррири бадеӣ *Ҳ. Меҳмонов;* саҳифабанди компютерӣ *Ф. Тугушева*

Литсензияи нашриёт AI № 158.14.08.09. Ба чопаш 12-июни соли 2013 иҷозат дода шуд. Гарнитураи «Pragmatic Tad». Кегели 14. Бо усули офсет чоп шудааст. Андозаи $70\times90^{1}/_{16}$. Коғази офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 17,55. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9,42. Теъдоди нашр 6856. Супориши № .

Оригинал-макет дар хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston»-и Оҷонсии матбуот ва иттилооти Ўзбекистон, 100129, Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30 тайёр карда шудааст.

Дар чопхонаи ҶДММ «Yangio’l Poligraf Servis», 112001, Республикаи Ўзбекистон, вилояти Тошканд, ноҳияи Янгийўл, кўчаи Самарқанд, 44 чоп шудааст. Тел./факс (8 370 60) 3-23-61 www.yps.uz, e-mail info@yps.uz

ISBN 978-9943-01-066-6

© Нашриёти «ЎЗБЕКИСТОН», 2003, 2004.
© ХЭТН «O‘ZBEKISTON», 2007, 2009, 2011, 2013.

**ВАТАНРО АЗ ДИЛУ ҶОН ДӮСТ ДОРЕМ,**
**ҲАМЕША БО ВАТАН ДАР ИФТИХОРЕМ.**




Бо умри ҷавон ҳусну ҷамоли ватанем,
Бо дасти ҳунар авҷу камоли ватанем.

Гулназар КЕЛДӢ

## КИШВАРИ ОФТОБИИ МО

Мафҳуми «Ватан» маънии васеъ дорад. Ватан ба маънии зодгоҳ, яъне деҳа ва деҳкадае, ки мо таваллуд шудаем ва ба камол расидаем, низ фаҳмида мешавад. Шаҳру шаҳраке, ки зодгоҳи мосту дар он таҳсили илм мекунем ва меҳнат менамоем, низ Ватани мост. Ба маънии васеъ Ватан сарзаминест, ки халқи мо дар он зиндагӣ ва кор карда, барои ободӣ, шукуфонӣ ва тараққиёти он саҳм мегузорад.

Кишвари мо сарзамини офтобист. Табиат ва боду ҳавои он дар ҳамаи фаслҳо дилкашу форам аст. Дар Ватани мо дар тамоми сол баъзе аз зироату сабзавот парвариш мешавад. Дар вилоятҳои марказӣ ва ҷанубӣ дар як сол то ду-се бор ҳосили зироат ва рустаниҳои полизӣ гирифта мешавад. Дар гулхонаву гармхонаҳо тамоми сол гулҳои гуногуну сабзавот ва рустаниҳои ситрусӣ мисли лимӯ, афлесун ва ғайра нашъунамо мееёбанд. Дар боғоту деҳоти мо беҳтарин навъҳои ангур, себ, анор, нок, биҳӣ, муруд, зардолу, олу ва хурмо мерӯянд. Пунба (пахта) ва ғалла дар сарзамини мо ҳосили фаровон медиҳанд ва аз зироатҳои асосии кишоварзии кишвар ба шумор мераванд.

Кишвари мо ва кӯҳистони он аз канданиҳои фоиданок бой аст. Ин канданиҳои фоиданок дар иқтисоди мамлакат нақши муҳим мебозанд. Саноат, сохтмон, шаҳрсозӣ, роҳсозӣ ва барқрасонӣ дар мамлакати мо сол аз сол тараққӣ мекунанд ва

кишвари мо дар ин соҳаҳо ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст. Ҳамаи ин пешрафтҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ истиқлолияти мамлакати моро мустаҳкам менамоянд.

Мо, шогирдони мактаб, аз он меболем, ки ҷашни истиқлоли кишвари мо дар арафаи Соли нави таҳсил баргузор мегардад. Шодиву хушҳолии мо аз ин бештар меафзояд, зеро дар ин рӯзҳо ид болои ид аст: ҳам ҷашни истиқлол ва ҳам оғози Соли нави таҳсил. Бинобар ин ҳам мо, шогирдони мактаб, бо ёрмандии омӯзгорони худ ба истиқболи муносиби ин ҷашнҳо тайёрӣ мебинем, ба ҷашн тӯҳфаҳо, таронаву рақсҳои нав ба нав омода месозем. Ман ҳам барои ҷашни Рӯзи истиқлол таронае таҳия кардаам, ки шеъри он ба қалами Раҳмат Назрӣ тааллуқ дорад:

Бо ту ман бе ормонам, эй Ватан,
Бе ту ман бехонумонам, эй Ватан.
Шукри он, ки бо маниву бо туам,
Бо ту бошам, як ҷаҳонам, эй Ватан.

Ман ин таронаро рӯзи ҷашн хоҳам хонд.

Ҷашни истиқлол дар кишвари мо ҷашни озодӣ ва дӯстии халқҳост, ҷашни сулҳу осоиш аст. Дар кишвари мо халқҳои ӯзбек, тоҷик, рус, қирғиз, қазоқ ва мардумони дигар дӯстонаву аҳлона зиндагӣ мекунанд. Дар Ӯзбекистон барои пешрафти фарҳангу адабиёти ҳар яки онҳо шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Мо кишвари худро дӯст медорем, бо пешрафту тараққиёти он мефахрем ва дар оянда мо низ дар ин кор ҳисса хоҳем гузошт.

## Савол ва супориш

1. Мафҳуми «Ватан» чӣ маънӣ дорад?
2. Дар бораи Ватани мо чӣ медонед?
3. Дар бораи деҳ ё шаҳри худ ва мардумони он нақл намоед.
4. Шеъреро, ки дар бораи деҳ, шаҳр ё кишвар аз ёд медонед, хонда диҳед.

Ҷӯра ҲОШИМӢ

# ВАТАН

Ту сар то сар зебоӣ,
Ту чун модар яктоӣ,
Мо дар ҷисми ту ҷонем,
Ту ҷон дар ҷисми моӣ,
Эй Ватан, эй ҷон Ватан.

Кӯҳистонат — тиллорез,
Саҳроҳоят — ҳосилхез
Дарёҳоят — кони нур,
Обу хокат — меҳрангез,
Эй Ватан, эй ҷон Ватан.

Одамҳоят — одамдӯст,
Бо ҳам ёру бо ҳам дӯст,
Мехоҳам бо ту бошад,
Ҷумла халқи олам дӯст,
Эй Ватан, эй ҷон Ватан.

## Супориш

1. Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.
2. Онро дар дарси суруд истифода намоед.

## ДЕҲАИ МО

Деҳаи мо хеле хурдакак аст. Он аз чор тараф бо кӯҳҳои осмонбӯс иҳота гардидааст. Сокинони деҳаи мо аз оби чашма нӯши ҷон мекунанд. Оби чашма хеле тоза, ширин ва шаффоф мебошад. Махсусан тобистон оби чашма сард ва нӯшиданӣ аст. Дар поёни деҳаи мо дарёи шӯхи Бойсун ра-вон аст.

Кӯҳу домани деҳаи мо боз ҳам зеботар аст. Дар кӯҳҳои мо рустаниҳои доруворӣ бисёранд. Модар ва хоҳаронамон ҳар гоҳ аз рустаниҳои доруворӣ чой дам карда медиҳанд ва аз алафҳои шифобахш самбӯсаву дигар ғизоҳои хушлаззат ме-пазанд.

Мо бачагон ҳам беҳуда намешинем. Дар чин-дани рустаниҳои шифобахш ба калонсолон ёрӣ медиҳем. Гов, буз ва гӯсфандҳоро ба чаро меба-рорем. Дар корҳои падару модар мадад мерасо-нем.

Агар ба деҳаи мо меҳмон шавед, дар ҳақиқат ба деҳаи беҳтарин будани он боварӣ ҳосил меку-нед. Охир мо аз ҳавои софу беғубор нафас ме-кашем, беҳтарин ғизоҳоро тановул мекунем, оби ширинтарин менӯшем. Ширу ҷурғоташро намегӯед. Гову бузҳои мо шири беҳтарин дар дунё доранд. Чунки онҳо низ аз алафҳои тозаву тар хӯрда, ғизо мегиранд.

Баҳори деҳаи мо сарсабз ва зебост. Одамон барои истироҳат ва нӯшидани оби шаффофи чашма чандин километрҳоро тай карда ба деҳаи мо меоянд.

Тирамоҳи деҳаи мо заррин ва зебо, зимисто-наш хеле хунук аст. Бинобар он мо бештар бо

китобхонӣ машғул мешавем. Барои ҳамин ҳам, ҳар як бачаи мактабхон дар деҳаи мо шеъру таронаҳои зиёдеро аз ёд медонад. Ҳикояву афсонаҳои зиёдеро хонда баромадааст.

Падару модарони мо ҳам кӯшиш мекунанд, ки мо зиёдтар хонему донем. Барои мо китобҳои шавқовар мехаранд. Моро бо меҳру муҳаббат ба мактаб гусел мекунанд.

Деҳаи моро макони афсонавӣ гӯем ҳам, муҳобот намешавад. Мо деҳаи худ, мактаби худ ва Ватани худро хеле дӯст медорем.

### Савол ва супориш

1. Деҳаи шумо чӣ хел аст?
2. Оё оби деҳаи шумо низ оби чашма аст?
3. Оё шумо гиёҳҳои шифобахш ҷамъоварӣ кардаед?
4. Деҳаи шумо бо кадом хусусиятҳояш номдор аст?
5. Аз рӯи мазмуни ҳикоя нақл нависед.

Ҷалол ИКРОМӢ

## ШАҲРИ ҚАДИМА

Офтоби сӯзони моҳи сунбула тамоми рӯз ба болои бомҳои пасту баланд, ба фазои кӯчаю пасткӯчаҳои бисёри шаҳри Бухоро, ки аз долу дарахт орӣ буданд, ба болои гунбадҳои масҷиду мадрасаҳои бисёре, ба болои тоқу равоқҳо ва манораҳо, ба болои пуштаҳо ва гӯрхонаҳо нури пурҳарорати худро пошида-пошида, хастаҳолона бо ранги сурх ба сӯи ғарб майл мекард.

Ин шаҳри қадима ва машҳури шарқзамин, ки садҳо ҳазор бор офтобро пешвоз гирифта ва гуселонидааст, рӯзҳои баду неки бисёреро ҳам аз сар гузаронидааст. Ин шаҳри қадима гоҳо мисли гулшан шукуфта, ба олам бӯи хуш ва сафо бах-

шидааст, мардони номиро парварида, ба оламиён илму адаб омӯхтааст. Ин шаҳри куҳан гоҳо ба боди хазони бадбахтӣ дучор гардида, ба тирагӣ фурӯ нишаста помол шудааст. Ин шаҳр, бо вуҷуди ҳамаи ин, намурда, зинда ба ҳолати имрӯзааш расидааст. Ҳоло ин шаҳр аз шуои сурхранги ғуруби офтоб музайян аст.

### Луғат

**Орӣ** — маҳрум, дур аз чизе.
**Музайян** — зебу зинат додашуда, ороста.

### Савол ва супориш

1. Шаҳри Бухорои қадимро нависанда чӣ гуна тасвир намудааст?
2. Рӯзҳои нек ва бади шаҳрро нависанда бо кадом суханҳо баён намудааст?
3. Дар бораи Бухоро ҳикоя тартиб диҳед.

Маҳбуба НЕЪМАТЗОДА

## ХОКИ ВАТАН

Орад ҳавои намнок,
Бар димоғам бӯи хок.
Бӯяки хоки Ватан,
Беҳ аз сад мушки Хутан.
Хоки Ватан дармонам,
Бо ӯ ман дар намонам.
Ба сад тиллою дирам,
Ба садҳо боғи Ирам.
Ҳаргиз намедиҳам ман,
Зарраи хоки Ватан.
Зеро дар оғӯши хок,
Дар оғӯши хоки пок,

Дарди дилаш нуҳуфта,
Модарҷони ман хуфта.
Модарҷони шеърхонам,
Чӣ розе дошт медонам.
Давоми умри ӯям,
Мислаш ғазал мегӯям.

## Савол ва супориш

1. Дар бораи бӯи Ватан шоира чӣ мегӯяд?
2. Ватанро шоира аз чиҳо баландтар шуморидааст?
3. Шеърро аз ёд кунед.

Ғаффоралӣ САФАР

# ДЕҲАИ МАН

Деҳаи ман дилкушост,
Деҳаи ман хушҳавост,
Дар байни кӯҳсор аст,
Арӯсаки баҳор аст.
Тоҷаш аз ситораҳост,
Нигинаш моҳи фазост,
Баҳораш лолазор аст.
Чун дасти ҳинадор аст.
Деҳи азизи ман ӯст,
Як пораи Ватан ӯст.

## Савол ва супориш

1. Шеър дар васфи чӣ навишта шудааст?
2. Шоир кадом сифатҳои деҳаро васф мекунад?
3. Сатри охири шеър «Як пораи Ватан ӯст» чӣ маъно дорад?
4. Деҳаи дар шеър тасвирёфтаро бо шаҳр ё деҳаи худ муқоиса кунед.
5. Дар бораи деҳаи шумо оё шоирон шеър навиштаанд?
6. Шеърро аз ёд кунед.

## САЙҚАЛИ РӮИ ЗАМИН

Самарқанди бостониро сайқали рӯи замин меноманд. Он яке аз шаҳрҳои қадимтарини Осиёи Марказист.

Самарқанд дар давоми даҳҳо аср пойтахти давлати Суғдиён буд. Донишмандон дар бораи маънои «Самарқанд» ҳамеша баҳсу мунозира доранд. Маълум аст, ки суғдиён ба дини Зардушт эътиқод доштанд ва оташпараст буданд. Мувофиқи маълумоти китобҳои қадимӣ аввалин оташкадаҳо дар Самарқанду Балх бунёд шудаанд. Ва бисёре аз донишмандон ақида доранд, ки Зардушт дар соҳили рӯди Дарғами Самарқанд таваллуд шудааст.

Гурӯҳе аз олимони забоншинос калимаҳои китоби муқаддаси оташпарастон «Авасто»-ро таҳқиқ карда, ба хулоса омаданд, ки Самарқанд маънии «шаҳри оташи муқаддас»-ро дорад. Номи қадимии он «Смараканд» аст ва «Смара» маънои оташи муқаддас (оташи сеҳрнок) ва «канд» маънии шаҳрро ифода менамояд.

Самарқанд таърихи беш аз се ҳазору панҷсадсола дорад. Дар замонҳои хеле қадим низ он ободу зебо буд. Ин шаҳрро борҳо истилогарон харобу ғорат кардаанд. Лашкарҳои Искандари Мақдунӣ, арабҳо ва муғулҳо ба Самарқанд тохту тоз намуда, қасру кӯшкҳои онро вайрон кардаанд ва асарҳои санъату китобҳои муқаддасро сӯзондаанд.

Либосҳои пурнақшу нигори суғдӣ, матоъҳои абрешимӣ, коғази аълосифат, маҳсулоти заргарӣ, аслиҳаҳои ҷангӣ ва меваҳои хушлаззату нони хуштаъми Самарқанд аз қадимулайём дар ҷаҳон машҳур будаанд.

Дар Самарқанд шахсиятҳои машҳури таърихӣ зиндагӣ кардаанд. Қаҳрамонони замонҳои қадим Спитамен, Ғӯрак, Хуршеди Корзанҷӣ, Деваштич, шоирону донишмандон Абӯҳафси Суғдӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Имом Муҳаммад Исмоили Бухорӣ, Хоҷа Абӯмансури Мотурудӣ, Дақиқии Самарқандӣ, Умари Хайём, Камолиддини Бинoӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Мирзо Улуғбек, Дарвешалии Чангӣ, Камолиддини Беҳзод ва даҳҳо намояндаи илму адабиёт ва санъат дар Самарқанд зиндагӣ, корнамоӣ ва эҷод намудаанд.

Меъмориву наққошиҳои давраи Суғдиён, Сомониён ва Темуриён дар Самарқанд чун ёдгориҳои нодир ҳифз мешаванд.

Самарқанди имрӯза яке аз калонтарин ва ободтарин шаҳрҳои кишвари мост. Дар он даҳҳо донишгоҳу донишкада ва таълимгоҳҳо, марказҳои илмӣ, фарҳангӣ, корхонаҳои бузурги саноатӣ фаъолият менамоянд.

Мо шаҳри худро дӯст медорем ва ҳамеша аз пайи ободии он мекӯшем.

### Савол ва супориш

1. Маънои калимаи «Самарқанд»-ро медонед?
2. Дар бораи Самарқанд чӣ гуфта метавонед?
3. Матнро хонед, шахсиятҳои таърихиро номбар кунед.

Мирзо ТУРСУНЗОДА

## УҚОБ

Ҳеҷ донӣ ту, ки уқоб чӣ сон
Меҳрубонӣ кунад ба фарзандон.
Чун баҳоре, ки аз дарахтони ҷавон,

Аввалин ғунчаро шавад ҷӯён.
Бори аввал уқоби зирак ҳам,
Хоҳад аз бачагон пари маҳкам.
Баъд берун аз ошён созад,
Дар фазои кушод андозад.
Гирдашон хеш бо парафшонӣ,
Аз ҳар офат кунад нигаҳбонӣ.
То ба онҳо паридан омӯзад,
Дуру наздик дидан омӯзад.
Чун бубинад, ки бачагони ӯ,
Мустақил мепаранд ба ҳар сӯ.
Худаш он гоҳ ифтихоркунон,
Бипарад бо тамоми фарзандон.

### Луғат

**Чӣ сон** — чӣ тавр, чӣ хел, чӣ гуна
**Фазо** — ҳавои кушод
**Ошён** — лона, хона
**Офат** — зиён, бало

### Савол ва супориш

1. Шеърро ифоданок хонед.
2. Дар бораи ғамхории падару модар нисбат ба фарзандон нақл кунед.
3. Ғамхории уқоб нисбат ба фарзандон чӣ хел ифода ёфтааст?

Камолиддин БИНОЙ

## ДАР ҲАҚҚИ УСТОД

Ҳаққи устод аз падар беш аст,
Аз падар устод дар пеш аст.
Гар падар аз ҳаёт баҳра диҳад,
Устод аз наҷот баҳра диҳад.

Гар падар тарбият кунад сад сол,
Нозу неъмат туро диҳад ба камол,
Наравӣ то ба хизмати устод,
Илму ирфон куҷо бигирӣ ёд?
Ҳурмати устод ҳар кӣ надошт,
Алами илм бар ҷаҳон нафрошт.

## Луғат

**Алам** — ливо, парчам, байрақ

**Афроштан** — баланд бардоштан; нафроштан — наафроштан, яъне баланд набардоштан

## Супориш

Мазмуни шеърро маънидод кунед.

Акобир ШАРИФӢ

# РАЪНО БА МАКТАБ МЕРАВАД

Раънояки гулрӯи мо,
Раънояки дилҷӯи мо,
Хурсанду хандон ин қадар
Монанди гулҳои саҳар.
Раънояки мо беқарор
Ҳамчун насими навбаҳор
Ҳар сӯ давад, бозӣ кунад,
Шодӣ, сарафрозӣ кунад.
Перояҳо бар кокулаш
Зебад ба рӯи чун гулаш.
Раънояки гулрӯи мо,
Раънояки дилҷӯи мо.

Ҳамроҳи модар, ҳам падар
Бо шавқу шодӣ ин саҳар
Бо боғча карда хайру хуш,
Бо зоча карда хайру хуш,
Шодон ба мактаб меравад,
Хандон ба мактаб меравад.

### Савол ва супориш

1. Дар шеър эҳсосоти кӣ ифода шудааст?
2. Шеърро ифоданок хонед.

Убайд РАҶАБ

## ЧИЛ ЧАШМА

Чил чашмаи беғубор,
Чил чанори соядор.
Чил чашма сар мезанад,
Аз решаи чил чанор.

Чил чашмаи беназир
Акси чил осмон аст.
Об не, чил ҷӯйи шир
Аз чил чашма равон аст.

Чил чашмаи булӯрӣ
Мисли чил шадда марҷон,
Дар рӯи синаи кӯҳ
Дона-дона овезон.

Чил чашма оби равон,
Чил кокули парешон.
Монанди обшорон
Бар дӯши кӯҳсорон.

Чил чашма пур-пури гул
Кӣ майли чидан дорад?
Чил чашмаи гулмоҳӣ
Кӣ майли дидан дорад?

Об аз рӯи себарга,
Себарга рӯ-рӯи об,
Дар паҳлӯи чил чашма
Себарга меравад хоб...

Чил чашма чил оина —
Оинаи мусаффо,
Чил чашма не, деҳи мо
Дорад чил чашми бино.

### Савол ва супориш

1. Дар шеър кадом манзара тасвир шудааст?
2. Шоир чашмаро ба чӣ монанд мекунад?
3. Бегӯед, ки дар шеър кадом ифодаи халқӣ истифода гардидааст.

Муҳиддин ФАРҲАТ

## ГУЛДАСТА БА МОДАР

Саҳар сӯи даман рафтам,
Тамошои чаман рафтам.
Ба назди ёсуман рафтам,
Ба илҳоми Ватан рафтам.

Ман аз кӯҳсор гул чидам,
Ман аз гулзор гул чидам,
Лаби ҷӯйбор гул чидам,
Аҷаб бисёр гул чидам.

Агарчи тирамоҳ имрӯз,
Табиат хайрхоҳ имрӯз,
Гулистон сайргоҳ имрӯз,
Бикун ҳар сӯ нигоҳ имрӯз.

Ту боғи пурсамар, модар,
Ту хуршеди саҳар, модар.
Ту бахти шӯълавар, модар!
Ту аз ҷон хубтар, модар!

Ман аз меҳрат сафо дорам,
Чу фарзандат вафо дорам.

### Савол ва супориш

1. Чаро шоирон Ватанро ба модар ташбеҳ (монанд) мекунанд?
2. Таъбири «Ватан-модар»-ро ба суханони худ шарҳ диҳед.

Исроил ИБРОҲИМ

## ГУНАҲКОР КИСТ?

### I

Аз назди ҳавлии Сарварино наҳри калоне мегузашт. Дар баҳорон ду тарафи наҳр аз сабзаҳои навдамида каб-кабуд мешавад. Гулҳои қоқу, зангӯла ва бунафша ду канори наҳрро боз ҳам дилработар менамуданд. Ду тарафи наҳр ҷои дӯстдоштаи бачагон буд, онҳо дар ҳамин ҷо ҷамъ шуда, ҳар хел бозиҳо мекарданд.

Дар лаби ҳамин наҳр Сарвар чанд бех ниҳоли борикак оварда шинонд. Ӯ ба бачаҳои аз худаш хурд таъкид карда гуфт:

— Инҳо ниҳоли тут, калон шуда, барг, ки бароварданд, ба кирмак медиҳем.

— Эҳ-ҳе, то инҳо калон мешаванд, ки...

— Ҳеҷ гап не, парвариш кунем, калон мешаванд, — гуфт вай.

Вақте ки ниҳолҳоро дар лаби ҷӯй мешинонд, фақат ба писарчаи ҳамсояашон — Нодир ном бача таъкид карда гуфт: «Ба ниҳолҳо касе нарасад».

Ҳамин ки ғалоғулаи бачаҳо баланд мешуд, Нодири хурдакак ба лаби наҳр тохта мебаромад, ки мабодо касе шохи ниҳолҳоро нашиканад.

## II

Тобистон шуд, сабзаҳои қади ҷӯйбор ҳам хазон шуданд, аммо ниҳолҳо шоху барг мебароварданд. Шоху баргҳои навсабзидаи ниҳолони тут бо вазидани шамол алвонҷ мехӯрданд. Сарвар қариб ҳар рӯз ниҳолҳояшро хабар мегирифт. Ӯ се-чор чӯби ростро дар атрофи ниҳолон кӯфта, онҳоро бо ресмон ба чӯбҳо мебаст, то ки дарахтчаҳои тут рост қад кашанд. Нодир ҳам ба вай ёрӣ медод.

Аммо дере нагузашта, Сарварино ба шаҳр кӯчида рафтанд. Сарвар нигоҳубини ниҳолонро ба ихтиёри Нодир супорид.

— Нағз нигоҳ кун, касе нашиканад, — хоҳиш кард ӯ.

Навдаҳои дарахтчаҳои тут торафт шоху барг бароварда, калон мешуданд, ки аз он хурсандии Нодир ҳадду ҳисоб надошт. Як рӯз Нодир рафта дид, ки дар шохчаҳои навсабзидаи ниҳолҳо ягонта ҳам барг нест. Ӯ хеле хафа ба хонаашон баргашт.

— Чӣ гап шуд? — пурсид бибиаш аз Нодир.

— Касе ниҳолҳоро нобуд кардааст.

— Сарвар ба ту бовар кард, туро бачаи нағз гуфта, ба ту супорида рафт. Ба ҷои ту дигар бача мешуд, касе ба ниҳолҳои ӯ намерасид.

Нодир сари хам менишаст, ба вай сахт алам карда буд, ки чаро рӯзҳои охир бепарво шуд. Пас аз ин вай ниҳолҳоро доимо хабар мегирифт. Саҳарии барвақт аз ҳавлиашон баромада дид, ки ду-се бузғолачае аз куҷо пайдо шуда, ба ниҳолҳо бо ду пои пеш часпида, баргҳоро канда-канда мехӯранд.

— Ана, ниҳолҳоро кӣ нобуд мекардааст, — гуфт ӯ худ ба худ ва химчаеро гирифта, «чаҳ» гӯён ба сари бузғолаҳо тохт.

Ҳамин вақт бибиаш сатил дар даст барои об аз ҳавлӣ баромад ва дид, кӣ Нодир бузғолаҳоро пеш мекунад. Ӯ ба писараш рӯ оварда гуфт:

— Ана дидӣ, гунаҳкор кӣ будааст? Агар хабардор нашавӣ, ҳамин бузғолаҳои хурдакак ҳам як олам зарар мерасонанд.

## Супориш

Порчаро бо диққат хонед, мазмунашро нақл кунед.

## Супориш дар хотимаи бахши аввали китоб

**1.** Шеърҳоеро, ки дар васфи Ватан, модар ва мактаб аз ёд кардаед, ифоданок хонед.

**2.** Шумо дар бораи муаллифони ин шеърҳо чиро медонед? Дар ин бора аз муаллим ёрмандӣ пурсед.

**3.** Лавҳаҳои мусаввари «Кишвари офтобии мо»-ро тартиб диҳед, барои расму суратҳо аз шеърҳо байт ё бандҳо интихоб намоед.

# ТИРАМОҲ ОМАД БА ДАШТУ КӮҲСОР,
# ҲОСИЛИ ПОЛИЗУ БӮСТОН БЕШУМОР.



Шӯҳрати бисёр дорад тирамоҳ,
Домани пурбор дорад тирамоҳ.

Мирзо ТУРСУНЗОДА

## ФАСЛИ НЕЪМАТБАХШ

*(Нақли шогирд)*

Тирамоҳро фасли заррин ва айёми ҳосилу неъматҳои зироат меноманд. Дар ҳақиқат дар ин фасл меҳнати деҳқонон, ки аз аввали баҳор ба кишту кор шурӯъ мекунанд, самар медиҳад. Мо ин самару неъмати ранҷу заҳмати зироаткорону боғдоронро дар ҳосили фаровони боғҳову полизҳо мебинем.

Дар ин фасл дар боғу полизҳо ва саҳроҳои беканор ҷамъоварии ҳосил оғоз меёбад. Хирманҳои ғаллаву пахта қад мекашанд, ангуру анҷир ва тарбузу харбузаҳои чун асал ширин дастархони моро оро медиҳанд. Мағозаву бозорҳо аз меваву ҳосили полизҳо пур мешаванд.

Мо ҳар сол ба боғдорони ноҳияи худ дар ҷамъоварии ангур ёрӣ медиҳем. Шогирдони мактаб як ҳафта ё даҳ рӯз дар маъракаи ангурканӣ иштирок мекунанд. Мо ҳамроҳи боғдорон ҳосилро ҷамъ оварда, онро ба мавизҷо мекашонем. Қисме аз ангурҳоро ба қуттиҳо андохта, ба мошин бор мекунем. Мошин онро ба мағозаи мевафурӯшӣ ё ба корхонаи консерв мебарад. Дар корхона шарбати ангурро барои зимистон тайёр мекунанд.

Дар боғи мо се-чор навъи ангур буд. Навъҳои дигари ангурро намедонистам. Ду сол боз дар маъракаи ангурканӣ иштирок мекунам ва аз боғдорон фаҳмидам, ки дар токзорҳои деҳоти мо бештар аз 20–25 навъи ангур парвариш меёфтаast. Номи бисёре аз онҳоро аз ёд кардам ва акнун аз барги ток ҳам онҳоро мешиносам. Ангур-

ҳои ҳусайнӣ, кишмиши сафеду сиёҳ, васарға, соҳибӣ, тоифӣ, бахтиёрӣ, маска, тагобӣ, шибурғонӣ, чашми гӯсола, дили кафтар ва ғайра аз ангурҳои беҳтарин ба шумор меравaнд. Донистам, ки мавизи кишмиши сиёҳ ва мавизи соягии кишмиши сафеди мо дар тамоми дунё беҳтарин ба шумор мерафтаанд.

Тирамоҳ бо ҳама зебоӣ ва фаровонии меваҳо, ба назари ман, аз фаслҳои беҳтарини сол аст.

### Савол ва супориш

1. Тирамоҳро чаро фасли неъматбахш мегӯянд?
2. Шумо боз кадом навъҳои ангурро медонед?
3. Бигӯед, ки мавизи офтобӣ аз мавизи соягӣ чӣ фарқ дорад.

Шодон ҲАНИФ

## ҲАМКОРӢ

Бобо Шаҳоб қариби шом аз саҳро баргашту каланди худро дар оби ҷӯи назди ҳавлӣ шуста, ба болои суфа гузошт. Аз чӣ сабаб буд, ки имрӯз дар абрӯвони ғафси ба болои чашмонаш хамида ва пешонаи ӯ як ғаму ташвиш намоён буд. Ӯ ба касе ҳарфе назада, аз тахмон бистарро гирифта, ба паҳлӯяш гузошт ва дар рӯи қолин дароз кашид. Фикри Бобо Шаҳоб ба ҳалли кадом як масъала банд буд.

Беҳрӯз ба назди бобояш чой оварда монду худ аз раф китоберо гирифта, машғули хондан шуд. Вай ҳис кард, ки дар саҳро ягон кори бобояш омад накардааст. Дар ин гуна мавридҳо Бобо Шаҳоб аз рӯи одати худ риши мошу биринҷашро

бо ангуштонаш ҳилол зада, ба дарёи хаёл фурӯ мерафт.

Бобо Шаҳоб чойро бод доду аз зери абрӯвонаш ба Беҳрӯз нигоҳ карда пурсид:

— Дар китобат чиҳо навишта шудааст?

— Ин китоби ҳикматҳои Абӯалӣ ибни Сино, — ҷавоб дод Беҳрӯз.

— Канӣ, чорта хон, чиҳо гуфтааст, — хоҳиш кард Бобо Шаҳоб.

Беҳрӯз аз китоб байте хонд, ки дар он бо мазмуни «Кори имрӯзаро ба фардо нагузор» сухан мерафт.

— Бар падараш раҳмат! — бо хурсандӣ хитоб кард Бобо Шаҳоб ва баъди каме сукунат илова намуд. — Дар ҳақиқат кори имрӯзаро, ки ба фардо гузоштӣ, на аз умрат барака мебинию на аз корат, писарам. Кори саҳрои мо баръакси ин гапҳо шуд. Аз обмонии пахта мо як рӯз не, балки як ҳафта ақиб мондем.

Бобо Шаҳоб оҳи бадард кашида, хомӯш монд. Ин дам гӯё чинҳои пешонааш зиёд мешуд. Дар чашмони ба дарун кашидааш аломати қаҳру ғазаб шӯъла мезад. Вай ба пиёла чои гарм рехта, дусе ҳӯрт нӯшиду нақли худро ҳасратомез давом дод:

— Дар пахтазори замини навкорами мо юрмонҳои бисёре пайдо шуда, заминро шикофта, лона мондаанд. Атрофро хилват дидаву ба ҷӯякҳои пахта тохту тоз карда, ниҳолҳоро шикаста истодаанд. Ба замин об, ки мондӣ, ба лонаи онҳо шорида медарояд ва аз кадом як канори майдон балақ-балақ ҷӯшида мебарояду заминро шуста меравад. Ниҳолҳои нозук дар зери обу гил мемонанд. Ҳарчанд фикр мекунем, чораашро наёфта истодаем.

Беҳрӯз мақсади бобояшро зуд фаҳмид ва бисёр фикр накарда гуфт:

— Чораашро мо меёбем, бобо. Ана мебинед, ки худи пагоҳ дар пахтазор аз юрмонҳо ному нишоне намемонад.

— Шумоён киҳо? — бо тааҷҷуб пурсид Бобо Шаҳоб.

— Ману ҳамсинфҳоям, — ҷавоб дод Беҳрӯз.

Рӯзи дигар Беҳрӯз барвақт аз хоб хеста, ҷӯраҳояшро ҷамъ карду ба назди муаллими зоология рафт. Беҳрӯз ба ӯ гуфтаҳои бобояшро нақл кард. Муаллим ба бачаҳо гуфт:

— Ҳозир ба мактаб меравем. Дар лаборатория карбон тайёр карда, ба халтачаҳо меандозем. Онро шумоён бурда, кам-кам ба сӯрохи лонаи юрмонҳо сар медиҳед. Ана баъд мебинед, ки юрмонҳо аз камҳавоӣ безобита шуда, ниҳоят карахт аз лонаҳояшон баромадан мегиранд.

Худи ҳамон рӯз бачаҳо бо ин усул нуздаҳ юрмон шикор карданд, ки аз пӯсти онҳо якто пӯстини гарм дӯхтан мумкин буд. Ҷӯраҳо ба кор чунон бо шавқ часпиданд, ки ҳатто аз сару рӯяшон арақ мешорид.

Гашти рӯз Бобо Шаҳоб ва Қодир саркор, ҳар кадом дар бағал яктоӣ тарбузи калон, ба назди бачаҳо омаданд. Бобо Шаҳоб юрмонҳои шикоркардаи онҳоро дида, аз хурсандӣ қариб тарбузро аз бағалаш афтонд. Ӯ кӯдаквор табассум мекард.

Қодир саркор тарбузашро дар сари марза монду бачагонро бо ишораи даст ба назди худ ҷеғ зада гуфт:

— Офарин, йигитчаҳо! Шумо мушкили моро осон гардондед. Акнун ба пахта хатар нест. Қодир сар-

кор тарбузи дарунаш лола барин суп-сурхро карч карда истода гуфт:

— Ин тарбузро хӯред, маззааш чанд рӯз аз даҳонатон намеравад. Ин навъи тарбуз ихтирои Бобо Шаҳоб аст. Дар ҷои беоб мерӯяд, полиз ҳам надорад.

— Чӣ хел тарбуз будааст, ки полиз надоштааст? Об ҳам намехӯрдааст? — чашмашро аз шарбати гулобиранги тарбуз наканда, кунҷковона пурсид Амон.

— Тарбузи сеҳрнок, шакари тағо, — хушҳолона ҷавоб дод Қодир саркор. — Ин тарбузи бомаззаро палак дигар асту реша дигар.

— Инро чӣ тавр фикр карда ёфтаед, бобо? — пурсид Беҳрӯз.

— Осонакак, — ҷавоб дод Бобо Шаҳоб. — Ман донаки тарбузро бо решаи янтоқ хешу табор кардам. Худди исканапайванди олучаву гелос барин.

— Магар онҳо дарров гирифтанд?

— Аввалҳо хеле ба ташвиш мононданд. Дар айни гул кардани тарбуз реша об надода мемонд ва палаки бечора хушк мешуд. Ба ҷои вай навдаи нави янтоқ сабз шуда ғӯраҳои сурхи талх мебаст.

— Баъд чӣ шуд? — пурсиданд бачаҳо.

— Баъд тухми тарбузро камтар сабз карда, рӯзҳои аввали навдадиҳии янтоқ ба он пайванд кардам, гирифт. Акнун тамоми тобистон решаи янтоқ аз фармони тарбуз берун не. Аз замини чуқур ба вай обу ғизо кашида медиҳад.

— Ба мо ҳам пайванди янтоқу тарбузро ёд медиҳед, бобо? — пурсид Беҳрӯз аз бобояш.

— Ёд медиҳам. Ту имрӯз бо ҷӯраҳоят мушкили моро осон кардӣ. Акнун ман ин ихтирои худро, ки солҳо боз таҷриба карда меомадаму аз вай касе хабар надошт, ба туву ҷӯраҳоят мебахшам.

Қодир саркор ҳайрон буд, ки Бобо Шаҳоб чӣ тавр якбора розӣ шуд, ки ин ҳунари худро ба бачагон ёд диҳад...

Бобо Шаҳоб пеш-пешу бачагон аз ақиби ӯ ба сӯи кишти тарбузҳои сеҳрнок равон шуданд.

### Савол ва супориш

1. Бобо Шаҳоб аз чӣ шикоят кард?
2. Вай чӣ маслиҳат доду бачаҳо чӣ кор карданд?
3. Бобо асрори кадом корро ба бачаҳо нишон дод?
4. Мазмуни ҳикояро мухтасаран нақл кунед.

Баҳром ФИРӮЗ

## АККАҲО

### I

Боре аккаи ало чормағзи ба рег гӯр кардагии маро дуздид ва чанд рӯзе бо кунҷковӣ аз паи ин паррандаи зираку чолок афтодам.

Ҳунари аккаи ало ё чунон ки дар баъзе маҳалҳо мегӯянд, алошақшақа бо ин адо намешавад. Акка дар аксари маҳалҳо ба дуздӣ низ машҳур аст. Мегӯянд, ки вай чунон мурғи бефаҳм аст, ки ҳар чизи ба чангаш афтодагиро, хоҳ ба вай даркор бошад, хоҳ не, медуздад. Аз ростӣ, дар болои бом қурут хушк кунем, акка ҳатман аз он насибашро мебарад. Қурути туршу шӯрро чӣ мекунад, ҳеҷ намефаҳмам. Хӯрданашро надидаам, вале дар нӯлаш қурут аз бомамон париданашро чандин

бор дидам. Балки мехӯрдагист, кӣ медонад. Мақол ҳаст-ку, дили акка оши турш мехоҳад. Бештар дар ҳаққи касони хомтамаъ, ҳамин хел мегӯянд. Хайр бигирем, ки акка қурутро мехӯрад ва ё барои зимистон захира мекунад, аммо аккаи ало чумчаи чӯбинро чӣ мекунад, ҳеҷ кас намедонад. Ман ҳам намедонам. Дар боғамон як дарахти азими муруд буд. Дар шохи баланди муруд хонаи акка мудом диққати маро ба худ мекашид. Боре бо азоб ба он шох баромадам, дар байни чӯбҳои лонааш як чумчаро ҳам дида будам. Ман чумчадуздиашро ҳам ба чашми худам дидагӣ. Ҳавлиҳои деҳаи мо, агар дида бошед, дар ёнаи кӯҳ, зинапоя барин боми яке ба дигаре дархона аст. Дар хона мо болои боми зинхонаамон шолча густурда, шабу рӯз дар он ҷо менишинем, хӯрок мехӯрем, хоб мекунем.

Як пагоҳӣ ман косаи ширчойи очаам пухтагиро тез-тез хӯрдаму аз паи коре саросема ба хонаам даромадам. Гашта бароям, ду акка аз сари дастархон парид: дар нӯли яке чумча.

— Оча, оча! — тохта ба ошхона ба назди очаам рафтам. — Акка чумча мехӯрад-чӣ? Ман аз хона бароям, чумчаи ширчойро гирифта парид.

— Сад бор гуфтам, хӯрокатро хӯру дастархонро печон. Аз дасти ин исқот дар рӯзгор чумча намонд, — гуфтанд модарам.

— Акка чумчаро чӣ мекунад? Мехӯрад? А?

— Кӣ медонад, чӣ мекунад, — аз паи кори худ буданд модарам.

— Хайр, барои чӣ мебарад-а, оча?

— Мебарад исқот, намедонам вассачӯби гӯраш месозад...

## II

Ман сонитар аз бачаҳо фаҳмидам, ки аккаҳо баъзе чизҳои дигарро ҳам медуздидаанд, ки ҳаргиз ба онҳо даркор нест. Яке аз ҷӯраҳои ман қасам хӯрд, ки бо чашмаш бурдани носкадуи бобояшро дидааст. Дигаре гуфт, ки сумкаи укочаашро ба офтоб монанд, акка гирифта гурехт.

Шавқмандии аккаҳо ба ашёи рӯзгори одамон маро ҳайрон мекард. Аз ҳама бештар духтари имом — Хадича моро тарсонд:

— Акка барои ҳамин хел duздиаш ба дуои бади кадом як азизу авлиё гирифтор шудагӣ, — гуфт вай боре исроромез овозашро паст карда. — Он кас дар сари қаҳр гуфтаанд, ки «э, тухмат аз даҳонат ояд!» Барои ҳамин акка аз даҳонаш тухм мезояд...

— Акка тухми паррандаҳои дигарро дуздида мехӯрад. Ту аҷаб не дар нӯлаш тухмро дида... — ба ҳар ҳол эътироз кардам.

Миёни бачаҳо аз ин хусус баҳс бархосту мо ба ду гурӯҳ тақсим шудем ва оқибат бо даъвои худ ба назди муаллим рафтем. Муаллими зоологияамон «акка ҳам монанди дигар паррандаҳо тухм мекунад» гуфт, аммо ин сухан тарафи муқобилро қонеъ накард.

Дар деҳаи мо аккаро барои дуздиаш маломат кунанд ҳам, барои хабарбиёриаш аксар таҳсин мекунанд. Агар ба хонавода меҳмон ё ягон каси наздики он омаданӣ бошад, чанд соат пештар акка сар-сари боми он хонавода ҷаҳида, шақшаққунон хабар медиҳад. Балки алоқамандии шақ-шақи аккаю омадани меҳмон мавҳумот бошад, аммо мардум ба дурустии ин амр сахт бовар доранд.

Акка дар сари boму девори мо ҳам борҳо шақ-шақ мекард.

— Даҳанатба қанду асал, мудом хушхабар би-ёр, — гуфта модарам зуд ба тайёрӣ ва рӯфтурӯби хонаю ҳавлӣ сар мекарданд.

Он солҳо деҳқонон ба давлат аз 15–20 сотих замини рӯидарича ва як модагову даҳ сар моли резаашон ҳар хел андоз медоданд: равған, гӯшт, тухм, пашм... Аз рӯи гуфти модарам баъзан андозчӣ омаданӣ бошад ҳам, акка шақ-шақ карда хабар медод. Агар андозро сари вақт надодагӣ бошанду омада, моҷаро сар кардани андозчиро нахоҳанд, очаам аккаҳоро бо кулӯх зада меронданд:

— Киш-е, исқот! Шақ-шақат сарата хӯрад, киш!..

Ман ба он кас фаҳмонданӣ мешудам, ки бо аккаро рондан андозчӣ аз раҳаш гашта қафо на-меравад. Он кас дар ҷавоби ман лабханд мекар-данду бас.

Фаромӯш нашавад, сухан дар бораи чормағзи маро дуздидани аккаҳо буд. Он солҳо дар кӯҳсо-ри мо ҳанӯз кабк бисёр буду шикори онро ҳам манъ накарда буданд. Ман саҳарӣ ба кӯҳ барома-даму дар сари як чашмае, ки кабку кабкчӯҷаҳо мудом ба он ҷо обхӯрӣ меомаданд, ҷела мондам.

Дар бозгашт гузарам аз чормарғзор афтоду ба як дарахт баромада як бағал чормағзи кабуд кан-дам. Мағзаш пухта расидагӣ бошад ҳам, чормағз ҳанӯз ба осонӣ луччак намешуд. Ба ёдам расид, ки агар чормағзро ба реги тафсон гӯр кунам, ба осонӣ пӯсташ ҷудо мешавад. Зуд регзор ҳам ёфтам ва чуқур кофта чормағзро дар он гӯр кар-дам. Шох кашида сихмола кардаму паи поямро

аз рег рӯфтам, то ки ягон кас аз ӯраам хабар наёбад.

## III

Бо вуҷуди ин ҳама пешгирӣ ҳафтаи дигар омадам, ки ӯраи чормағз холӣ! Кӣ бошад ҳам, ба майли хотир чормағзҳоро аз пӯсташ ҷудо карда гирифтааст. Пӯсти кабуди он, ки ҳоло дар офтоб сиёҳ шудаву печида, тоб хӯрдаву паҳну парешон буд, ба ин далолат мекард. Ҳайрон шудам. Дараки чормағзро кӣ фаҳмидааст? Чӣ хел? Охир одамизод саги бӯйгир не-ку! Дурусттар назар кунам, дар атроф на пайи одам, на пайи ҳайвон, фақат гӯгирдчӯб барин нақши пои парранда. Ба ёдам омад, боре аз дадаам пурсида будам: «Ба ин кӯҳҳо кӣ дарахти чормағзу бодом шинондагӣ?» «Аккаҳо, — гуфта буданд он кас. — Аккаҳои ало аз боғҳо чормағзу бодомро мегиранду ба ин ҷойҳо оварда дар таги сангу зов гӯр мекунанд, то ки зимистон хӯранд. Баъд баъзеи он мева дар хок монда, баҳори дигар ниҳол мерӯяд».

Ин дам ду акка парида омаданду дуртар аз ман рӯи санг нишаста, бо ҳам шақ-шаққунон ба гуфтугӯ даромаданд. Онҳо ба якдигар навбат надода, шақ-шақ мекарданду беором аз санг ба санг меҷаҳиданд. Гумон мекардед, ки агар наҷаҳанд, овози ин мурғон аз гулӯ намебарояд. Онҳо монанди аспи ишкел ду пои худро баробар бардошта, сабук ҷаҳида аз санг мегузаштанд. Ҳис кардам, ки онҳо чормағзи маро дуздидаанду ҳоло ба ҳоли ман механданд. Аламам бештар аланга гирифт.

«Аккаҳо чормағзи маро ба куҷо бурда, руст карда бошанд?» Фикр кардам, фикр кардаму оқибат ба ҳамин қарор омадам: ба ин ҷо боз каме чормағз гӯр мекунаму мепоям. Канӣ бинам, чормағзро ба куҷо мебаранд. Гап дар сари садта чормағз не, дар кӯҳ чормағз бисёр, ман намехоҳам, ки акка маро гӯл гумон кунад.

Аз қафои акка поидан кори осон набудаст! Ман аз хурдӣ каму беш бо шикор машғулам ва ҳар кас медонад, ки ин кор аз одам сабру бардошт талаб мекунад. Одами бесабр сайди калонро як сӯ монед, аз наҳр моҳӣ дошта наметавонад! Аммо бо ин аккаҳо тоқати мани пурсабр ҳам тоқ шуд. Аккаҳо чунин мурғи зираке будаанд, ки ҳеҷ монед!.. Маро то як километр раҳ гусел карда, сонӣ омада, чормағз мекашонанд. Ман аз дур ба кадом сӯ парвоз кардани онҳоро мушоҳида кардаму баъд чарх зада рафта, дар сари роҳашон руст шудам. Ба сару танам алаф баста дар байни шоххо чунон пинҳон гаштам, ки гӯё душмани маккореро мепоида бошам.

Хулласи калом, баъди меҳнати дуру дароз ба анбори аккаҳо наздик расидам. Ҳар ду ҳам дар нӯл чормағз парида омада, ба ковокии санге медаромаданд. Парида омада, рост ба «шахи анбори худ» наменишастанд. Аввал дар онсӯтар, болои санги баланде қарор гирифта, аз санг ба санг ҳаллос зада, бодиққат атрофро мушоҳида мекарданд. Баъди он ки хотирҷамъ шуданд, бо навбат ба ковокии санг даромада, бозёфташонро гӯр карда мебаромаданд.

Ман реги камари шахро кофта, ду-дуним кило барин чормағзу бодом ёфтам. Чормағзаш, асосан,

чормағзи худам кандагӣ буд: лӯнда — лӯндаи лайс, мағзаш сафед. Ман чормағзи худамро ҷудо карда гирифтаму аз моли аккаҳо фақат ду дона бодом шикаста хӯрдам. Баъд домани куртаамро ба даруни шим андохта, камарбандамро сахт кашида бастаму чормағзро даруни куртаам андохтам. Шақаршақари чормағзи луччак дар бағал ба гӯшам форам мерасид ё худ ин нашъаи ғалабаам буд, намедонам, ба ҳар ҳол, мисли он ки сайди калоне гирифта бошам, хушнуд будам.

Аз ковокии санг акнун берун мешудам, ки ногоҳ аз кучҷое аккаҳо парида омаданду чунон ғавғо бардоштанд!.. Қариб дарафтанд-е! Якташ чанд бор ба китфам зада гузашт.

— Ана, ҳамин хел, аккаҳои дузд! Баъд аз ин коратонро дониста кунед, — ҷиддӣ гуфтам ман аз иҳотаи онҳо гузаштаравон. — Моли ҳаром ба тани ҳеҷ кас ош нашудааст, ба ин сухани пирамон бовар кунед!

Аккаҳо бо валвала аз санг ба санг ҷаҳида, маро то хеле роҳ таъқиб карданд. Ман беихтиёр як байт шеъри дар байни бачаҳо машҳурро такрор ба такрор мегуфтам:

Аккаи ало ду пар дорад,
Аз ҳар бало хабар дорад.

## Савол ва супориш

1. Қаҳрамони ҳикоя сабаби чиро меҷуст?
2. Вай ба худ чиро исбот кардан мехост?
3. Нақл кунед, ки шумо ҳам нисбат ба рафтори касе ё чизе чунин кунҷковӣ кардаед?

Олимхон ИСМАТӢ

## ГАНҶИ НИҲОН

*(Мазмун аз халқ)*

Буд яке ё набуд,
Дар деҳе як хона буд,
Хонаи як пир буд,
Пири батадбир буд.
Ӯ ҳама дам кор дошт,
Боғи пур аз бор дошт,
Дур намешуд аз он,
То нашавад он хазон...
Пир яке шуд касал,
Боғ бимонд аз амал.
Баъд як андеша кард,
Фикри наве пеша кард.
Баччаи худро бихонд,
Дар сари болин нишонд.
Гуфт ба ӯ: —
«Гӯш кун,
Ақл куну ҳуш кун,
Ё таҳи ин ток буд,
Ё таҳи он нок буд,
Ё таҳи хурмову тут,
Ё таҳи нахли муруд,
Ё таҳи ин ё ки он,
Нест ба ёдам аён,
Ганҷ ниҳон кардаам,
Бар ту баён кардаам.
Бел бигиру бикоб,

Ҳаст агарчи азоб.
Бачаи ҳушёр бош,
Аз паи ин кор бош».
Пир чу инро бигуфт,
Чашм бипӯшиду хуфт.

* * *

Авҷи баҳорон расид,
Қатраи борон расид.
Бачча ба фикри падар
Баст зи ҳиммат камар,
Бо ҳама ҳастии худ
Аз паи ганҷина шуд.
Бар ба бари боғро,
Сар ба сари боғро
Белу каланд бинмуд,
Пасту баланд бинмуд,
Гарчи саропо бикофт,
Ганҷи падарро наёфт.
Хотираш озурда гашт,
Аз нияти худ гузашт.
Лек чу ҳосил расид,
Мева ба ҳил-ҳил расид,
Ҷумлаи нахли қатор
Пешу пас омад ба бор —
Як тараф олуву тут,
Ноку биҳиву муруд.
Як тараф анҷирзор,
Ангуру себу анор.
Мева надорад ҳисоб,

Шаҳд шудаст он азоб.
Гашт аён бар писар
Ҳикмату сирри падар,
Дар таҳаки ину он
Нест зи ганҷе нишон,
Балки буда ганҷи ӯ
Меҳнати ӯ, ранҷи ӯ.
Ёфт аз ин қисса ин
Маънии хотирнишин:
— Ганҷ биорад ба даст
Мардуми заҳматпараст!

### Савол ва супориш

1. Оё ба мазмуни ин ҳикоят мақоли «Ранҷ ганҷ оварад» мувофиқ меояд?
2. Ҳикоят кадом хислатро талқин мекунад? Номбар кунед.
3. Дар асоси мазмуни ҳикоят нақли хаттӣ нависед.

Абдураҳим БЕҲРӮЗ

## ДЕҲАИ МО — ГУЛДАРА

Деҳаи мо Гулдара
Дорад аҷаб манзара.
Обаки чашмасорон
Ҷӯш занад нуқрасон.
Қад-қади ёна аҷиб
Арчаҳои сарнишеб,
Гул ба сари сангзор,
Гул ба лаби ҷӯйбор.

Меваҳои хел-хел
Шоха ба шоха ҳамел.
Ангуру себи хубон,
Пиставу ноку челон.
Чукриву торон ин ҷост,
Зира фаровон ин ҷост.
Қақраи кабкон ба гӯш,
Савти ҳазорон ба гӯш.
Хоҳӣ агар тамошо,
Биё ба деҳаи мо,
Деҳаи мо беназир,
Дар бари кӯҳу адир.

## Супориш

Шеърро аз ёд кунед.

Маҳбуба НЕЪМАТЗОДА

## БОҒИ ШАМОЛ

Ба деҳи Боғи Шамол
Шамол омад аз шимол.
Омад баҳри сайру гашт
Аз рӯи ёлаву дашт.
Шамол омад саҳарӣ,
Дар пояш кафши зарӣ.
Шамолак ҳар сӯ давид,
Ногаҳ себистоне дид.
Давид он бар-бари боғ,
Даромад аз дари боғ,
Бӯса зад аз рӯи себ,

Маст шуд аз бӯи себ.
Шохаҳоро ҳай ҷунбонд,
Дар шохаҳо себ намонд.
Себаки сурхи рахшон
Ҳар сӯ бишуд парешон,
Рӯи замин яксара
Пур шуд аз себи сара.
Рӯзи дигар дар дӯкон
Чӣ хубе, шуд себ арзон.

## Супориш

Шеърро аз ёд кунед.

# АЗ ГАНҶИНАИ ЭҶОДИЁТИ ХАЛҚ



Тезгӯяку чистон хуш аст,
Таронаву достон хуш аст.

## ЯК ЛАЪЛӢ МАРҶОН

Духтараме, духтарам,
Баҳои сад хум зарам.
Аз сад писар беҳтарам,
Хирвори зар духтарам,
Панири тар духтарам,
Ширу шакар духтарам.
Духтар дорам гул барин,
Дастаи сунбул барин,
Себи сари пул барин,
Тӯтиву булбул барин.
Мушку қаламфур барин,
Донаи ангур барин.
Химчаиларзон барин,
Лолаи хандон барин.
Келини Холҷон барин,
Як лаълӣ марҷон барин!

### Супориш

Ин шеъри халқиро аз ёд кунед.

## ГАРДАМ САРАКИ ДОДОМ

Олуча гули бодом,
Ман духтараки додом.
Додом мана нағз бинад,
Гардам сараки додом.

Олуча гули бодом,
Ман духтараки додом.

Додом, ки ба боғ ояд,
Ман дум-думаки додом.

Олуча гули бодом,
Ман духтараки додом,
Додом мана гум кунад,
Ман дар бараки додом.

Олуча гули бодом,
Ман духтараки додом.
Додом шишта чой хӯрад,
Ман чойрезаки додом.

### Савол ва супориш

1. Оё Шумо намунаҳои дигари ин таронаи халқиро медонед?
2. Шеърро ифоданок хонед ва банди дилхоҳатонро аз ёд кунед.

## ДАВИДЕМУ ДАВИДЕМ

Давидему давидем,
Сари Чорсу расидем.
Ӯсмаи тар харидем,
Пеши арӯс давидем.
Арӯс дар болохона,
Домод дар меҳмонхона.
Арӯсба ӯсма кардем,
Чашмаша сурма кардем.
Атру упо ба рӯяш,
Тоҷи тилло ба мӯяш.

Арӯс зулфаш тоб дод,
Домод аспаш об дод.

## Савол ва супориш

**1.** Дар ин шеъри халқӣ кадом расму оин тасвир шудааст?
**2.** Шумо дар ҳамин мавзӯъ боз кадом шеъри халқиро гуфта метавонед?

# ГУРБАИ МАН

Гурбаи ман ҳалқадум,
Ҷои хобаш пушти хум.
Сари роҳаш муши шум,
Ҷабраки ҷони мушон.

Гурбаи ман паҳлавон,
Дар пушташ сияҳкамон,
Бар сари муш шуд равон,
Ҷабраки ҷони мушон.

Гурбаи ман алояст,
Алояки балояст.
Сайёди бебаҳояст,
Ҷабраки ҷони мушон.

## Супориш

**1.** Агар дар бораи ҳайвонҳои хонагӣ шеърҳои дигарро донед, хонда диҳед.

## ГУНҶИШК

Гунҷишки даштӣ,
Гаштиву гаштӣ.
Барои мӯят
Шона наёфтӣ.
Шона, ки ёфтӣ,
Хона наёфтӣ.
Хона, ки ёфтӣ,
Дона наёфтӣ.

## АККА

Акка, акка, ало ту,
Думат боло, бало ту.
Қанотакат рахти ту,
Дарахтакон тахти ту.
Акка, акка, пар дорӣ,
Аз ҳар ҷо хабар дорӣ.
Нома аз додар биёр,
Муждаи хоҳар биёр.

### Савол ва супориш

1. Дар бораи паррандаҳо боз кадом шеърҳои халқиро медонед?
2. Аз шеърҳои бачагонаи маҳал ё шаҳри худ дар ин мавзӯъ намунаҳо хонед.

# САВСАНБИБӢ

(Афсона)

## I

Буданд, набуданд, дар як замоневу дар як маконе зану шавҳаре буданд. Онҳо чаҳор нафар писар доштанду духтар надоштанд. Писарҳо ҳар вақт ба модарашон мегуфтанд:

— Модарҷон мо хоҳар мехоҳем.

Писарҳо ҳамеша ба кӯҳсор барои шикор мерафтанд ва бузи кӯҳӣ, оҳу ва гӯсфанди ёбоӣ шикор карда меоварданд.

Рӯзе писарҳо маслиҳат карданд, ки дар байни кӯҳҳои сарбафалак дар шикоргоҳе истиқомат карда, бо шикор машғул шаванд. Онҳо ба модарашон гуфтанд:

— Модарҷон, мо ба роҳи дур сафар дорем, дер бармегардем. Агар то омадан хоҳардор шавем, фармоед, ки ба дарвоза чарх овезанд ва агар писар шавад, камон овезанд.

Писарҳо инро гуфтанду камону аслиҳа ва чизу чораи худро гирифта, ба шикоргоҳ рафтанд.

Дар замоне, ки онҳо ба шикоргоҳ рафтанд, модарашон ҳомила будааст. Бахташон хандиду ин дафъа модар духтар таваллуд кард.

Модар хеле хурсанд шуду ба доя гуфт:

— Раведу ба дарвоза чарх овезед. Бачаҳоям биёянд, мебинанду хурсанд мешаванд,

Доя ба дарвоза чарх овехт.

Писарони модар душмани бисёр доштанд.

Душманҳо шабона омаданду чархро гирифтанд ва ба ҷои он камон овехтанд.

Вақте ки писарҳо аз шикор баргаштанд, диданд, ки болои дарвоза камон овезон аст. Онҳо байни худ гуфтанд:

— Очаи мо боз писар зоидааст.

Писарон ба ҳавлӣ надаромада, боз ба шикоргоҳ баргаштанд. Он ҷо ба шуғли шикор идома доданд...

Духтареро, ки таваллуд шуд, Савсанбибӣ ном карданд. Аз байн чанд сол гузашт, духтарак калон шуд. Рӯзе вай дар кӯча бозӣ мекард, ки духтарҳои ҳамсоя ба Савсанбибӣ таъна заданд:

— Ту бепою қадам ҳастӣ. Ту таваллуд шудӣ, акаҳоят гум гаштанд. Бо мо дигар бозӣ накун.

Савсанбибӣ аз ин таъна ғамгин шуд ва гирёну нолон ба хона омаду ба модараш гуфт:

— Росташро гӯед, ман ака дорам ё не?

Модар гуфт:

— Ҳа, духтарам, як не, ду не, чаҳор ака дорӣ.

— Акаҳоям дар куҷоянд?

Модар ҷавоб дод:

— Намедонам, пеш аз таваллуд шудани ту ба шикор рафтанду дигар барнагаштанд. Агар дидан хоҳӣ, онҳоро ҷустуҷӯ кун.

Савсанбибӣ бо чашмони гирёну дили ғамгин ба роҳ даромад. Чанд рӯз роҳ рафт, аз дашту дарё гузашт, аз кӯҳу саҳро гузашт ва ба лаби як чашма расид. Вай хост, ки дам гирад. Ҳамин вақт мӯйсафеди нуроние пайдо шуд. Мӯйсафед аҳволи духтарро диду раҳмаш омад ва гуфт:

— Эй духтар, чаро ин қадар ғамгину парешонхотирӣ? Бигӯ, то чорае андешем.

Савсанбибӣ бо чашмони умед ба мӯйсафед нигоҳ карду воқеаро нақл намуд.

Мӯйсафед суханони Савсанбибиро гӯш карду гуфт:

— Ёфтани акаҳоят душвор нест. Агар ҳамроҳат кулчаву нон дошта бошӣ, ба ҳо, ана, он баландии кӯҳ барову як кулчаро ғелон. Баъд аз қафояш рафтан гир, ба муроду мақсадат мерасӣ.

Савсанбибӣ ба болои кӯҳ баромад, аз бастаи худ як кулчаро бароварду ғелонд ва аз пасаш рафтан гирифт. Дар бари кӯҳ як ҳавлӣ буд. Кулча ба таги дари ҳамон ҳавлӣ расиду истод.

Савсанбибӣ ба ҳавлӣ даромад. Дид, ки дар хонаҳо ҳеҷ кас нест, дар девори хона сайди бисёре овехтаанд, хумҳо пури равған, сандуқҳо пури орд.

Вай аз сандуқ орд гирифт, хамир кард, як оши орди сергӯшту равған пухт. Ҳамаро тайёр карду худаш дар даруни як сандуқ пинҳон шуд.

Акаҳояш омада диданд, ки касе ошу нону кулча пухтаву ҳамаро тайёр карда мондааст. Онҳо дар ҳайрат афтоданд, ки ин кори кӣ бошад. «Хайр, пагоҳ мефаҳмем» гуфтанду ошу нонро хӯрданд.

## II

Рӯзи дигар бародарон ба шикор рафтанду додари хурдӣ дар хона монд, то ки воқеаро бифаҳмад. Вай худро ба хоб зад ва бо чашмони нимпӯшида хонаро назора мекард. Як вақт дид, ки духтари нозанине аз сандуқ баромад. Духтар орд

гирифта хамир кард, нон пухт, ош тайёр намуд. Ҷавон бесаброна аз ҷой бархосту назди Савсанбибӣ рафт ва пурсид:

— Ту кистӣ? Инсӣ ё ҷинсӣ? Ё парӣ ҳастӣ?

Савсанбибӣ гуфт:

— Ман хоҳари шумо ҳастам.

Ҷавон гуфт:

— Мо хоҳар надорем.

Савсанбибӣ ҳамаи воқеаро аз аввал то ба охир ҳикоят кард. Акаву хоҳар бисёр хурсанд шуданд, ҳамдигарро ба оғӯш кашида, бӯсиданд.

Дере нагузашта, бародарони дигар низ аз шикор омаданд.

Бародари хурдӣ ба онҳо гуфт:

— Шодиёна диҳед, хоҳарамон омадааст.

Бародарон гуфтанд:

— Мо хоҳар надорем.

Бародари хурдӣ гуфт:

— Модарамон духтар таваллуд карда будааст, аммо душманҳо хиёнат карда, аз болои дарвоза чархро гирифта, камон овехтаанд.

Бародарҳо хоҳарашонро ба оғӯш гирифта бӯсиданд, ҳолпурсӣ карданд ва хеле хурсанд буданд.

Савсанбибӣ чанд вақт дар он ҷо бо бародаронаш хушу хурсанд зиндагӣ кард.

Духтарак як бегоҳ ғамгинона оҳ кашид.

Акаҳояш пурсиданд:

— Барои чӣ оҳ мекашӣ?

Духтарак гуфт:

— Падару модарамро бисёр ёд кардам.

Бародарон низ гуфтанд:

— Мо ҳам падару модару деҳаамонро хеле ёд кардем. Иншооллоҳ, пагоҳ ба хона бармегардем.

Савсанбибӣ бо бародаронаш, ки онҳоро пайдо намуд, ба деҳа баргашт, бо падару модар ва акаҳояш хушҳолона зиндагӣ кард, ба мурод у мақсадаш расид.

### Савол ва супориш

1. Чаро бародарон дар шикоргоҳ хеле дер истоданд?
2. Духтарон чаро ба Савсанбибӣ таъна мезаданд?
3. Чархи ресандагӣ дар болои дарвоза аломати чӣ буд ва камон аз чӣ далолат мекард?
4. Мӯйсафеди нуронӣ ба Савсанбибӣ чӣ маслиҳат дод?
5. Аз рӯи мундариҷаи афсона нақли хаттӣ нависед.

## ОЛУБОЛУВУ ШАФТОЛУ

*(аз бозиҳои халқӣ)*

Ҳашт нафар духтару писар ҷамъ мешаванд. Шумурак мекунанд ва Ҳайдарро саркор интихоб менамоянд. Ҳайдар аз ҳамаи бозингарон хоҳиш мекунад, ки ангушти ишоратии дасти росташонро рӯи кафи ӯ гузоранд. Бачаҳо талаби саркорро ба ҷо меоранд. Ҳайдар ба хондани суруди бозӣ оғоз мекунад:

Олуболуву шафтолу,
Дарахти себу олу,
Аз боло куланг омад,
Чӯҷакуланг ланг омад.
Поён омад, ба санг зад,
Карахт шуду ба чанг зад.

Ҳамин ки суруд ба охир расад, бачаҳо ангушташонро аз кафи Ҳайдар мекашанд. Ҳайдар сурудро боз такрор менамояд. Ин дафъа ангушти Наргис ба чанги саркор меафтад, яъне вай наметавонад, ки сари вақт ангушташро аз кафи саркор кашад. Бозигарон Наргисро иҳота мекунанд. Саркор мепурсад:

— Наргис!
— Лаббай!
— Аз куҷо омадӣ?
— Аз шаҳри Ҳорун!
— Чӣ овардӣ?
— Тухму собун!
— Наргис!
— Лаббай!
— Кай омадӣ?
— Бегоҳ.
— Чӣ овардӣ?
— Ҳино.
— Чӣ кор мекунӣ?
— Мебандам ба дасту по.
— Наргис!
— Лаббай!
— Зоға мегирӣ ё занбӯра?
— Зоға!

Ҳамаи бозигарон овози зоғро тақлид мекунанд, ангуштони дасти росташонро ба нӯли зоғ монанд месозанд ва Наргисро «нӯл» мезананд.

Наргис кӯшиш мекунад, ки яке аз ин «зоғ»-ҳоро дастгир намояд. Ҷалил ба даст меафтад ва ба ҷои Наргис мебарояд. Саркор ин дафъа бо Ҷалил саволу ҷавоб мекунад:

— Ҷалилҷон!
— Лаббай!
— Аз куҷо омадӣ?
— Аз Самарқанд.
— Чӣ овардӣ?
— Кулчаву қанд.
— Ҷалилҷон!
— Лаббай.
— Кай омадӣ?
— Ҳамин саҳар.
— Чӣ овардӣ?
— Ҳалвои тар.
— Бо кӣ меҳрӣ?
— Бо Холназар!
— Кай меҳрӣ?
— Бегоҳитар!
— Ҷалилҷон!
— Лаббай!
— Мурғони парпоя мегирӣ ё бузаки ҷингила-поя?
— Бузаки ҷингилапоя!

Ҳамаи бозигарон ду даст ба чаккаашон бурда, бузаки шохдорро тақлид мекунанду ба Ҷалил «ҳуҷум» меоранд, яъне «шох» мезананд.

Ҷалил бо чусту чолокӣ Дилбарро медорад ва ба давра мекашад.

Бозӣ бо қоидаи маълум аз нав оғоз меёбад.

## Супориш

Қоидаи бозиро омӯхта, онро дар вақти танаффус ё дарси берун аз синф саҳнагузорӣ намоед. Саволу ҷавобҳо бояд қофиядор бошанд.

## ЧИСТОНҲО

Тагаш сангу санг нест,
Болош сангу санг нест.
Чор по дорад, гов нест,
Морсар асту мор нест.

* * *

Чист он лӯъбате, ки ҷонаш нест,
Сулфаҳо мекунад, даҳонаш нест,
Гиряҳо мекунад, надорад чашм,
Хандаҳо мекунад, лабонаш нест.

* * *

Болои бед,
Тухми сафед.

* * *

Аз кӯҳ омад чу масте,
Шохчаи гул ба дасте.
Мегиряду менолад,
«Вой, кифтакам шикасте!»

* * *

Зимистон — мазор,
Тобистон — бозор.

* * *

Як ҷуфт кабӯтари алоянд,
Ҷуфтанду зи ҳамдигар ҷудоянд.
Парвоз кунанд рӯйи олам,
Аз хонаи худ бурун наоянд.

* * *

Чун осиё гардиданаш,
Чун аждаҳо ғурриданаш.
Оҳанхӯру оташфишон
Мори сияҳ бар гарданаш.

## ТЕЗГӮЯКҲО

Сармои сахт шиша шикаст,
Шохи шамшод шилшила баст.

* * *

Шаш паси шаш шасту шаш.

* * *

Шаст сада шинондем,
Шаст шамшод.

* * *

Алӣ Валиро Алӣ гуфт,
Валӣ Алиро Валӣ.

### Савол ва супориш

1. Тезгӯякҳо дар хондани матн чӣ аҳамият доранд?
2. Кӯшед, ки тезгӯякҳоро бурро ва тез талаффуз намоед.

# САЁҲАТ БА ОЛАМИ АФСОНАҲО



Олами афсонаҳо рангин бувад,
Шодиафзо гоҳу гаҳ ғамгин бувад.

## ШИКОРИ ШЕР ВА РӮБОҲ

*(афсонаи мардумӣ)*

### I

Рӯзе рӯбоҳе дар саҳро решаи алафро канда мехӯрд. Аз куҷое шере пайдо шуду пурсид:

— Эй, аҳмақ, чӣ кор мекунӣ?

Рӯбоҳ гуфт:

— Гуруснаам, хӯрок мехӯрам.

Шер гуфт:

— Магар аз алаф шикамат сер мешавад? Биё, ҳамроҳ шикор мекунем.

Рӯбоҳ розӣ шуд. Дар як гӯшаи дури саҳро галаи аспҳо мечариданд. Шеру рӯбоҳ ба мақсади шикор сӯи галаи аспон рафтанд. Вақте ки ба галаи аспон наздик шуданд, шер ба шикор омода гардид ва аз рӯбоҳ пурсид:

— Мӯи танам сих шуд?

Рӯбоҳ гуфт:

— Не!

Шер бо ғазаб гуфт:

— Чашмонам сурх шуданд?

Рӯбоҳ ҷавоб дод:

— Не!

Шер боз пурсид:

— Думам рост шуд?

Рӯбоҳ посух дод:

— Не!

Шер ба қаҳру ғазаб омад ва бо даҳшат гуфт:

— Эй, тарсончаку буздил! Ман ҳарчи гӯям, ту тасдиқ бикун!

Рӯбоҳ аз тарсу ҳарос суханони шерро такрор карду гуфт:

— Эй шоҳи беша! Думат росту мӯи баданат сиху чашмонат чунон сурх шуданд, ки аз ҳайбатат аждаҳо ҳам метарсад.

Шер аз суханони рӯбоҳ қувват гирифту ба аспе ҳамла овард. Асп афтид. Шер ба хӯрдани сайди худ оғоз кард. Рӯбоҳ низ ба вай шарик шуд. Шиками худро сер кард.

## II

Рӯзи дигар рӯбоҳ хост, ки ба танҳоӣ шикор кунад. Вай ба шикор мерафт, ки ба харгӯше дучор омад. Рӯбоҳ ба харгӯш гуфт:

— Харгӯш, биё бо ман, ба шикор меравем.

Рӯбоҳ ҳамроҳи харгӯш ба назди галаи аспон омад. Рӯбоҳ ба шери пурқуввату чолок тақлид карда, аз харгӯш пурсид:

— Мӯйҳои баданам сих шуд?

Харгӯш гуфт:

— Не!

Рӯбоҳ боз пурсид:

— Думам рост шуд?

Харгӯш ҷавоб дод:

— Не!

Рӯбоҳ бори дигар пурсон шуд:

— Чашмонам сурх шуданд?

Харгӯш оромона посух дод:

— Не! Дар ту ҳеҷ дигаргуние намебинам.

Он гоҳ рӯбоҳ дарғазаб шуду бо қаҳру ситеза ба харгӯш гуфт:

— «Не! Не...» нагӯй! Ҳарчӣ гӯям, тасдиқ бикун!

Харгӯш бо андаке тарсу ҳарос суханони рӯбоҳро тасдиқ кард:

— Мӯйҳои баданат сих, думат росту чашмонат суп-сурх шуданд! Ҳар кас, ки туро бинад, мегӯяд, ки шери жаён ҳастӣ...

Рӯбоҳ дар ин лаҳза эҳсос кард, ки дар воқеъ шери жаён аст ва бо чолокие ба сӯи аспе ҷаҳид, то онро аз по афтонад. Асп чунон ба сари рӯбоҳ лагад зад, ки гӯё аз сумаш оташ парид. Сару рӯи рӯбоҳ хуншор шуд. Вай бемаҷолу беҳуш гашту ба замин дароз кашид.

Харгӯш хуни сару рӯи рӯбоҳро диду гуфт:

— Акнун дар ҳақиқат думат росту мӯи баданат сиху чашмонат сурх шуданд.

Харгӯш ба худписандии рӯбоҳ хандаи тамасхуромезе карду ҷаҳида-ҷаҳида ба сӯи хонаи худ рафт.

Ҷисми беҷони рӯбоҳи нодон рӯи саҳро мехобид.

### Савол ва супориш

**1.** Рӯбоҳ чаро ба чунин ҳол афтод?
**2.** Ин афсона кадом хислатро тамасхур мекунад?
**3.** Мазмуни афсонаро бо суханҳои худ нақл намоед.

## РӮБОҲ ВА АККА

*(афсонаи мардумӣ)*

Рӯбоҳ хурӯсеро дид. Хост, ки ӯро фиреб диҳад ва бихӯрад. Кораш барор накард. Баъд ба хурӯс гуфт:

Эй хурӯс, ман хеле хаста шудаам, роҳам дур аст. Аз танҳоӣ метарсам. Биё, бо ман ҳамроҳ шав.

Хурӯс розӣ шуд. Рӯбоҳу хурӯс мерафтанд, ки аз роҳ кабке баромад. Кабк ба хурӯс гуфт:

— Хурӯси нодон, туро ин рӯбоҳ мехӯрад! Ҳамроҳи ӯ куҷо меравӣ?

Хурӯс гуфт:

— Ин пиру хастааст. Ба роҳи дур сафар мекунад. Биё, андак ӯро ҳамроҳӣ кунем.

Кабк ҳам ҳамроҳ шуд. Боз каме роҳ рафтанд, ки як акка аз пешашон баромад. Акка хурӯсу кабкро бо рӯбоҳ диду ҳайрон шуд ва гуфт:

— Эй нодонҳо! Ин рӯбоҳ шуморо мехӯрад! Шумо бо вай куҷо меравед?

Хурӯс гуфт:

— Ин қадар шақ-шақ накун! Мо аз рӯбоҳ наметарсем. Вай пир асту хаста, аммо роҳи дуру дарозро бояд тай кунад. Мо то дараи дигар ба ӯ ҳамроҳӣ мекунем.

Кабк гуфт:

— Кори хайр мекунем. Биё, то онсӯтар бо мо бош!

Акка ҳам ба рӯбоҳу хурӯсу кабк ҳамроҳ гардид. Онҳо хеле роҳ тай намуданд. Офтоб дар паси кӯҳ пинҳон шуду ҳаво кам-кам торик гашт. Рӯбоҳ назди ғоре омаду гуфт:

— Ошноҳо, акнун шом шуд. Ҳамаамон хаста шудем. Биёед, шабро дар ҳамин ҷо саҳар мекунем.

Рӯбоҳ хурӯсу кабку аккаро даъват кард, ки ба ғор дароянд. Хурӯсу кабку акка ба ғор дохил шуданд. Рӯбоҳ дар даромадгоҳи ғор хобид.

Каме аз ними шаб гузашта буд, ки хурӯс бо овози баланд бонг зад. Рӯбоҳ бедор шуду фарёд кард:

— Хурӯси лаънатӣ! Хоби маро ҳаром кардӣ!

Вай бо чолокӣ ба ғор даромаду хурӯсро дошт ва берун баровaрду хӯрд.

Қариби саҳар кабк бедор шуду ба хониш даромад. Рӯбоҳ дарғазаб гардиду гуфт:

— Эй кабк! Хоби ширинамро ҳаром кардӣ!

Вай боз дохили ғор шуду кабкро бо як ҷаҳидан дошт ва пар канду бихӯрд.

Субҳи бармаҳал рӯбоҳ ба акка гуфт:

— Акка, ҳо, акка! Баро, рӯз шуд, роҳамонро давом медиҳем.

Акка дид, ки аз хурӯсу кабк нишоне нест. Ба рӯбоҳ хубтар зеҳн монд ва фаҳмид, ки авзои рӯбоҳ беҷост. Акка шақ-шаққунон гирди ғор париду ба рӯбоҳ гуфт:

— Ана, хирси калоне омадааст. Ҳолат хароб шуд!

Рӯбоҳ тарсида, аз ғор берун баромад. Акка аз ақиби ӯ зуд берун шуду парид. Рӯбоҳ аз паси акка давид. Акка ба лаби ҷарӣ нишаст. Рӯбоҳ оҳиста аз ақиби ӯ омаду хост, ки дастгир кунад. Акка худро ба мурда заду ба ҷар партофт. Рӯбоҳ ба сӯи акка ҷаҳид ва ба поин афтода, ба замин заду мурд.

Акка париду рафт.

## Савол ва супориш

1. Рӯбоҳи фиребгар чӣ мақсад дошт?
2. Аккаи ҳушёр чӣ ҳиларо пеш гирифт?
3. Мазмуни афсонаро нақл кунед.

# ҲЕЗУМКАШ ВА МОР

*(афсонаи мардумӣ)*

## I

Буд, набуд, ҳезумкаше буд. Вай ҳар рӯз ба беша мерафту ҳезум ҷамъ мекард, баъд ба бозор мебурду мефурӯхт. Вай аз пули ҳезум рӯзгори худро таъмин менамуд. Боре ба беша омад ва дид, ки чакалакзори назди беша оташ гирифтааст. Наздик омад. Назар кард ва мореро дид, ки байни оташ монда буд. Мор худро ба ҳар сӯ мезад, то аз оташ наҷот ёбад. Дили ҳезумкаш ба мор сӯхт. Вай халтаеро, ки бо худ дошт, ба нӯги ходаи дарозе баста, сӯи мор дароз кард. Мор ба халта даромад. Ҳезумкаш халтаро кашида гирифту морро аз он раҳо намуда, ба роҳаш рафтан гирифт. Чанд қадам пеш рафта буд, ки фишшоси мор ба гӯшаш расид. Ҳезумкаш ба ақиб нигарист. Мор сарашро бардошта, аз паси ӯ мехазид. Вай сарашро болотар карду сахттар фишшос зад ва гуфт:

— Эй мард, ман туро захр мезанам!

Мард гуфт:

— Ин чӣ корест, ки ба ман раво мебинӣ?

Мор наздиктар омаду гуфт:

— Магар нашунидаӣ, ки ба ивази некӣ бадӣ мекунанд? Хоҳӣ, нахоҳӣ, ба ту захр мезанам.

Ҳезумкаш гуфт:

— Не, ман ба сухани ту розӣ нестам. Ҳамеша ба некӣ бо некӣ ҷавоб медиҳанд. Бовар накунӣ, аз ягон кас мепурсем. Агар сухани ту ҳақ бошад, майлат, он гоҳ маро захр зан.

Ҳезумкаш ва мор ҳамин тавр маслиҳат кардан-ду ба роҳ баромаданд. Ҳезумкаш пешопеш ме-рафт ва мор аз ақиби ӯ мехазид.

## II

Онҳо дар наздикии полизе бо харе вохӯрданд.

Ҳезумкаш ба хар гуфт:

— Бигӯ, ки ба ивази некӣ некӣ мекунанд ё бадӣ? Ман ин морро аз оташ наҷот додам, вале ӯ маро заҳр заданист. Магар ин аз рӯи адлу ин-соф аст?

Хар лаҳзае сарашро поин карду баъд ҷавоб дод:

— Ман як умр хизмати соҳибамро кардам. Вақ-те ки қувват доштам, ҳам худаш ва ҳам борашро кашондам. Шабу рӯз кор мекардам. Акнун, ки пиру бемадор шудаам, соҳибам маро аз хона пеш кард. Магар ин кораш аз рӯи адлу инсоф аст? Вай ба ивази некиҳои ман бадӣ кард...

Мор суханони харро шунида, хурсанд шуд ва сарашро боло бардошта, ба ҳезумкаш гуфт:

— Дидӣ?! Сухани ман рост будааст. Ба некӣ некӣ намекунанд. Акнун ман туро заҳр мезанам.

Ҳезумкаш ба мор гуфт:

— Биё, боз аз ягон каси дигар ҳам пурсем.

Ҳезумкашу мор ба тарафи деҳа мерафтанд, ки ба гове дучор омаданд. Ҳезумкаш аз гов пурсид:

— Эй дӯсти одамизод, бигӯ, ки ба ивази некӣ бадӣ мекунанд? Ман ин морро аз оташ наҷот додам, вале вай ба ивази некиам маро заҳр за-данист...

Гови пир сар поин кард ва ба тарафи деҳа як нигаристу баъд ба ҳезумкаш гуфт:

— Эҳ, одамизод, ба ту чӣ гӯям? Дар куҷо дидаӣ, ки ба некӣ некӣ карда бошанд? Ман солҳои дароз аҳли оилаи соҳибамро бо шир таъмин мекардам. Аз шири ман қаймоқу маска, ҷурғоту чакка мехӯрданд. Акнун дар пирӣ аз шир мондаам. Гови бешир ба соҳибаш лозим нест. Соҳиби ман мехоҳад, ки маро ба куштан диҳад. Ин магар аз рӯи инсоф аст?

Мор дид, ки гов низ суханҳои ӯро тасдиқ кард, қувват гирифт, фишшосзанон сарашро боло бардошту ба ҳезумкаш гуфт:

— Гуфтам-ку, ба некӣ бо бадӣ ҷавоб медиҳанд. Беҳуда овора нашав, инро ҳама медонад. Беҳтараш, биё, туро заҳр занаму аз паси корам равам.

Ҳезумкаш ғамгин шуд ва аз мор хоҳиш кард:

— Андаке сабр намо, одатан аз се кас мепурсанд. Биё, боз аз як каси дигар бипурсем, ки чӣ мегӯяд. Агар сухани туро тасдиқ кунад, баъд аз он ихтиёри ман ба дасти туст.

## III

Ҳезумкаш ва мор роҳи худро давом доданд. Ҳезумкаш бо сари хам ва бо сад хаёлу андеша сӯи деҳа қадам мезад. Мор мисли ин, ки бар рақиби худ ғолиб омадааст, аз паси ҳезумкаш печу тоб хӯрда, бо пайраҳа мехазид ва ҳар замон садо мебаровард. Ҳезумкаш дар дил гумон дошт, ки

мор метавонад ҳар лаҳза ба ӯ ҳамла намояд. Ниҳоят, онҳо дар наздикии деҳа ба деҳқоне рӯ ба рӯ шуданд. Ҳезумкаш бо деҳқон ҳолпурсӣ карду сипас гуфт:

— Эй марди савобҷӯ, ҳақиқати ин масъаларо маълум намо. Ин мор, ки мебинӣ, байни оташ монда буд. Бо халтаам онро аз он ҷо бароварда, аз марг наҷот додам. Акнун вай ба ивази некии ман ва ба ҷои миннатдорӣ ба ман заҳр зада, маро куштанист. Магар ин аз рӯи адолат аст? Оё ба некӣ бадӣ мекунанд?

Мард аввал ба мор нигарист. Баъд ба ҳезумкаш нигоҳ кард. Вай ба халтае, ки дар дасти ҳезумкаш буд, ишора намуда гуфт:

— Ҳеҷ бовар намекунам, ки чунин мори калон ба ин халтаи хурд ҷой гирад.

Мор гуфт:

— Ҷой мегирам! Меғунҷам!

Мард ба мор нигаристу гуфт:

— Бовар намекунам. Канӣ, ба халта даро, бинам, баъд ҳақиқати кори шуморо мегӯям.

Ҳезумкаш халтаро ба замин гузошту даҳони онро кушод. Мор ба халта даромад.

Марди деҳқон ба ҳезумкаш гуфт:

— Зуд даҳони халтаро банд!

Ҳезумкаш бо шитоб даҳони халтаро баст ва бори дигар бастаашро санҷид.

— Маҳкам шуд!

Марди деҳқон ба ҳезумкаш наздиктар омаду гуфт:

— Маслиҳат ҳамин. Морро бубару ба оташ

парто! Сазои оне, ки ба ивази некӣ бадӣ мекунад, ҳамин аст!

Ҳезумкаш халтаро пуштора карда, ба сӯи чакалакзоре, ки месӯхт, равон шуд.

### Савол ва супориш барои се бахши афсона

1. Ҳезумкаш дар беша чиро дид?
2. Вай чиро наҷот дод?
3. Мор ба ҳезумкаш чӣ гуфт?
4. Онҳо ба чӣ қарор омаданд?
5. Ҳезумкашу мор бо чӣ дучор омаданд?
6. Ҷавоби хар чӣ буд?
7. Гов дар ҷавоб чӣ гуфт?
8. Ҳезумкаш бори охирин чӣ хоҳиш кард?
9. Марди деҳқон ба ҳезумкаш чӣ маслиҳат дод ва хулосаи вай чӣ буд?
10. Афсонаро бори дигар бихонед ва мазмунашро бо суханони худ нақл намоед.

Ҳусайн Воизи КОШИФӢ

## МАСЛИҲАТИ ХАРЧАНГ

Ғуке дар ҷои хушҳавои лаби кӯле дар ҳамсоягии море хона сохта, он ҷо зиндагӣ мекард. Мор хунхору золим буд. Ҳар гоҳ, ки ғук бача мекард, мор бачаҳои ғукро мехӯрд. Ғук ҳамеша дар фироқи фарзандон ашк мерехт.

Ғуки бечора бо харчанге дӯстӣ дошт. Рӯзе назди харчанг рафт ва шикоят кард:

— Эй рафиқи шафиқ! Биё, тораву тадбире андеш, ки як душмани пурзӯр дорам ва аз дасти ӯ ҳолам табоҳ аст. На бо ӯ як ҷо зиндагӣ карда метавонам, на аз он ҷо ба ҷои дигар рафта

метавонам. Хонаам дар ҷои хушҳавову дилкаш аст. Чунин манзилро ҳеҷ кас тарк намекунад.

Харчанг ба суханони ғук гӯш доду лаҳзае андеша кард ва гуфт:

— Ғам махӯр! Душмани тавоноро бо каманди ҳила бастану рақиби ғолибро дар дами макр афкандан мумкин аст.

Ғук гуфт:

— Ту китоби ҳилаву найрангро бисёр хондаӣ. Дар бобати дафъи душмани бадандешу золими ман чӣ тадбире фикр кардӣ?

Харчанг гуфт:

— Дар зери фалон бутта саги обӣ хона дорад. Вай бисёр бадхашм аст. Ту чанд моҳича шикор куну аз пеши сӯрохи хонаи вай то манзили мор моҳичаҳоро гузор. Саги обӣ он моҳичаҳоро як-як хӯрда, то ба сӯрохи мор мерасад ва морро низ мехӯрад. Ба ҳамин ҳила ту ва фарзандҳоят аз ҷабру зулми мор раҳо меёбед.

Ғук ин ҳиларо ба кор бурд. Саги обӣ моҳиҳоро як-як хӯрду морро ҳам, ки дар хонааш буд, хӯрд. Чун ғук дид, ки саги обӣ душманашро аз байн бурд, хеле шод шуд.

Аз байн ду-се рӯз гузашт. Саги обӣ, ки ба моҳичаҳои тайёр одат карда буд, аз хонааш баромаду боз ба ҳамон сӯ равон гардид. Вай ин бор дар роҳ моҳие пайдо накард ва дар поёни роҳ ба хонаи ғук расиду онро бо ҷумлаи бачаҳояш бихӯрд.

Бо маслиҳати беҷои харчанг ҳам ғук ва ҳам душмани ӯ мори золим аз байн рафт.

## Савол ва супориш

1. Ғук ба харчанг аз чӣ шикоят кард?
2. Харчанг дар бобати нобуд кардани мор чӣ маслиҳат дод?
3. Мазмуни ҳикоятро нақл намоед ва бигӯед, ки пешниҳоди харчанг дуруст буд?

Маҷди ХОФӢ

# ШУТУРИ ПИРУ ХАРИ ЛОҒАР

Соҳибони хару шутур ба сабаби пирӣ ва лоғарӣ онҳоро ба саҳро раҳо карданд. Хару шутур бо ҳам аҳд бастанд, ки дар саҳрои беканор аз ҳам ҷудо намешаванд.

Онҳо ба марғзоре расиданд, ки ҳавояш хушу обаш дилкаш буд. Чанд рӯз дар он марғзор чариданд ва тани лоғару пушти реш (яғир)-и худро даво карданд.

Рӯзе хар болои пуштае баромад ва дид, ки қумрӣ мисли мутрибони хушилҳон месарояд ва булбулон дар васфи сарву гулу сабза тараннум мекунанд. Хар ин лаҳза ба шутур рӯй оварду гуфт:

— Бародар, ман ҳам мехоҳам, ки бихонам ва паррандаҳоро ба парвоз орам.

Шутур гуфт:

— Зинҳор ин корро накун, ки овози нохуш дорӣ ва паррандаҳову одамонро нороҳат мекунӣ.

Хар гуфт:

— Ман дар ҳофизӣ заҳмат кашидаам ва дар мусиқӣ ранҷҳо дидаам. Биё, ман қарсак занам, ту рақс намо. Рӯзу шаб — бисту чаҳор соат кайфу сафо кунем.

Шутур каме бадқаҳр шуд ва таъкид кард:

— Ин андешаро аз сарат дур намо. Роҳ наздик аст. Агар корвон гузараду овози туро бишнаванд, зери бор мемонӣ. Он гоҳ пушаймон хоҳӣ шуд.

Хари беандеша маслиҳати шутурро гӯш накард. Бо тамоми овоз дар марғзор дод зад. Дар ин асно аз роҳ корвон мегузашт. Корвониён овози харро шунида, зуд омаданду хару шутурро доштанду бурданд. Онҳо ба хару шутур ҳар чӣ бор карданду ба корвон ҳамроҳ намуданд.

Андаке роҳ рафтанд, ки хар бозистод. Бори харро ба шутур гузоштанд. Хари бебор боз каме роҳ рафту бозистод. Ин бор хари лоғарро ба болои бори шутур ниҳоданд. Чун андаке роҳ рафтанд, шутур низ истод.

Хар аз шутур пурсид:

— Эй шутур, чаро намеравӣ?

Шутур ҷавоб дод:

— Мехоҳам, ки рақс кунам.

Хар бо тааҷҷуб пурсид:

— Эй нодон, магар вақти рақс аст?

Шутур гуфт:

— Завқи рақс карданам омад.

Хар гуфт:

— Аз чӣ сабаб?

Шутур гуфт:

— Аз он овози хуши ту, ки дар марғзор шунидам, шавқи рақс омад.

Шутур инро гуфту ба рақс даромад. Хар аз болои бори шутур афтод ва гарданаш бишкаст.

### Савол ва супориш

1. Чаро хару шутурро ба саҳро сар доданд?
2. Онҳо чӣ аҳд намуданд?
3. Хар чӣ мехосту шутур чӣ гуфт?
4. Мазмуни ҳикоятро нақл кунед ва бигӯед, ки дар он кадом хислат мазаммат шудааст.

## КАРГАС ВА МӮРЧА

*(афсонаи мардумӣ)*

Дар қуллаи кӯҳи баланд каргасе нишаста буд. Як вақт ба замин нигоҳ карду дид, ки мӯрчаяке донаи гандумро бардошта, ғалтону хезон мебарад.

— Эй мӯрчаи нодон! — гуфт каргас. — Як зарра ҷон дориву чаро беҳуда зӯр мезанӣ? Нашунидаӣ, ки мегӯянд: «Зӯри беҳуда миён шиканад» Нохост дар таги дона монӣ, пачақ шуда, ҳолат хароб мешавад.

Ин ҳавобаландиву калонгапии каргас ба дили мӯрча сахт расид ва мӯрча ба каргас гуфт:

— Ба хурдии ман кори ту набошад. Чӣ кор карданамро худам нағз медонам. Ту, ки ин қадар ҳавобаландӣ мекунӣ, аз дастат чӣ меояд?

Каргас гуфт:

— Чӣ?! Ту маро беҳунар гумон кардӣ? Намедонӣ, ки чашмони ман як дона арзанро аз дуродур дида метавонад.

— Ин тавр бошад, як ба атроф нигоҳ кун, ки дар куҷо чӣ мебинӣ?

Каргас ба чаҳор тараф нигоҳ карду сипас гуфт:

— Дар паси як бутта гандуми бисёр рехтагӣ. Аз ақиби ман биё, мебинию ба чашмони ман қоил мешавӣ.

Каргас инро гуфту парида рафт. Мӯрча худ ба худ гуфт: «Шояд гапаш рост бошад, мераваму мебинам». Мӯрча ба он сӯ, ки каргас парид, оҳиста-оҳиста рафт. Вай роҳи бисёреро тай кард. Ниҳоят ба бутта наздик шуд. Ногаҳон фарёди каргас ба гӯшаш расид:

— Мӯрчаҷон, мӯрчаҷон! Ту дар куҷоӣ? Ба ман ёрӣ деҳ, ки мемурам.

Мӯрчаяк давида-давида пеши каргас омад. Дид, ки бар гардани каргас дом ва худи ӯ дар миёни донҳои гандуму ҷав дароз кашида мехобид. Вай намеҷунбид, нафас ҳам намекашид. Мӯрчаяк ба болои сари каргас рафту бо таассуф гуфт:

— Ин аст сазои касе, ки домро надида, донро бинад.

## Савол ва супориш

1. Каргас чӣ хислат дошт?
2. Вай ба мӯрча чӣ гуфт?
3. Оқибати ҳавобаландии каргас ба чӣ овард?
4. Ин афсона кадом хислатро талқин мекунад?
5. Шумо зарбулмасал ё мақолеро, ки ба мазмуни афсона мувофиқ бошад, бигӯед.

# РӮБОҲ ВА ПАЛАНГ

*(афсонаи мардумӣ)*

Буд, набуд, як рӯбоҳ буд. Рӯбоҳи айёру маккор буд. Як рӯз аз пайи шикори паррандае мерафт, ки

якбора аз пешаш паланг баромад. Рӯбоҳи бечора тарсиду аз тарс дир-дир ларзид.

Вай мегурехт, ки аз пешаш ҷарие баромад. Илоҷи аз ҷарӣ гузаштан набуд. Рӯбоҳ чӣ кор карданашро намедонист. Вай ба болои як санги калон баромаду ба гиря кардан оғоз намуд.

Паланг ҳайрон шуду пурсид:

— Эй рӯбоҳ, ба ту чӣ шуд? Барои чӣ гиря мекунӣ?

— Оҳ, шуморо дидаму падаратон ба хотирам омаданд. Ҷояшон ҷаннат шавад, падаратон ҳамин қадар нотарсу чусту чолок буданд, ки чашм пӯшида, аз кӯҳҳо мепариданд, бо як ҷаҳидан аз ҷариву дарёҳо мегузаштанд. Сад афсӯс, ки дидани корнамоиҳои ин хел далерон ба ман дигар муяссар намешавад.

Паланг ин суханонро шуниду бо ғурур сар бардошт. Вай дар пеши рӯбоҳ чусту чолокии худро нишон додан хост ва ба ҷарӣ ҷаҳид. Ҷаҳиду ба қаъри ҷарӣ рафта зад.

Рӯбоҳ ба таги ҷарӣ нигоҳ кард ва писханд заду гуфт:

— Ман медонистам, ки шумо дигару падаратон дигар. Ҳар фарзанд ҳам мисли падар намешавад.

## Савол ва супориш

1. Рӯбоҳи маккор барои халосӣ аз чанголи паланг чӣ илоҷ ёфт?
2. Афсонаро бо диққат хонеду бо суханҳои худ нақл намоед.

## ОИЛАИ ТИФОҚ

*(афсонаи мардумӣ)*

Мӯрчаҳо дар замонҳои хеле қадим ҳозира барин якҷоя нею алоҳида-алоҳида зиндагӣ мекарданд.

Ҳар кадом мӯрча ризқу рӯзиашро худаш пайдо мекард ва фақат ғами худашро мехӯрд.

Ҳаёти мӯрчаҳо бисёр раҳмовар ва ҳузнангез буд. Ба дараҷае раҳмовар буд, ки осмон ҳоли онҳоро дида зор-зор гирист.

Ашки осмон ба сел табдил ёфт. Вақти боридани сел мӯрчаҳо паҳну парешон буданд. Яке дар болои навдаю дигаре рӯи баргу сеюмӣ дар замин.

Борони сел якчанд рӯз беист борид. Вақте ки вай бас карду офтоб баромад, мӯри ҷавон базӯр чашм кушода, ба атроф нигаристу дилаш таҳ кашида рафт. Мавҷи сел бисёр ҷасади мӯрчаҳоро гирифта бурда буд...

Мӯри ҷавон, ки худаш ҳам тамоман беҳолу мадор шуда буд, қувваи охиринашро ҷамъ карда, пеш хазид. Илоҷе ёфтан даркор буд, ки мӯрчаҳои боқимонда ҳам нобуд нашаванд. Аммо ӯ намедонист, ки чӣ кор кунад. Ногоҳ чашми мӯри ҷавон ба занбӯри асал афтод, ки дуртар аз ӯ дар офтобрӯя аз гулҳо шарбат меғундорад. Вай наздик рафта ба занбӯр фалокати ба сари мӯрчаҳо омадаро нақл кард.

— Шумо, мӯрчаҳо, ки хурду заиф ҳастед, бояд мо — занбӯрҳои асал барин ба ҳам муттаҳид, якҷоя шавед, — гуфт занбӯр. — Мо дар оилаҳои калон зиндагӣ мекунем. Қисме аз мо асал захира меку-

над, гурӯҳе хона месозад, қисми дигаре аз паи бачаҳо мешаванд... Ба шумоён ҳам ана ҳамин хел оила-оила, тифоқона зиндагӣ кардан лозим аст.

Занбӯри асал парвоз карда рафт. Мӯри ҷавон аз паи ҷустуҷӯи мӯрчагони боқимонда шуд ва онҳоро ёфтаву ҷамъ карда маслиҳати занбӯри асалро расонд.

Мӯрчагон хурсанд гашта, зуд аз паи кор шуданд. Ҳамаашон аз тахти дил меҳнат карданд, дар натиҷа дере нагузашта, мӯрчахонаи калоне бунёд шуд. Дар он ҳам яслии бачагон буду ҳам хонаи хобу ҳам анбору ҳам даромадгоҳҳои эҳтиётӣ...

Аз ҳамон вақт сар карда, мӯрчаҳо якҷоя, дар оилаҳои калон-калон тифоқ умр ба сар мебаранд.

Онҳо байни худ ҳеҷ гоҳ ҷангу хархаша намекунанд. Агар нохалафе ба ягон нафари онҳо дарафтад, ҳама якҷоя ба ёрии ӯ мешитобанд.

Мӯрчагон ҳатто пешгӯӣ кардани боду ҳаворо ҳам ёд гирифтаанд. Ҳар гоҳ бинӣ, ки онҳо бачаҳояшонро аз мӯрчахона кашида бароварда, дар ҷои баландтаре лонаи нав сохта истодаанд, дон, ки ба қарибӣ борони сел хоҳад шуд.

## Савол ва супориш

1. Мӯрчаҳо дар замони қадим чӣ хел зиндагонӣ мекарданд?
2. Мӯри ҷавон фалокати ба сари мӯрчаҳо омадаро ба кӣ нақл кард?
3. Занбӯр ба мӯри ҷавон чӣ гуфт?
4. Аз кадом вақт сар карда, мӯрчаҳо якҷоя умр ба сар мебаранд?
5. Ҷумлаи 4–5-уми афсонаро бо ёрии муаллим эзоҳ диҳед.

Маҳбуба НЕЪМАТЗОДА

# ҶАВДОР

## I

Буд, набуд дар деҳаи сабзу хуррами Найзатеппа Ҷавдор ном мӯрчаи хасису гурусначашме буд. Ӯро қариб ҳамаи хешу табор ва ҳамсояҳояш бад медиданд. Мӯрчаҳои гузар вақте ки бо ӯ рӯ ба рӯ мешуданд, ноилоҷ аз рӯи расму оин сар ба сари ӯ зада, салом медоданд. Вале дар ғайбаш мегуфтанд: «садқаи салом шав, мумсики худо».

Чашмони гуруснаи Ҷавдор намемонд, ки вай як дам дар хона орому бофароғат нишинад. Тамоми рӯз дар дашту саҳрои сӯзон аз паи дон медавиду медавид. Дони гандуму ҷав, шолию ҷуворӣ, наск, нахӯду мош, хуллас, ҳар чиро, ки сари роҳ медид, ба хона мекашонд. Хонааш мисли анборхона он қадар пур аз дон шуд, ки ҷои раҳгардӣ намонд.

Ҷавдор ба зан ва ягона писараш Донабой ҳам оромӣ намедод. Онҳоро субҳи барвақт аз хоб бедор карда мегуфт:

— Хоболудҳо! Хезед, ки донаҳои саҳро насиби дигарон нашавад. Шитобед, ки ризқи моро ҷонварони дигар медузданд.

Он рӯз кори Ҷавдор ва аҳли оилаи ӯ барор гирифт. Аз як гӯшаи сарсабзи саҳро хеле донаи мош ёфтанд.

— Ҷои мошро зинҳор ба касе нагӯед, — гуфт мӯрчаи хасис. — Агар ҳамсояҳо пурсанд, «аз лаби ҷӯи калон ёфтем», — гӯед.

Ҳар се то бегоҳ қариб чил бор ба саҳро рафта, тамоми мошро як дона намонда, ба хона кашонданд ва зери катҳои хоб ҷой доданд.

Тирамоҳ рафту зимистон омад. Як шаби боронӣ Ҷавдор бо зану фарзандаш сари сандалӣ нишаста, гандумбирён мехӯрд, ки садои тақ-тақи дарвоза баланд шуд.

Ҷавдор давон назди дарвоза рафт.

— Ҳамсояҷон, ин манам, — баланд шуд овози мӯрчае, ки девор дар миён мезист. — Ду шаб аст, ки писарам таб дорад. Табиб мошатола фармуд. Агар дошта бошед, як дона мош медодед?

— Мош? — чашмонашро аз косахона бароварда гуфт Ҷавдор. — Дар ин ҳаво мошро аз куҷо меёбам? Андаке доштем, вале кайҳо хӯрда тамом кардем. Бирав, сарамро гаранг накун, ҳамсоя.

## II

Шабе Ҷавдор рӯи ҷойгоҳ нав дароз кашида буд, ки аз зери кат хишир-хишири чизе ба гӯшаш расид. Ба дилаш ваҳм афтод. Чобук аз ҷо хеста, чароғро фурӯзон кард ва зери кат рӯи ғарами мош хам шуда гуфт:

— Ҳой! Кӣ ин ҷо хишир-хишир дорад?

— Ин манам! — аз даруни мош баромада гуфт ҷонвари хурдакак.

— Ту кистӣ? Дар хонаи ман ту чӣ кор мекунӣ? Ба ин ҷо чӣ хел даромадӣ?

— Ман кирм ҳастам. Аз ҳеҷ куҷо наомадаам. Дар ҳамин ҷо даруни як моши сабзе ба дунё омадам, — ҷавоб дод ҷонвари хурд.

— Канӣ, аз ин ҷо даф шав, — фарёд зад мӯрча бо тамоми овоз. — Ин хонаро ман барои ту барин кирмчаҳо насохтаам.

Кирм аз дӯғу даранги мӯрча заррае наҳаросид ва бо виқор ду даст ба миён гузошта гуфт:

— Магар нашунидӣ, ҳар ҷонвар дар куҷое ба дунё ояд, он ҷо зодгоҳ, ватани ӯст. Ман аз зодгоҳам ба ҳеҷ куҷо намеравам.

— Сабр намо, ман, туро чунон боб кунам, ки... — гуфт Ҷавдор ва сӯи ошхона рафта, кафгир ба даст омад. Мехост бо кафгир кирмро зада, пачақ намояд, ки аз байни ғарами мош як тӯда кирмҳои хурду калон сар бароварда, фарёд заданд:

— Ҳой, мӯрча, аз худ нарав! Чунон лагадкӯб кунем, ки се моҳ аз ҷой хеста натавонӣ.

Рӯи ғарами мош лашкари бешумори кирмҳоро дида, ҳуш аз сари Ҷавдор парид.

— Вой, ҳамсояҳо, ёрӣ диҳед, ёрӣ, — гӯён дари хонаашро кушода, сӯи кӯча тохт. Аввал назди ҳамсояи дасти росташ рафта ёрӣ талабид.

— Мошатро кирм зада бошад, ба ман чӣ? — гуфт ҳамсоя. — Ба ту кӣ гуфт, ки гурусначашмӣ карда, дони зиёд захира намо? Чанд рӯз пеш як дона мош зарур шуд, надодӣ. Давои хасис ҳамин аст. Ҷазоятро кирмҳо диҳанд.

Ҷавдор дав-давон рафта, дари ҳамсояи дигарашро кӯфт. Ҳамсоя ҳодисаи ба сари Ҷавдор омадаро шунида, хандид ва гуфт:

— Аз мо, ҳамсояҳо, безор будӣ, акнун зор шудӣ? Бирав, мо ҳам сода нестем. Барои як ҳам-

сояи хасис худро ба оташи ғазаби кирмҳо намезанем. Аз ту барин нодида кирмҳо беҳтаранд.

Ҷавдор ноумед шуд ва ноилоҷ сӯи хонааш шитофт. Дар торикӣ дид, ки паси дарвоза зан ва писари ягонааш Донабой ларзида нишастаанд. Ҷавдор бо ҷаҳл дарро тела дод, аммо дарвозаро баста дид ва ҳуш аз сараш парид. Кирмҳои баду бало зану фарзанди Ҷавдорро аз хона берун ва дарро қулф карда, осонакак соҳиби кулбаи пур аз дон шуда буданд.

Мӯрчаҳои раҳмдили атроф чун шуниданд, ки Ҷавдор бо аҳли байташ дар ҳавои сард бехона мондааст, зуд ба ёрӣ шитофтанд ва омодаи хонасозӣ шуданд. Яке аз хона хишт, дигаре дару тиреза, сеюмӣ обу лой овард. Бо роҳи ҳашар мӯрчаякон дар як шабу рӯз хонаи барҳавое сохта, хеле хӯрок кашонданд. Хонаи нави Ҷавдор дар як дам пури гандуму ҷав, шолию наск, арзану мош шуд.

Он баҳор Ҷавдор, зан ва писари ӯ Донабой қатори дигар мӯрчаҳо сиҳату саломат ба иди Наврӯз расиданд. Баъди он воқеаи нохуш ҷавдор тамоман тағйир ёфт. Дигар ӯ ҳама чизи ёфтаашро ҳарисона ба хона намекашонд. Агар медид, ки дони гандуму мош ё наску шолӣ дар хона зиёд шуд, зуд ба хешу табор ва ҳамсояҳо мебурд. Агар мӯҳтоҷе ба дараш ояд, ёриашро асло дареғ намедошт.

Баъди саховатманд ва ба ҳама меҳрубон шудан фаҳмид, ки некхоҳона зиндагӣ кардан ширину гуворо ва боҳаловат будааст.

### Савол ва супориш

**1.** Дар афсона кадом хислати бад мазаммат шудааст?
**2.** Мазмуни афсонаро бо ҷумлаҳои худ нақл кунед.

Адаш ИСТАД

## МӮР ВА ПУФФАК

Баҳор омад. Барфҳо об шуданд. Офтоби баҳор заминро гарм кард. Сабза дамид. Мӯрҳо гармиро ҳис карда, аз хонаҳояшон баромаданд. Мӯри сиёҳи калоне низ аз хонааш баромад. Ба пушташ гармии офтоб расид. Мӯр хушҳол гардид ва хамёза кашид.

Пуффаки гулобиранги бачаеро шамол рабуда буд. Ин Пуффак баъди бисёр дар ҳаво парвоз кардан бо истодани шамол ба замин фуромад. Фуромаду Мӯри сиёҳро нописандона тела дода монд.

— Бин, ман чӣ хел калон! — гуфт бо ғурур Пуффак, ки ба каллаи фарбеҳаки бачаи сурхинарӯ монанд буд.

Мӯри сиёҳ дар ҷавоб гуфт:

— Эй, тулум! Калон бошӣ ҳам исту бистат бод! Аз дастат ягон кор намебиёд.

Пуффак гуфт:

— Эй симмиёни скелет! Ту барин дона кашонда, доимо бо бинӣ заминро хат кашида намегардам! Ман парвоз карда метавонам. Аз ресмонам бигирӣ, туро ҳам дар осмон сайр мекунонам.

Дар дили Мӯр ҳаваси парвоз пайдо шуд.

— Майлаш. Мана доштам ресмонатро, парвоз кун, — гуфт Мӯр.

Пуффак гуфт:

— Якта аз тагам зарба зан!

Мӯр барои бо пой задан ҳаракат карданӣ буд, ки шамоли хобида хесту Пуффак ва Мӯрро бо ресмони он ба осмон бардошт. Шамоли ҳарҷогарди бепарво онҳоро бо суръати тез бардошта бурдан гирифт. Ба Мӯр парвоз мефорид. Аммо ба замин нигаристу ба дилаш воҳима даромад. Онҳо ба канори ватани мӯрон, ки ҷӯи калон аст, қариб расиданд. Агар аз болои ин ҷӯй, ки ба забони мӯрон Уқёнуси Калон ном дорад, парида гузаранд, чӣ мешавад? Эҳтимол Мӯр ҳаргиз аз ин ҷӯй ба ақиб гузашта, ба ватанаш омада натавонад.

Дили Мӯр ба Ватан сӯхт ва ӯ ба Пуффак амр дод:

— Тулум, тез поин фуро, вагарна шикамата мекафонам!

— Наметавонам! — гуфт Пуффаки мағрур, ки барои вай ватан куҷост, фарқ надошт.

— Боди дарунатро камтар ба берун барорӣ, поин мефуроӣ, — гуфт Мӯр.

— Бодамро сар диҳам, майда мешавам! Ман майда шудан намехоҳам! — гуфт Пуффак ва парвозро давом дод.

Мӯр боз як бор ба поин, ба замин нигоҳ карда, ба ватанаш дилаш сӯхт ва бо ғазаб ду дандони ханҷар барин тези пеши худро ба шиками Пуффак фурӯ хаст.

— Уфф-пуффф... Ту маро сӯрох кардӣ, — гуфт Пуффак ва хурд шуда, поин фуромада, рӯи сабза нишаст. Пуффак дар як лаҳза ба халтачаи холии резинӣ табдил ёфт. Баъди тамоман аз бод холӣ шудан ӯ наметавонист ҳатто садое барорад.

— Акнун туро шамол ба ҳар тараф намебарад, — гуфт Мӯр ва ба тарафи хонаи худ равон шуд.

### Савол ва супориш

1. Пуффак чаро мағрурӣ мекард?
2. Барои чӣ Мӯр боди Пуффакро холӣ кард?
3. Мазмуни афсона ба чӣ далолат мекунад?
4. Афсонаро бо ҷумлаҳои худ нақл кунед.

Шодон ҲАНИФ

## КӮРМУШ

Тобистон кӯрмуши думдароз дар полизҳо, чакалакҳо ва анборҳо чарида мегашт ва ҳеҷ ғами зимистон надошт. Вақте ки ба замин қирав рехт, аз хунукӣ мӯйҳои бадани Кӯрмуш сӯзанчаҳои нозук барин сих зада хестанд. Вай дар ташвиши сохтани хонаи гарм шуд. Аммо замин сахту осмон баланд. Кӯрмуш дар болои як теппачае нишаста, ба абрҳои даргузар нигариста, зорӣ карда мегуфт:

— Абрҳо, ҳӯ, абрҳо! Ба овози мани бечора гӯш кунед: ман мехоҳам, ки ба худ хонаи гарме сохта, зимистон хоб кунам. Аммо замин чунон сахт шудааст, ки ба он дандонҳоям тоб намеоваранд. Ба ман ёрӣ диҳед! Ба болои ҳамин теппача бо-

рон рехта, заминро фалла барин нарм кунед! Абрҳо, ҳӯ, абрҳо! Гапҳои маро шунидед?

Аммо абрҳо чизеро нашунидагӣ барин аз болои даштҳо ва кӯҳҳо гузашта рафтанд. Кӯрмуш ноумед шуда, дар ҷои худ гиря карда нишаст. Ҳамин вақт малахе аз дур намоён шуд. Вай нолаи Кӯрмушро шунида, наздаш омада пурсид:

— Ҳа, бародар, чаро гиря мекунӣ? Ба сарат чӣ ғам омад?

— Ғамамро напурс, додар, — гуфт Кӯрмуш. — Мехоҳам хонаи гарме сохта, зимистон хоб кунам. Аммо замин чунон сахт, ки ба он дандонҳоям намегузаранд. Ёрӣ диҳӣ-чӣ?

Малах каме фикр карду сонӣ як хамёза кашида гуфт:

— Ман чунон серкорам, ки ҷӯра, ҳатто ба сар хоридан дастам намерасад. Биё, ба хотири ҷӯрагӣ, ман туро бо Тортанак шинос кунам. Шояд вай ба ту ёрӣ расонда тавонад.

Малах пеш-пеш ва Кӯрмуши думдароз аз ақиби вай қадам зада, ба назди бодомбуттае омаданд ва диданд, ки Тортанак аз як шох ба шохи дигар ҳаллос зада, тор метанад.

— Тортанак, ҳӯ Тортанак, — гуфт Малах дасти худро ба пешонааш лапар карда. — Думдароз ҳам ту барин хона сохтанӣ. Вақт дошта бошӣ, ба вай камтар ёрӣ расон.

Тортанак арақи пешонаи худро пок карда, ҷавоб дод:

— Думдароз тобистон дар куҷо буд? Магар то ин вақт хона насохтааст? Афсӯс, ки имрӯз серко-

рам. Аммо пагоҳ, албатта, ба хотири ҳамсоягӣ ёрӣ мерасонам.

Боз Малах пеш-пеш ва Думдароз аз ақиби вай қадам зада, ба назди Қунғуз омаданд. Диданд, ки вай ба обу арақ ғарқ гашта, дар қарибии хонааш саққои сабзеро ғелонда-ғелонда сахт мекунад.

— Монда нашав, — гуфт Малах аз кори ӯ чашм наканда.

— Вақт дошта бошӣ, ба Думдароз камтар ёрӣ расон. Вай хона сохтанӣ.

— Имрӯз розӣ шуда наметавонам, ҷӯра. Агар ин саққоро сахт карда, ба хонаам надарорам, борон борад, нобуд мешавад. Майлаш, пагоҳ ман ба хизмати шумо тайёр.

Кӯрмуш маҳзунона аз қафои Малах роҳ паймуд. Аммо ба куҷо рафтанашро намедонист. Ногоҳ аз пеши онҳо Мӯрча баромад. Малах ба вай таъзим карда гуфт:

— Салом Мӯрчапаҳлавон! Ин қадар саросема ба куҷо мешитобӣ? Ту-ку бекор нестӣ?

— Ту тоза беғам будаӣ-дия, ошно. Ҳоло вақти бекоргардӣ-мӣ? Ҳозир ҷӯраҳоям хабар доданд, ки дар зери як бутта хӯшаи калоне хобидааст. Рафта онро ба хонаам мебиёраму зимистон бемалол хӯрда мехобам, — ҳозирҷавобӣ кард Мӯрчапаҳлавон ва ба роҳи худ равон шуд.

Думдароз дар ҷои худ истода, каме фикр карду ба Малах гуфт:

— Ман дигар ба пеши ҳеҷ кас ранг зард карда намеравам, ҷӯра. Беҳтараш ба ҷои худ баргашта, Тортанак ва Қунғузу Мӯрча барин кор кар-

да, ба худам хона месозам. Чунон хонаи зебое созам, ки дигарон дида ҳайрон шаванд!..

Вақте ки Кӯрмуш ба болои теппача баромаду ба ду дандони тези худ заминро кандан гирифт, абрҳои осмон ба вай дилсӯзӣ карда, борони бисёре рехтанд. Пас аз боридани борон шамол ба вазиш даромад, хокҳои канда истодаи Кӯрмушро рӯфта поин фуровард. Рӯзи дигар, вақте ки Тортанаку Қунғуз ва Малаху Мӯрчапаҳлавон ба ҳашар омаданд, диданд, ки Кӯрмуш дар пеши сӯрохии хонаи наваш дароз кашида, мӯи лабашро бо хурсандӣ тоб медиҳад. Ин ҳолро дида Мӯрчапаҳлавон гуфт:

Ҷавонмардо, ҷавонмардӣ биомӯз,
Зи мардони ҷаҳон мардӣ биомӯз.

### Савол ва супориш

1. Малах аз дигарон чӣ хоҳиш кард?
2. Ҷавоби Тортанак, Қунғуз ва Мӯр чӣ буд?
3. Мазмуни афсонаро нақл кунед, гӯед, ки дар он кадом хислат талқин шудааст.

Равшан ЁРМУҲАММАД

## ЧАШМА

Буд, набуд, як Чашма буд. Дар қуллаи кӯҳ, дар фазои озод, дар оғӯши барфҳои сап-сафед зиндагӣ мекард. Боре офтоб хеле паст фуромад, ҳаво гарм шуд. Ана, дар ҳамин айём Чашма ба саёҳат баромад. Вай пас аз се шабу се рӯз доманаи кӯҳро тай карда, ба сари чорроҳае расид. Дар сари чорраҳа навишта шуда буд: агар ба тарафи

чап равӣ, абадӣ барнамегардӣ, агар рӯ ба рӯ равӣ, ба пиряххои азим дучор мешавӣ. Агар ба тарафи рост баргардӣ, ба водии хуррам мебароӣ.

Чашма фикр кард, фикр карду баъд ба тарафи рост гашт. Роҳ дуру дароз, каҷу килеб буд, аз байни сангҳою хорҳо мегузашт. Чашма ба ақибаш нигоҳ накарда, ба пеш мерафту мерафт. Вай ба лаби Ғоре расид. Каме дам гирифт. Баъд ба даруни ғор нигарист. Қаъри Ғор бепоён буд.

— Ӯҳ… — гуфт, — ин қадар чуқур!

Аз даруни Ғор овоз баромад.

— Кист он ҷо?

— Ман, — гуфт Чашма.

— Инсӣ ё ҷинсӣ?

— На инсам, на ҷинсам, Чашмаам.

— Ҳой, Чашма. Биё, ман асрҳо туро интизор будам. Ҳалқам аз ташнагӣ хушк шуд, ҷисму ҷонам пажмурда гардид.

— Ту кистӣ? — пурсид Чашма… — Кӣ туро ба ин ғори бетаг партофтааст?

— Ман Водиям, — гуфт Ғор Чашмаро фиреб дода, — омадани туро кайҳо боз интизорӣ мекашам.

— О, ба ман гуфта буданд, ки Водӣ васеъ аст ва осмони каб-кабуд дорад. Ту бошӣ дар як ҷои тангу торӣ. Маро фиреб накун, аз раҳам намон.

— Аҷаб содаӣ. Аз баландӣ дар назарат ин ҷо тангу тор менамояд. Аввал фуромада бин, чӣ қадар васеъ аст, осмонаш ҳам каб-кабуд. Фиреб намедиҳам. Дар дунё аз ман дида каси ростқавлу

ҳалолкор нест. Агар ин ҷо ба ту хуш наояд, боз баргашта меравӣ.

— Чӣ тавр?

— Аҷаб сода будаӣ. Дар сари роҳат ҳар ҷо — ҳар ҷо ишораҳо мон. Вақте пас гаштӣ, ҳамон ишораҳоро дида меравӣ.

Чашма розӣ шуд, ба поён фуромад. Даруни Ғор торик, бӯйнок буд. Дар осмон базӯр як ситора менамуд.

— Эҳ, — гуфт, — ин ҷо ин қадар танг. Ба мисли шаб, чашмам ҳеҷ чизро намебинад.

Ғор қоҳ-қоҳ хандид.

Ҳаво сард буд. Чашма аз хунукӣ меларзид. Қариб буд, ки ях кунад.

— Не, ман дар ин ҷо намеистам, меравам.

Ғор боз қоҳ-қоҳ хандид.

Чашма зӯр зад, ки ба боло барояд. Вале натавонист. Ғор боз хандида гуфт:

— Аз ин ҷо касе то имрӯз берун набаромадааст. Зӯри беҳуда мазан, миёнат мешиканад.

— Оҳ, фиребгар! — гуфт Чашма ба сару рӯи Ғор зада.

— Оҳ, чӣ гуна форам аст оби ту. Асрҳо интизор будам. Акнун баданам роҳат кард, ба ҷисмам ҷон даромад.

Баъд Чашма аз ғаму ғусса гиря кард. Се шабу се рӯз гиря кард. Чашмонаш суп-сурх шуданд.

Ғор ба ӯ гуфт:

— Гиря суд надорад, ба ман таслим шаву ором зиндагӣ кун.

— Не, — гуфт, — ҳеҷ гоҳ таслим намешавам. Ту фиребгар, дурӯғгӯй ҳастӣ. Мемураму таслим намешавам.

— Таслим нашавӣ, чунон туро мефишорам, ки ҷисму ҷонат ба дард медарояд.

Ғор аз чор тараф ба Чашма фишор овард:

— Таслим мешавӣ?

— Не.

Таслим мешавӣ?

— Ҳеҷ гоҳ!..

Аз байн солҳои зиёд гузаштанд. Муборизаи Чашмаю Ғор давом мекард. Ҳар касе аз назди Ғор мегузашт, баҳси онҳоро мешунид:

— Ғув, таслим мешавӣ?

— Шув, ҳеҷ гоҳ!..

Боре замин ҷунбид, сахт ҷунбид. Ғор ба зилзила тоб наоварда, фурӯ рафт. Чашма боло баромад. Боз офтоб, барфҳои сап-сафед, қуллаҳои баланди кӯҳҳоро дид. Фикр карду фикр кард, баъд ҳамон роҳи аввалаашро пеш гирифт. Омаду омад, пас аз ҳафт шабу ҳафт рӯз ба Водӣ расид. Дар ин ҷо аз беобӣ сабзаҳо хазон гашта, гулҳо пажмурда шуда буданд. Чашма зуд ба онҳо об дод. Сабзаҳо дамиданд, гулҳо шукуфтанд.

Ана, ҳамин тавр пас аз чандин сол Чашмаю Водӣ ба мурoду мақсадашон расиданд, орзу дорем, ки шумо ҳам ба муроду мақсадатон бирасед.

## Савол ва супориш

**1.** Чашма куҷо мешитобид?
**2.** Ғор чӣ мехост?
**3.** Баҳси Ғору Чашма бо чӣ анҷомид?
**4.** Бо суханҳои худ мазмуни афсонаро нақл кунед.

Шодон ҲАНИФ

# ҲАРИФОН

Дар як беша Рӯбоҳ ва Хорпуштак зиндагӣ мекарданд. Хорпуштак Рӯбоҳро чун ҳамсояаш ҳурмат карда, доимо ба ӯ ёрӣ мерасонд. Аммо Рӯбоҳи маккор дар фикри он буд, ки бо кадом роҳ Хорпуштакро фиреб диҳад.

— Хорпуштак-ҷӯра, — гуфт вай рӯзе ба Хорпуштак рӯ оварда, — Биё, ба саҳро рафта, арзан мекорем. Вақте ки арзан пухта расид, онро дарав карда, ҳосилро байни худ тақсим мекунем ва зимистон бо ҳузуру ҳаловат мехӯрем.

Хорпуштак маслиҳати Рӯбоҳро қабул кард ва онҳо ба саҳро ба арзанкорӣ рафтанд. Баъди камтар шудгор Рӯбоҳ ногоҳ белро як сӯ гузошту бо ҳаяҷону изтироб ба уфуқ ишора карда гуфт:

— Хорпуштакҷон, дидӣ, ҳӯ он канори осмон ба замин расидааст. Метарсам, ки осмони сари мо ҳам фурӯ рафта, киштамонро пахш накунад. Ту кор кардан гир, ман рафта осмонро бардошта меистам.

— Хуб, рав, — ҷавоб дод Хорпуштак.

Рӯбоҳ ба канори саҳро рафта, дар офтобаки гарм роҳат карда хобид. Хорпуштак бошад, то бегоҳ замин гардонда, арзан кошт. Ба бахти онҳо баҳор камбориш омад. Арзанҳо хӯша баста, дон пур мекарданду аммо аз беобӣ пажмурда ва зард мешуданд.

«Дӯстон» барои обёрӣ кардани арзан ба сари кишт омаданд.

— Дӯстам, — гуфт Рӯбоҳ ба хорпуштак, — ту арзанро об дода, хишова кардан гир, ман рафта гаҳвораи кӯдаки дарёро меҷунбонам ва ӯ ба кишти мо оби бисёре медиҳад.

Рӯбоҳ инро гуфту боз ба чакалаке рафта, дар сояи дарахтон фароғат кард.

Тобистон ҳам расид. Вақти арзандаравӣ шуд. «Дӯстон» ба сари кишт омаданд. Рӯбоҳи шайтон боз ба Хорпуштак гуфт:

— Хорпуштакҷон, бин, ана он канори саҳро дуди ғафсе ба осмон баромада истодааст. Метарсам, ки сӯхтор баланд шуда, арзани бо меҳнати зиёд расонидаи моро ҳам фаро нагирад. Ту арзанро даравида исто, ман рафта, оташро хомӯш карда оям.

Рӯбоҳ Хорпуштаки бечораро бовар кунонду худ ба ҷангал дӯлонахӯрӣ рафт.

Рӯзи арзанкӯбӣ Рӯбоҳ фиреби дигарро ба кор бурда, ба Хорпуштак гуфт:

— Хорпуштакҷон, ту арзанро бод дода ист, ман рафта шамолро хабар мекунам. Набошад мо арзани худро то охири тирамоҳ ҳам сафед карда гирифта наметавонем.

Рӯбоҳ боз ба пуштае рафта, ба шикори гамбӯсакҳо овора шуд. Хорпуштак бо машаққати зиёд арзанро аз хасу поя тоза кард. Сонӣ барои тақсими он Рӯбоҳро ҷеғ зада гуфт:

— Рӯбоҳҷон, ана ҳосил тайёр. Акнун мо арзанро байни худ чӣ тавр тақсим мекунем?

— Масъала тамоман равшан аст, — гуфт Рӯбоҳ дар ҷавоб. — Як ғалбер ба ман, як сабад ба ту.

Хорпуштак розӣ шуд. Аммо ӯ дар ин ҷо ҳам аз фиреби Рӯбоҳ ғофил монд. Рӯбоҳ ғалберро пур карда, ба қанори худ мерехт. Вақте ки Хорпуштак сабади арзанро аз замин мебардошт, донаҳо аз сӯрохиҳои сабад бозгашт ба хирман мерехтанд.

Баъди тақсим ба Рӯбоҳ ду қанору ба Хорпуштак ҳамагӣ ним тӯрба арзан расид.

Як рӯз Хорпуштак дар назди лонааш ғамгин нишаста буд, ки аз он ҷо Саге роҳгузар шуд.

— Ҳа, ошно, чаро ин қадар ғамгин менамоӣ? Магар касе туро ранҷонд? — ҳолпурсӣ кард Саг.

Хорпуштак фиребгариҳои Рӯбоҳи муфтхӯрро ба Саг гуфт.

— Ман ин Рӯбоҳи ҳарисро аз ту хубтар медонам, — гуфт Саг дандонашро ғиҷҷирос занонда. — Дирӯз, вақте ба сайру гашт рафтам, Рӯбоҳи лаънатӣ аз набудани ман истифода бурда, як мурғи соҳибхоназанро аз гарданаш «ғиппӣ» доштааст.

Сагу Хорпуштак ҳасраткунон дар беша қадам мезаданд. Ногоҳ аз пеши онҳо сайёде баромад, ки дар китф қапқон дошт. Шикорчӣ Сагу Хорпуштакро ғамгину парешонхотир дида, бо дилсӯзӣ пурсид:

— Чаро, дӯстонам, ғамгин менамоед? Шуморо кӣ озор дод?

Сагу Хорпуштак ҳилаҳои Рӯбоҳи ҳарисро ба шикорчӣ нақл карданд. Шикорчӣ арзи онҳоро бо диққат шунида гуфт:

— Ин Рӯбоҳи маккорро кӣ намешиносад? Вай тобистон шабу ними шаб ба боғҳои мо даромада, ангурҳои ғӯрaро паймол мекунад. Боғбонон

аз дасти вай ба дод омадаанд. Дар миёни ҳамин сӯҳбат Харгӯше омад. Чашмони вай аз гиря суп-сурх буданд. Вай оҳи бадарде кашида гуфт:

— Рӯбоҳи лаънатӣ кабки деҳқонеро бо сабадаш дуздида, ба назди лонаи ман оварда хӯрдааст. Деҳқон қафаси шикастаро дар он ҷо дида, лонаамро валангор карда рафт. Дод аз дасти Рӯбоҳи айёр!

— Ҷазои Рӯбоҳро додан даркор, — ғурунгосзанон гуфт Саг.

— Ҳа, дигар Рӯбоҳро бе ҷазо мондан мумкин нест, — гапи Сагро тасдиқ кард Сайёд. — Хӯш, дӯстон, канӣ гӯед, ки ба Рӯбоҳ чӣ хел ҷазо диҳем?

— Рӯбоҳро ба қапқон меафтонему думашро бурида, ба шохи дарахти баланд овехта мемонем, — гуфт Саг. — Ҳар боре, ки Рӯбоҳ думи худро дар шохи дарахт дид, аз карда пушаймон мешавад.

— Ба фикри ман, баъди доштан ба чор пояш наълҳои вазнин задан даркор, то ки дигар на тохта тавонаду на ҳилаю найранг карда.

— Ба Рӯбоҳи хиёнатгар ҷазои сахттар медиҳем, дӯстон! — бо қаҳру алам гуфт Хорпуштак. — Ба хонаааш кӯрдуд сар дода, сӯрохашро мепӯшем.

— Аммо ман ҷазои аз ҳама сахттар ёфтам, — гуфт Сайёд.

— Ман Рӯбоҳро ба дом даровардa, ба ҳарду гӯшаш зангӯлачаҳо мебандам. Он гоҳ дар ҳама ҷо вай фош мешавад. Ҳама медонад, ки ин ҳайвони зангӯладор чист.

— Маъқул, маъқул, — гапи Сайёдро тасдиқ карданд дигарон.

Баъди чанд рӯз Рӯбоҳ ба даст афтод ва аз Сайёд ду зангӯла «мукофот» гирифт. Акнун ҳар кас, ки ин Рӯбоҳи дайдуро бинад, дар ҳаққи вай чунин шеър мехонад:

Рӯбоҳ омад ҷангар-ҷунгур,
Ронем ӯро як фарсах дур!
Ӯ амри моро рад кунад,
Гӯраш кунем ғори чуқур!

## Савол ва супориш

**1.** Рӯбоҳу Хорпуштак чӣ маслиҳат карданд?
**2.** Рӯбоҳ чӣ найрангро пеш гирифт?
**3.** Сайёд чӣ ваъда дод?
**4.** Бигӯед, ки ин афсона кадом хислатро мазаммат мекунад.

# ҲАЁТИ ИБРАТОМӮЗИ ГУЗАШТАГОН



Эй ки пурсӣ, ки беҳтарин кас кист?
Гӯям аз қавли беҳтарини касон:
Беҳтарин кас касе бувад, ки зи ҳеч,
Беш бошад ба халқ нафърасон.

Абдураҳмони ҶОМӢ

Ҳазрат САБОҲӢ

# ЗАРДУШТ

Дар бораи замон ва ҷои таваллуди Зардушт — яке аз аввалин пайғамбарон ва асосгузори яке аз динҳои қадимтарини башарият — дини зардуштӣ солҳост, ки дар байни донишмандон баҳсу мунозира идома дорад. Дар солҳои охир донишмандони фарҳанги бостонии тоҷику форс дар натиҷаи муқоисаи маълумоти таърихнависони Юнони Қадим ва китобҳои қадимии зардуштӣ ба чунин хулоса омадаанд, ки ҷои таваллуди Зардуштро дар водии Зарафшон, яъне дар Суғди Самарқанд бояд ҷуст.

Номи Зардушт дар «Авасто» ба шакли Заратустра омадааст. Назар ба маълумоти сарчашмаҳои хаттии бостонӣ хонаи падари ӯ — Пуршасп дар соҳили рӯди Дарғ воқеъ будааст. Номи ин рӯд дар китобҳои қадимии юнонӣ ба шаклҳои «Драгам» (Дарғам) ва «Драгамания» (Дарғамон) зикр гардидааст, ки ба Дарғами Самарқанд будани он шубҳа нест.

Пайғамбар Зардушт бештар аз 3500 сол пеш аз ин дар соҳили Дарғам дар деҳаи Барзав (Барзу, ҳоло Тали Барзу) дар хонадоне, ки бо номи хонаводаи Спитомон маъруф буд, ба дунё омадааст. Ҳангоме ки Зардушт сисола буд ва дар ҷашни Наврӯз аз дарёи Аушонруд барои тайёр кардани нӯшдоруи муқаддаси «Хаома» об мегирифт, дар осмон тӯдаи пайкараҳои дурахшонро дид ва ҳамон лаҳза рӯҳаш аз тан ҷудо шуда, ба сӯи онҳо парвоз кард. Онҳо парвозкунон Зардуштро то болои Вахви — Датё (Вахондарё — Амударё) бурданд. Зардушт дар он ҷо бо худои ягонаи худ Аҳуро-

маздо (Ҳурмуз) ва панҷ тан аз беҳтарини фаришттагон («Амеша — Спента», яъне покони ҳамешагӣ, покзодони ҷовид) рӯ ба рӯ гардид. Аҳуромаздо ва фариштагон, ки аз худ нури яздонӣ мепошиданд, Зардуштро барои адои рисолати пайғамбарӣ раҳнамун сохтанд. Аз ҳамин вақт Зардушт чун пайғамбар зуҳур намуд ва барои вай ҷузвҳои китоби муқаддаси «Авасто» нозил шуданд.

Он чӣ аз китоби муқаддаси «Авасто» ба худи Зардушт мансуб медоданд, фасли «Готҳо» ба шакли манзум (шеър) суруда шудааст ва аз ин рӯ, Зардушт аввалин шоири адабиёти бостонии севунимҳазорсолаи форсизабонон ба шумор меравад.

Динеро, ки Зардушт барои муттаҳидӣ ва оромиши ориёнажодон (гузаштагони додикон — тоҷикон) оварда буд, дини мубаллиғӣ ё дини ваҳӣ мегӯянд. Чун Зардушт мӯбади касбӣ буд, деҳ ба деҳу шаҳр ба шаҳр мегашт ва суханҳои яздониро таблиғ мекард. Вай барои пайдо карданиҳимоятгару парастори бузурге аз дарёҳои Навтак (Қашқадарёи имрӯза), Вахви — Датё (Амударё) убур намуда, ба пойтахти Бохтар — шаҳри Балх расид ва шоҳи Эронзамин Гуштосп (Виштосп) дини Зардуштро пазируфт. Зардуштия ба дини расмии мамлакат табдил ёфт. Дини Зардушт дар се пояи асосӣ — «Гуфтори нек», «Пиндори нек» ва «Кирдори нек» қарор дошт.

Ҳарчанд Суғду Бохтар аз дини Зардушт пайравӣ мекарданд, вале табиист, ки баъзе қавмҳои тӯронӣ (сакоиҳо, яъне скифҳо) зидди таълимоти зардуштӣ буданд ва ба Зардушт душманӣ доштанд. Зардушти 77-соларо яке аз лашкаркашони

Арҷоспи тӯронӣ, ки Братарвахш (Бародарвуш) меномиданд, ба қатл расонд.

Дар бораи ин воқеаҳо дар китоби қадимии «Ёдгори Зарирон» ҳикоят кардаанд. Зиндагиномаи Зардушт, зуҳури ӯ, муносибати вай бо Гуштосп, ҷангҳои Гуштоспу Исфандиёр бо Арҷосп дар «Гуштоспнома»-и Дақиқии Самарқандӣ (асри X) тазаккур ёфтааст ва ҳазор байти онро Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» овардааст.

Дини зардуштӣ пас аз вафоти пайғамбар Зардушт ба ғарби Эрон ва Озарбойҷон низ паҳн шуд ва як қисм аз сакоиҳо (скифҳо)-и Тӯрон низ онро пазируфтанд. Дар давлатҳои Ҳахоманишиёну Сосониён дини зардуштӣ дини расмӣ буд.

Дар Суғдиён аз замони Зардушт то омадани арабҳо (асрҳои VII–VIII) ва пазируфтани ислом дини оташпарастӣ ва баъзе мазҳабҳои он мураввҷ буд. Бино бар маълумоти китоби қадимии «Шаҳристонҳои Эрон» дар Самарқанд бузургтарин оташкада (ибодатгоҳи оташпарастӣ) дар замони Кайковус бунёд шудааст ва дар он яке аз нусхаҳои зарнавишти «Авасто» (дар пӯсти буз) маҳфуз будааст.

Воқеан, аввалин оташкадаҳо дар Самарқанду Балх ва Бадахшон бунёд шудаанд. Ба ақидаи гурӯҳе аз донишмандон номи қадимии Самарқанд — Смараканда маънии «Шаҳри оташи муқаддас»-ро дорад.

Ҷилдҳои зарнавишти «Авасто», ки аз се нусха иборат буданду дар замони Гуштосп китобат шудаанд, дар натиҷаи ҳамлаи Искандари Мақдунӣ

несту нобуд гардидаанд. Фақат як нусхаи «Авасто»-ро юнониён ба Юнон бурда, ба забони худ тарҷума намудаанд.

Китоби муқаддаси «Авасто» дар баробари таълимоти динӣ ва заруратҳои расму оинҳо, асотир ва ривоятҳои ниҳоят қадимии халқҳои эронинажод ва маҷмӯи донишҳои онҳоро низ дар бар гирифтааст. Аз ин рӯ «Авасто», таълимоти Зардушт ва фалсафаи зардуштия ба дину фалсафаи Юнони қадим, дини қадимии яҳудиён, мазҳабҳои насронӣ ва исломӣ таъсири фаровон гузоштааст.

Баъзе аз оинҳои оташпарастӣ дар суннатҳои тоҷикон, аз ҷумла мардуми Самарқанд боқӣ мондааст: машъал афрӯхтан, дар гирди оташ давр задани арӯсу домод (киноя аз сӯхтани гуноҳон ва пок шудан), дар се рӯзи аввал дар хонаи марҳум хомӯш будани оташдон, ки дар қадим киноя аз мотами оташи муқаддас маънидод мешуд.

Имрӯз пайравони оини зардуштӣ дар баъзе шаҳру ноҳияҳои Эрон ва Ҳиндустон зиндагӣ мекунанд.

### Савол ва супориш

1. Зардушт дар кадом замон зиндагӣ кардааст?
2. Вай асосгузори кадом дин буд?
3. Аввалин оташкадаҳо дар куҷо сохта шуда буданд? Китоби муқаддаси зардуштиён чӣ ном дошт?
4. Имрӯз пайравони дини зардуштӣ дар кадом мамлакатҳо зиндагӣ мекунанд?

Адаш ИСТАД

# БОРБАД

Борбад соли 585 таваллуд ёфта, соли 630 дар шаҳри Марв вафот кардааст.

Устод Борбад аз бузургтарин намояндагони мусиқии бостонии мост. Вай ҳам оҳангсоз, ҳам сароянда ва ҳам шоир буд. Борбад дар замони подшоҳ Хусрави Парвиз, ки солҳои 590–628 ҳукмронӣ кардааст, зиндагонӣ ва эҷод намудааст. Асарҳои мусиқие, ки устод Борбад тасниф сохтааст, бо номи «Хусравонӣ» машҳур аст. Устод Борбад бо ҳамзамонон ва ҳамкоронаш Накисои Чангӣ, Саркаб, Саркаш, Бомшод, Гесӯи Навогар ва дигарон барои ҳар як фаслу моҳи сол силсилаи оҳангҳо ва таронаҳо эҷод кардаанд, ки ин асарҳои мусиқӣ баъдҳо асоси мусиқии классикии «Дувоздаҳмақом»-ро ташкил доданд. Силсилаи «Дувоздаҳмақом» дар асри понздаҳум ба «Шашмақом» табдил ёфт.

Биёед, порчаеро аз қиссаи Борбад, ки ба қалами нависанда Адаш Истад тааллуқ дорад, мутолиа мекунем.

* * *

Борбад суруд мехонд, садои форамаш ҳамаро мафтун мекард. Ҳар замон нидоҳои «Ҷонам фидо», «Зеҳ!» ва монанди ин аз байни мардум баланд мегардид. Мардуми озодипарасту ҷабрдида баробари нолаҳои Борбад нола мекард, ба таҳрики наво сару даст меҷунбонд. Авҷи амал дар таги

дари ҳавлии Борбад воқеъ шуд. Ин ҷо Борбад бозистода, рӯ ба пайравон оварда, оҳангҳои шӯхи арғуштиро навохтан гирифт. Мардум давра гирифта меистоданд. Баногоҳ саворе аз нӯкарони волӣ асп тозонда омад ва фарёд кард:

— Волӣ мефармояд, ки ин бемаззагиро бас кунед, ки саратонро ба бод медиҳад.

Се ҷавонмарди паҳлавонпайкар ба мобайн даромада, куртаҳои худро то ноф ҷар-ҷар дарронданд ва гуфтанд:

— Ҳар чӣ дар бисот доштем, ба араб додем, сурудамонро намедиҳем! Навоз, устод Борбад! Чунон навоз, ки дуд бихезад!

Баногоҳ ҷавони таблакие пайдо шуд, ки хеле шӯх таблак мезад, дасташро бозӣ дошта, бо чашму абрӯ низ ҳаракатҳои аҷиб менамуд. Се нафари куртадарида пойкӯбон арғушт рафтанд...

Баъди он ки мардум аз дунболи кори худ рафтанд, ду нафар сипоҳии савора омада, Борбадро ба қасри волӣ burданд.

«Маълум, ки аллакай ба сари чароғи ман об рехтааст», — аз дил гузаронд Борбад.

— Мо то ҳол ба сурудҳои кофирии шумо тоқат доштем, акнун даҳонатро медӯзем! — гуфт бо шиддат волӣ.

— Сурудҳое, ки ман мехонам, эҳоди мардуманд, — гуфт Борбад. — Даҳони ҳамаро дӯхта наметавонед!

— Баред! — бехудона дод зад волӣ. — Ҳабс кунед! Забони сурх сари сабз диҳад ба бод!

Навкарон Борбадро ба назди оҳангар бурданд, ки ба дасту пояш кишан занад. Оҳангар Борбадро мешинохт, вале Борбад ӯро не. Мухлиси сурудҳои ин устоди ҳунар буд. Ӯ кишанро чунон сохт, ки шикаста гурехтан имконпазир бошад ва дар охир чашми навкаронро хато карда, ба устоди ромишгарон чашмак зад. Дар лабони Борбад табассум гул кард...

Посбон — зардуштии собиқ дарро ғиҷиррос занонда, нимроғ кард ва нигарист, ки Борбад ин ҷост ё не, мабодо гурехта бошад. Ӯ Борбадро дар шуои моҳ фариштавор некӯандому нуронӣ дида, ҳаросид ва дарро зуд пӯшида ғур-ғур кард:

— Худоё, гуноҳи маро биёмурз!

— Эй гумроҳ! — гуфт Борбад. — Бидон, ки агар ман гуноҳатро бубахшам, худо низ мебахшад.

— Ту ҳам бубахш! — гуфт посбон.

— Дарро боз кун! — амр кард Борбад.

Посбон дарро кушод ва гуфт:

— Ин чӣ мӯъҷиза, ки амри ту бар ман воҷиб аст?

Борбад бо виқор аз дар баромада гуфт:

— Ман меравам у мехонам ва ту ҳам, эй инсони нек, бихон: Ман худро бо фикри нек фаро мегирам, ман худро бо сухани нек фаро мегирам, ман худро бо кори нек фаро мегирам...

### Луғат

**Таҳрик** — ҷунбиш, ҳаракат.
**Волӣ** — ҳоким.
**Ромишгар** — ҳофиз, мутриб.

## Савол ва супориш

1. Борбад кӣ буд? Вай дар кадом солҳо ва замони подшоҳии кӣ мезист?
2. Борбад чиҳоро эҷод кардааст?
3. Ҳикояро бо диққат хонеду мазмунашро нақл кунед.

Ҳазрат САБОҲӢ

# ҒӮРАК

Истилогарони араб соли 651 шаҳри Марвро ишғол карданд. Марв ба пойгоҳи онҳо табдил ёфт. Онҳо аз ин ҷо ба Суғд ҳамлаҳои роҳзанона мекарданд. Ниҳоят, соли 673 атрофи шаҳри Бухороро ба даст оварданд. Дар солҳои 675–677 Саид ибни Усмон бо лашкари зиёд ба Суғд ҳуҷум намуд ва хост, ки пойтахти он шаҳри Самарқандро забт намояд. Саид ибни Усмон намояндаи хилофати араб дар Хуросон буд. Лашкари ӯ ба муқобилати сахти суғдиён дучор омад ва ба Хуросон баргашт. Дар соли 705 ба ҷои вай Қутайба ибни Муслим таъин шуд. Қутайба дар ҳамлаи дуввуми худ Бухороро забт кард. Ахшед (подшоҳ, ҳоким)-и Суғд Тархун, ки аз ҳамлаи арабҳо ба воҳима афтода буда, бе маслиҳати асилзодагон ва бузургони кишвар ба шартномаи таслими мамлакат имзо намуд. Бузургон ва мардуми Суғд аз ин кори ӯ ба хашм омаданд. Онҳо ба Тархун гуфтанд:

— Тархун! Ту аз ақлу хирад бегона шудаӣ! Ту мехоҳӣ, ки мамлакатро ба коми душмани аждаҳосифат бидиҳӣ.

Дар соли 710 бузургон ва мардуми Суғд Тархунро аз тахт сарнагун сохтанд. Ӯро чун хоину

ватанфурӯш ба қатл расонданд. Ғӯраки ҷавон, ки дар муҳорибаҳо бар зидди арабҳо шӯҳрат ёфта буд, подшоҳи Суғд интихоб гардид. Хонадони Ғӯрак бо хонаводаи афшин (ҳоким)-и Устрӯшан хешовандӣ дошт.

Қутайба ибни Муслим ба лашкари худ хоразмиён ва суғдиёни Бухороро ҳамроҳ намуд. Таассуфовар ин буд, ки нисбат ба худи арабҳо хоразмиёну суғдиёни зархарид бар зидди бародарони хеш бераҳмонатар меҷангиданд. Дар қалъаҳо ва қасрҳои Арбинҷон, Кӯшония, Дабусия, Сабизкат, Офаринкат (шаҳрҳои водии Зарафшон) ва худи Самарқанд ҷангҳои шадиде ба амал омаданд. Сарбозони Фарғонаву Чоч, ки ба ёрии суғдиён мешитофтанд, дар ҷанг бо арабҳо шикаст хӯрданд.

Суғдиён пиру барно ва зану мард бар муқобили истилогарон то қатраҳои охирини хун меҷангиданд. Лашкари Қутайба аз худ ниҳояти бераҳмиро нишон медод. Хонаҳои мардумро оташ мезаду худи онҳоро мекушт. Қасру кӯшк ва оташкадаҳоро ғорат мекарду месӯхт.

Ғӯрак дар атрофи қалъаи Афшина (назди Боғи Баланд) бар муқобили лашкари Қутайба меҷангид ва намегузошт, ки ӯ ба шаҳр дохил шавад. Сарбозони Ғӯрак берун аз девори шаҳр (деворе, ки баъдтар номи Девори Қиёматро гирифтааст) беамон ва шуҷоатмандона корзор мекарданд. Сипаҳсолори ҷавон, ки аз кирдори Қутайбаву аскарони зархариди вай ба хашм омада буд, ба сӯи Қутайба бо қаҳру ғазаб фарёд мекард:

— Ту маро бо дасти бародарони мо мекушӣ. Агар пурзӯр бошӣ, арабҳоро муқобили ман фирист!

Қутайба ба ҷониби суғдиён бонг мезад:

— Ман барои хуни Тархун, ки тарафдори ман буд, аз самарқандиён интиқом хоҳам гирифт...

Ғӯрак эҳсос мекард, ки агар мабодо Қутайба ба шаҳр дохил шавад, тамоми мардуми онро қурбон хоҳад кард. Вай дар қалъаи Афшина бо бузургону асилзодагони Суғд машварат ороста, имзои шартномаи сулҳро бо Қутайба ибни Муслим ногузир ҳисобид. Ҳозирони машварат бо мақсади хароб нашудани шаҳру қурбон нагардидани мардуми он ба сулҳ розӣ шуданд. Қутайба Ғӯракро чун ҳокими Суғд эътироф кард, вале шарте дар миён гузошт, ки мутобиқи он Ғӯрак ва лашкари вай бояд аз шаҳр берун мешуд.

Ғӯрак ин шартро иҷро кард, вале сарбозони Қутайба ҳар замон ба шаҳри Самарқанд шабохун мезаданд, мулки мардумро ғорат намуда, қасру кӯшкҳоро хароб месохтанд. Ғӯрак дур аз Самарқанд боз қувва ҷамъ карда, ба қароргоҳҳои арабҳо ҳамлаҳои ногаҳонӣ меовард ва сарбозони онҳоро ба қатл мерасонд. Вай дар тӯли чанд сол арабҳоро ором нагузошт. Ниҳоят Қутайба ибни Муслим розӣ шуд, ки Ғӯрак ба Самарқанд ояд. Ӯ ба шаҳр бозгашт ва чун ахшед (подшоҳ)-и Суғд бори дигар ба тахт нишаст.

Қутайба пас аз эътирофи ҳукумати Ғӯрак ба Хуросон баргашт.

Ғӯрак дар соли 738 вафот кард. Ба ҷои ӯ писараш Тургар сардори Суғд эълон шуд, аммо ҳамлаҳои ҳалокатбору харобиовари арабҳо дар пеш буданд.

### Савол ва супориш

1. Истилогарони араб шаҳри Марвро кай ишғол карданд? Сардорашон кӣ буд?
2. Ғӯрак дар кадом сол подшоҳи Суғд шуд ва то кай подшоҳӣ кард?
3. Бигӯед, ки шартномаи Қутайба ибни Муслим дар бораи чӣ буд.

Ҳазрат САБОҲӢ

## ДЕВОШТИЧ

Девоштич аз ҳокимони Суғд буд ва ба муқобили истилогарони араб мубориза мебурд. Дар таърихномаҳо номи ин марди шуҷоъро Девоштак низ зикр кардаанд. Лашкаркашони араб аз ӯ ҳамеша дар ҳарос буданд.

Девоштич аввал ба арабҳо наздик шуд, бовари онҳоро ба даст овард ва сипас роҳи аз сарзамини суғдиён пеш кардани истилогаронро ҷуст.

Солҳои 719–722 дар тамоми кишвари Суғд бар зидди арабҳои истилогар шӯриши мардум авҷ гирифт. Девоштич аз ҳокимони Фарғона ва Чоч ёрмандӣ хост, зеро арабҳо, ки аз ин исёнҳо ба таҳлука афтода буданд, аз хилофат лашкари дигаре дархост намуданд. Лашкар ба Суғд расид.

Дар набарди нобаробар суғдиён шикаст хӯрданд. Девоштич ба арабҳо рӯй оварду гуфт:

— Агар шумо кишвари моро тарк накунед, мо шаҳру деҳотро холӣ мекунем. Дар он сурат шумо аз гуруснагӣ хоҳед мурд!

Суғдиёне, ки ғуломи арабҳо шудан намехостанд, ҳамроҳи Девоштич ба тарафи Хуҷанд ҳаракат намуданд. Онҳо мехостанд, ки дар Хуҷанд қувва ҷамъ намуда, ба таври ногаҳонӣ ба арабҳо ҳамла оранд. Ба ин мақсад Девоштич ҷангкунон аз Самарқанд ба Панҷакат ақибнишинӣ кард. Дар Панҷакат набардҳои шадид ба амал омаданд. Пас аз ин Девоштич бо ҳазорҳо нафар сарбозон ва тарафдорони худ аз мавзеъҳои Киштут, Мадм, Қум ба сӯи Хуҷанд равон гардид.

Сарбозони Девоштичро лашкари араб бо сарварии Мусайяб таъқиб менамуд. Суғдиён дар қалъаи Қум паноҳ ҷустанд. Сипаҳсолори араб Сулаймон, ки бар зидди сарбозони Девоштич меҷангид, қалъаро муҳосира кард. Девоштич баъд аз ҷангҳои зиёд ба мақсади пешгирии хунрезии беҳуда ба сулҳ бо арабҳо розӣ шуд.

Сулаймон ба баҳонаи имзои қарордод Девоштичро ба назди лашкаркаш Ал-Харошӣ ба шаҳри Кеш (Шаҳрисабзи имрӯза) фиристод. Ал-Харошӣ чанд муддат Девоштичро напазируфт, зеро аз вай ниҳоят метарсид. Боре Ал-Харошӣ бо Девоштич ба баҳонаи дидани ҳоли мардум ба Арбинҷон сафар кард. Дар ин ҷо ҷосусони араб шабе ӯро дастгир намуданд ва Ал-Харошӣ барои тарсондани суғдиёни шӯришгар Девоштичро дар назди қабристони Арбинҷон ба дор овехт. Сипас сари ӯро аз тан ҷудо карда, ба маркази хилофат — Бағдоди

Ироқ фиристод. Ин фоҷиа соли 722 ба вуқӯъ пайваст.

Дар ин солҳо дар Суғд шӯриши дигаре авҷ мегирифт, ки ба он Хуршеди Корзанҷӣ сарварӣ менамуд.

### Савол ва супориш

1. Девоштич кӣ буд?
2. Ӯ бар зидди кадом лашкаркашҳои араб меҷангид?
3. Девоштичро кӣ кушт?

Ҳазрат САБОҲӢ

## ХУРШЕДИ КОРЗАНҶӢ

Дар охири даҳсолаи дуввуми асри ҳаштум, чунон ки аз ҳикоятҳои гузашта медонем, дар Суғд бар зидди арабҳо исёнҳо авҷ гирифтанд. Бузургони Суғд чунин мегуфтанд: «Ё душманро аз кишвар меронем, ё ғуломи ҳалқабаргӯш мешавем, ё муваққатан тарки ватан мекунем».

Азбаски шӯришҳои пай дар пай ба шикаст дучор мешуд, аксари суғдиён роҳи саввумро интихоб намуданд. Бузургон ва яке аз асилзодагони Суғд Хуршеди Корзанҷӣ, ки аз шаҳраки Корзани Суғди Самарқанд буд, бо шоҳи Фарғона — Алутар шартнома бастанд. Мутобиқи он Алутар суғдиёни муҳоҷирро бояд паноҳ медод ва онҳоро дар Исфара сокин мекард.

Муҳоҷирони суғдӣ, ки аҳли Миёнколу Самарқанд буданд, бо сарварии Хуршеди Корзанҷӣ ба сӯи Фарғона раҳсипор шуданд. Онҳо то Хуҷанд раси-

данд ва муддате он ҷо монданд, то ки минбаъд ба Исфара раванд.

Дар ин ҳангом, яъне аввали соли 722 лашкаркаши арабҳо ал-Харошӣ барои пахши шӯриш аз Хуросон ба Бухоро ва баъд ба Дабусия (наздикии Самарқанд) омад. Дар ҳамин вақт амакзодаи Алутар (шоҳи Фарғона) — Нилон ба назди ал-Харошӣ расид.

Вай ба ал-Харошӣ гуфт:

— Суғдиёну шоҳи Фарғона бо ҳам аҳд карданд, ҳоло онҳо муваққатан дар Хуҷанд иқомат доранд. Ҳанӯз, ки онон ба Исфара нарасидаанд, таъқибашон бикун. Зуд бош!

Суғдиён дар атрофи қалъаи Хуҷанд истеҳком гирифтанд. Дар берун аз девори қалъа хандакҳо кофтанд. Барои фиреби душман рӯи онро бо матоъ пӯшиданд ва болояш хок рехтанд. Вақте ки ал-Харошӣ ба қалъа наздик шуд, суғдиён дарвозаро кушода, ба арабҳо ҳуҷум намуданд. Азбаски сарбозони араб зиёд буданд, суғдиён зуд шикаст хӯрда, ба ақиб баргаштанд. Ҳангоми ақибнишинӣ бисёре аз онҳо ба хандакҳои худ фурӯ рафтанд. Хуршеди Корзанҷӣ ба назди шоҳи Фарғона кас фиристод, то ки мувофиқи ваъда ба суғдиён ёрӣ намояд. Шоҳи Фарғона аз ёрӣ худдорӣ намуд. Суғдиён пай бурданд, ки ӯ онҳоро фурӯхтааст ва вайро хоин хонданд. Пас аз ҷангҳои шадид Хуршеди Корзанҷӣ ба ал-Харошӣ хоҳиши сулҳ намуд. Вай гуфт:

— Мардуми моро намекушӣ, ба мо иҷозат медиҳӣ, то ки ба Суғд баргардем.

Ал-Харошӣ тамоми суғдиёнро аз Хуҷанд берун кард, ҳамаи аслиҳаи онҳоро гирифт ва худашонро дар қароргоҳи аскарони араб ҷой дод. Субҳи рӯзи дигар Хуршеди Корзанҷӣ аз матои сабз бар сари худ фӯта баст ва аз хайма берун омад. Мувофиқи гуфтугӯи қаблӣ ин нишони оғози шӯриш буд. Ҳамаи суғдиён ба шӯр омада, ба арабҳо дарафтоданд ва чандин нафари онҳоро куштанд. Дар ин ҷанг Хуршед кушта шуд. Ӯро Собит ибни Усмон ба қатл расонд. Ал-Харошӣ бештар аз ҳафт ҳазор суғдиёни муҳоҷирро қатл намуда, ашёи қимматбаҳо ва зару зевари бузургон, ашрофон ва тоҷиронро ба ғанимат гирифт ва ба сарбозони худ тақсим кард. Бо вуҷуди ин ҳам мардум рӯҳафтода нашуд ва шӯриш дар Мовароуннаҳру Хуросон идома мекард.

### Савол ва супориш

1. Мақсади Хуршеди Корзанҷӣ аз чӣ иборат буд?
2. Тарафдорони Корзанҷӣ дар куҷо истеҳком гирифтанд?
3. Рафтори шоҳи Фарғона чӣ гуна буд?
4. Арабҳо дар ҷанг бо Корзанҷӣ чӣ қадар суғдиёнро ба ҳалокат расониданд?

Ҳазрат САБОҲӢ

## МУҚАННАЪ

Ҳар ҳафта рӯзи ҷумъа дар чаҳорбоғи оташкадаи шаҳри Марв издиҳоми бузурги мардум гирд меомад ва як марди тахминан чилсолаи қавипайкар, ки ришу мӯйлаби сиёҳаш ба чеҳрааш хеле мезебид, ба онҳо мегуфт:

— Душманон дар ватани мо шоҳона зиндагӣ доранду мо худ гадоем. Чаро? Аз куҷост чунин беадолатӣ?! Паи пои арабҳоро бояд аз ин хок тоза рӯфт! Муттаҳид шавед, бародарҳо! Исён мекунем!

Ин мард Ҳошим пури Ҳаким буд, ки бо лақаби Муқаннаъ машҳур аст. Ӯро арабҳо бад медиданд ва таъқиб мекарданд. Аз ин сабаб пинҳон мегашт, одатан ба сар чодар мекашид, то ӯро нашиносанд. Лақаби Муқаннаъ, ки маънояш Чодарпӯш аст, барои ҳамин ба Ҳошим пури Ҳаким дода шуда буд.

Арабҳо боре Муқаннаъро дастгир карда, ба зиндони Бағдод афканданд. Аз ин зиндон касе зинда барнамегашт. Арабҳо Муқаннаъро мезаданд, ташнаву гушна нигоҳ медоштанд, маҷбур мекарданд, ки аз мубориза даст кашад ва тарафи онҳоро гирад. Аммо Муқаннаъ аз раъяш барнамегашт. Вай бовар дошт, ки дӯстонаш ба зудӣ меоянд, то ӯро озод кунанд. Ҳамин тавр ҳам шуд: дар яке аз шабҳои тор Муқаннаъ бо кӯшиши пайравонаш аз зиндони машҳури Бағдод гурехт. Вақте ки ин хабар ба гӯши Халиф-ал-Маҳдӣ расид, ӯ моту мабҳут монд.

— Муқаннаъ аз зиндон чӣ тавр гурехта бошад? — ангушти ҳайрат газид халифа Маҳдӣ. — Ё тавба! Ӯро зуд дастгир кунед, ки бар сарамон балоҳои азим меорад!

Вале ин кори осон набуд. Муқаннаъ вакилонашро барои ба шӯриш тайёрӣ дидан ба Самар-

қанду Бухоро, Кешу Насаф ва Хуҷанд фиристода, худ ба Марв раҳсипор шуд.

Арабҳо хавотир шуда, соҳилҳои дарёи Омуро посбонӣ мекарданд. Онҳо намехостанд, ки Муқаннаъ аз Марв ба Мовароуннаҳр гузарад ва ҳамаро ба шӯр андозад.

Вале Муқаннаи ташнаи қасос боз диловарӣ кард: ба сар чодар кашида, аз мобайни посбонони араб гузашт ва ба Наршах омад. Наршах маркази шӯриш қарор гирифта буд.

Хуллас, шӯриши Муқаннаъ, ки шӯриши сафедҷомаҳо низ мегӯянд, сар шуд. Дар чанд рӯз аҳли Мовароуннаҳр ба по хест.

Халиф-ал-Маҳдӣ ба муқобили сафедҷомагон лашкари Ҷабраил ибни Яҳёро фиристод.

— Ҳамаашонро торумор кунед! — амр кард вай.

Аммо Ҷабраил ибни Яҳё дуру дароз ҳарб карда натавонист, роҳи гурезро пеш гирифт. Халифа дар ғазаб шуда, лашкари Муслимро ба ҷанг фиристод. Ин дафъа ҳарб кашол ёфт. Муслиму Муқаннаъ ду сол ҷангиданд. Гоҳ арабҳо ғолиб мешуданд, гоҳ сафедҷомаҳо. Аз ду ҷониб ҳам аскари бисёр кушта мешуд.

— Наҳаросед! — мегуфт Муқаннаъ ба пайравонаш. — Ақиб нагардед! Қувваи лашкари Муслим кам шуд, мо ғалаба мекунем!

Дар ҳақиқат Муқаннаъ бояд ғолиб мешуд, лекин ашрофони маҳаллӣ, ки дар шӯриш иштирок доштанд, хиёнат карданд. Онҳо банохост тарафи Муслимро гирифтанд. Қувваи сафедҷомаҳо якбора коҳид. Аз ин сабаб Муқаннаъ соли 783 шикаст хӯрд.

Муслим қалъаи Нархашро забт ва муҳофизони онро қатл кард. Муқаннаъ таслим нашуд, худкушӣ кард. Охирин сухани ӯ ин буд:

— Эй, араб! Бишнав, ки озодии ватани ман наздик аст!

**Савол ва супориш**

1. Муқаннаъ мардумро ба чӣ даъват мекард?
2. Вай бо ёрии кӣ аз зиндони Бағдод гурехт?
3. Шӯриши халқи Мовароуннаҳру Хуросон, ки ба он Муқаннаъ сардорӣ мекард, чӣ ном дошт?
4. Шӯришчиён ба муқобили кӣ ду сол ҷангиданд ва кай шикаст хӯрданд?
5. Ҳикоятро бо суханҳои худ нақл кунед.

## АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ

Абулқосим Мансур ибни Ҳасан Фирдавсӣ соли 934 дар деҳаи Божи ноҳияи Таброни вилояти Тӯси Хуросон ба дунё омадааст. Падару бобояш аз деҳқонон буданд.

Фирдавсӣ устоди назми адабиёти мост ва аз бузургтарин достонсароёни ҷаҳон аст. Вай дар ҷавонӣ тамоми илмҳои замонашро омӯхта, бештар ба илми таъриху санъати шеър таваҷҷӯҳ мекард. Забонҳои паҳлавӣ ва суғдиро, ки дар ин забонҳо то истилои арабҳо китобҳои зиёди таърихӣ ва бадеӣ иншо шуда буданд, хуб медонист. Давраи ҷавониву эҷодкории Абулқосим Фирдавсӣ дар айёми салтанати Сомониён (875–999) гузаштанд. Вай муаллифи асари бузургу безаволи «Шоҳнома» аст, ки садҳо достонро фаро мегирад. Фирдавсӣ

ба навиштани «Шоҳнома» 30 соли умри худро сарф кардааст. Вай мехост, ки «Шоҳнома»-ро ба подшоҳони сомонӣ ҳадя намояд, аммо давлати Сомониён соли 999 шикаст хӯрду шоир китоби бузургашро ба Маҳмуди Ғазнавӣ пешкаш намуд.

Маҳмуди ҷоҳил «Шоҳнома»-ро намеписандид. Пас аз ин Фирдавсӣ умри худро бо оворагиҳо гузаронда, баъд аз чандин солҳо ба зодгоҳаш бармегардад ва соли 1020 чашм аз ҷаҳон мепӯшад.

Фирдавсӣ дар иншои «Шоҳнома» кори Дақиқии Самарқандиро давом додааст. Дақиқӣ «Шоҳнома»-и худро ба поён нарасонда буд, ки аз дасти душманон ба қатл расид. Фирдавсии бузург достонҳои Дақиқиро ба «Шоҳнома»-и худ дохил карда, рӯҳи Дақиқиро шод намудааст.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз достонҳои асотирӣ, қаҳрамонӣ ва таърихӣ иборат аст. «Шоҳнома» бо ҳуҷуми арабҳо ба Эронзамин поён меёбад.

Фирдавсӣ дар достонҳои «Шоҳнома» сулҳу осоиш, адолату ҳақиқат, ватанпарастӣ, инсондӯстӣ, илму хирад ва донишу омӯзишро тараннум кардааст. Достонҳои ӯ ривоятҳову таърихи халқҳои тоҷику форсро аз замонҳои қадим то истилои араб фаро мегиранд.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба забонҳои бисёри ҷаҳон, аз ҷумла англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, итолиёӣ, испанӣ, русӣ, чехӣ ва ғайра тарҷума шудааст. Аз рӯи достонҳои Фирдавсӣ дар мамлакатҳои ҷаҳон филмҳо, намоишномаҳои театрӣ ва асарҳои санъати тасвирӣ эҷод гардидаанд.

### Савол ва супориш

1. Фирдавсӣ кай ва дар куҷо таваллуд шудааст?
2. Вай «Шоҳнома»-ро ба кӣ тақдим кардан мехост?
3. Кадом достонҳо ва қаҳрамонҳои «Шоҳнома»-ро медонед?
4. Тарҷумаи ҳоли Фирдавсиро бигӯед.

## ПАНДУ АНДАРЗҲО АЗ «ШОҲНОМА»

Таносон шавад ҳарки ранҷ оварад,
Зи ранҷи танаш бори ганҷ оварад.

* * *

Ту коре, ки кардӣ, набурдӣ ба сар,
Чаро даст ёзӣ ба кори дигар?

* * *

Агар ҳарки дорад зи ҳар кор нанг,
Бувад зиндагониву рӯзеш танг.

* * *

Зи доно бипурсид пас додгар,
Ки «Фарҳанг беҳтар бувад ё гуҳар?»
Чунин дод посух бад-ӯ раҳнамун,
Ки «Фарҳанг бошад зи гавҳар фузун.
Ки фарҳанг ороиши ҷон бувад,
Зи гавҳар сухан гуфтан осон бувад.
Гуҳар бе ҳунар зору хор асту суст,
Ба фарҳанг бошад равон тандуруст».

* * *

Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.
Ба ранҷ андар орӣ танатро, равост,
Ки худ ранҷ бурдан ба дониш сазост.
Биёмӯзу бишнав зи ҳар донише,
Биёбӣ зи ҳар донише ромише.

* * *

Ба дониш бувад мардро обрӯй,
Ба бедонишӣ, то тавонӣ, макӯй!

* * *

Ба дониш бувад ҷону дилро фурӯғ,
Нигар, то нагардӣ ба гирди дурӯғ.

* * *

Касе, к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,
Ба гуфтору кирдор беҳтар бувад.

* * *

Хирад парварад ҷони озодагон,
Хирад раҳ намояд ба хонандагон.

* * *

Хирадманд бошу беозор бош,
Ҳамеша забонро нигаҳдор бош.

* * *

Ҳамон дӯстӣ бо касе кун баланд,
Ки бошад ба сахтӣ туро ёрманд.

* * *

Агар дӯст бо дӯст гирад шумор,
Набояд, ки бошад миёнҷӣ ба кор.

* * *

Далерӣ зи ҳушёр будан бувад,
Диловар сазои сутудан бувад.

* * *

Ба гетӣ ба ҷуз ростӣ пеша нест,
Зи каҷҷӣ батар ҳеҷ андеша нест.

* * *

Агар хоҳӣ аз ҳар ду сар обрӯй,
Ҳама ростӣ кун, ҳама рост гӯй.

## Савол ва супориш

1. Фирдавсӣ дар бораи дониш чиҳо гуфтааст?
2. Пандҳои Фирдавсӣ дар бораи хирад ниҳоят зиёданд, шумо кадомашро медонед?
3. Дар ҳар хусус пандҳои Фирдавсиро аз ёд кунед ва маънидод намоед.

## Луғат

**Таносон** — осудаҳол.
**Додгар** — одил, адолатпеша.
**Фузун** — зиёд.

**Ромиш** — нағма, суруд.
**Макӯй** — кӯшиш макун, макӯш.
**Фурӯғ** — фурӯз, рӯшноӣ.
**Миёнҷӣ** — касе, ки дар байн истода, ду касро оштӣ медиҳад.
**Гетӣ** — ҷаҳон, дунё.

## НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

(1141–1209)

Низомии Ганҷавӣ яке аз бузургтарин шоирони форсу тоҷик ва яке аз машҳуртарин адибони дунёст. Номи шоир Илёс аст ва дар шеъру достонҳояш «Низомӣ» тахаллус намудааст. Вай соли 1141 дар шаҳри Ганҷаи Озарбойҷон таваллуд шудааст ва бинобар ин ҳам ӯро Ганҷавӣ меноманд. Падару бобо ва гузаштагони Низомии Ганҷавӣ аслан аз шаҳри Райи Эрон будаанд.

Илёс аз падару модар дар хурдсолӣ ҷудо шудааст. Вайро тағояш тарбия намудааст. Илёси ҷавон дар мактабу мадраса илмҳои замони худ — фалсафа, мантиқ, нуҷум, тиб, мусиқӣ, санъати сухан ва забони арабиро аз худ кардааст. Вай дар айёми ҷавонӣ ба гуфтани шеъру ғазал оғоз намуда, баъдҳо ҳамчун достонсаро шӯҳрат ёфтааст.

Низомии Ганҷавӣ ғайр аз шеъру ғазал панҷ достони алоҳида навиштааст, ки онҳо бо номи «Хамса» машҳуранд. Калимаи «хамса» арабист ва маънояш «панҷгона» аст. «Хамса»-и Низомӣ аз достонҳои «Махзан-ул-асрор», «Хусрав ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ҳафт пайкар», «Искандарнома» иборат аст. «Хамса»-ро бо номи «Панҷ ганҷ» низ ёд мекунанд. Низомӣ шоирест, ки бори аввал

дар адабиёти тоҷику форс «Хамса» эҷод кардааст. Вай дар достонҳои худ ишқу муҳаббати пок, инсондӯстиву инсонпарварӣ, адолату ростқорӣ, ҷавонмардиву шуҷоат, илмдӯстиву донишомӯзӣ, сулҳу амниятро васф кардааст.

Низомӣ соли 1209 дар Ганҷа вафот кардааст. Асарҳои вай ба аксари забонҳои дунё тарҷума шудаанд.

Дар адабиёти тоҷику форс баъд аз Низомии Ганҷавӣ Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдуллои Ҳотифӣ «Хамса» навиштаанд ва дар адабиёти ӯзбек бори аввал Алишери Навоӣ «Хамса» иншо кардааст.

### Савол ва супориш

1. Низомӣ кай ва дар куҷо таваллуд шудааст?
2. Вай кадом илмҳоро омӯхт?
3. «Хамса»-и Низомӣ аз кадом достонҳо иборат аст?
4. Бигӯед, ки Низомӣ дар асарҳояш чиҳоро тараннум мекард.
5. Дар адабиёти мо ғайр аз Низомӣ боз кадом шоирон «Хамса» навиштаанд?
6. Тарҷумаи ҳоли шоирро бо суханҳои худ нақл кунед.

Низомии ГАНҶАВӢ

## КӮДАКИ МАҶРӮҲ

Кӯдаке аз ҷумлаи озодагон
Рафт бурун бо ду-се ҳамзодагон.
Пояш аз он пӯя даромад зи даст,
Меҳри дилу мӯҳраи пушташ шикаст.
Шуд нафаси он ду-се ҳамсоли ӯ
Тангтар аз ҳодисаи ҳоли ӯ.

Он, ки варо дӯсттарин буд, гуфт:
«Дар буни чоҳеш бубояд нуҳуфт,
То нашавад роз чу рӯз ошкор,
То нашавем аз падараш шармсор».
Оқибатандештарин кӯдаке
Душмани ӯ буд дар эшон яке,
Гуфт: «Ҳамоно, ки дар ин ҳамраҳон
Сурати ин ҳол намонад ниҳон,
Чунки маро з-ин ҳама душман ниҳанд,
Тӯҳмати ин ҳодиса бар ман ниҳанд!»
Пеши падар рафту хабардор кард,
То падараш чораи он кор кард.
Ҳар ки дар ӯ ҷавҳари доноӣ аст,
Бар ҳама чизеш тавоноӣ аст.

## Луғат

**Ҳамзодагон** — ҳамсолон.
**Пӯя** — тез давидан, тохтан.
**Бун** — реша, асос.
**Роз** — сир, асрор.
**Нуҳуфтан** — пинҳон кардан.

## Супориш

1. Шеърро бо диққат хонед ва бо ёрии муаллим калима ва ибораҳои зеринро маънидод кунед: озодагон, меҳри дил, мӯҳри пушт, оқибатандеш, ҷавҳари доноӣ.
2. Мазмуни шеърро бо суханҳои худ нақл кунед.
3. Ба гуфтаҳои ҳарду бача диққат диҳед ва бигӯед, ки кадоми онҳо маслиҳати дуруст дод.
4. Дар ин шеър мазмуни зарбулмасали «Душмани доно беҳ аз дӯсти нодон» истифода шудааст. Ба рафтори дӯст ва душмани кӯдаки маҷрӯҳ баҳо диҳед.
5. Байти охирини шеърро аз ёд кунед ва маънидод намоед.

Низомии ГАНҶАВӢ

## НАСИҲАТИ ФАРЗАНД

Хирадманду бедор бош, ай писар,
Ба бозӣ мабар умри худро ба сар.
Бубин, този тухме, ки мо коштем,
Чӣ беҳ буд аз он бар, ки бардоштем.
Ту низ ар алам бар баландӣ занӣ,
Беҳ, ар халқаи хушмандӣ занӣ.
Маро чун худӣ гӯш бар печ нест,
Туро чун манӣ ҳаст, агар ҳеч нест.
Ба ёд овар аз бозии ҳафтсол,
Ки бар чашми мо чун гузашт аз хаёл.
В-аз он бо ту андарзҳо кардаам,
Муфарреҳ ба ёқут парвардаам.
В-аз он чордаҳсола гаштан ба ноз,
Чу моҳи шаби чордаҳ ҷилвасоз.
Дигарбора андарзҳо сохтаам,
Сиҳисарвро сар барафрохтаам.
В-аз ин ҳафда хисл оваридан ба даст
Шуда ҳафдасола бад-ин сон, ки ҳаст.
Ба ҳар пойгоҳе, ки шоиста буд,
Хабар додамат он чӣ боиста буд.
Чу шохибарӯманд боло кашид,
Дарахте ба сарсабзӣ омад падид.
Чӣ ҳоҷат ба ин рӯз бозӣ туро,
Худо худ кунад корсозӣ туро.
Китоби гаронмоя дорӣ чаҳор,
Ҷудогона ҳар як зи ман ёдгор...
Калиде, ки онро кунӣ бозҷуст,
Зи унвони ин нома ёбӣ дуруст.
Чу ман нимаи нома пардохтам,

Сарире ба болини ӯ сохтам.
Дар ӯ ёдгорӣ зи баҳри ту хос,
Ки хонию аз банд ёбӣ халос.
Ба ҳар ҷо, ки бошад туро роҳу рахт,
Дуо аз манат боду ёрӣ зи бахт.
Ҷаҳон бар вуҷуди ту фархунда бод,
Вуҷуди Низомӣ ба ту зинда бод!

### Супориш

1. Бигӯед, ки шоир бачагонро ба чӣ даъват мекунад.
2. Шеърро аз ёд кунед.

## САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ яке аз намояндагони барҷаставу маъруфи адабиёти классикии форсу тоҷик аст. Вай соли 1184 дар шаҳри Шероз, ки маркази вилояти Форс мебошад, таваллуд ёфтааст. Давраи бачагии Саъдӣ бо мушкилоту душвориҳо гузаштааст. Ӯ бо вуҷуди ин ҳам кӯшишу ғайрат намудааст, ки таҳсилро идома диҳад. Саъдӣ дар ҷавонӣ ба Бағдод рафта, дар мадрасаи машҳури «Низомия» таҳсили илм кардааст.

Саъдии Шерозӣ аз шоирони ҷаҳонгашта аст. Вай баъд аз хатми мадраса ба сафар мебарояд ва шаҳру деҳоти Эрон, Хуросон, Мовароуннаҳр, Арабистон, Сурия ва кишварҳои дигарро мебинад, бо мардуми ин мамлакатҳо ошно мешавад. Бо гузашти даҳсолаҳо ба зодгоҳаш Шероз бармегардад ва ба эҷоди асарҳои машҳураш «Бӯстон» ва «Гулистон» машғул мешавад.

Саъдии Шерозӣ аз устодони ғазал аст ва девони мукаммали ашъори вай, китобҳои ӯ — «Бӯстон» ва «Гулистон» то замони мо расидаанд.

«Гулистон»-и Саъдӣ аз асри ҳабдаҳум сар карда, ба забонҳои аврупоӣ тарҷума шудааст. «Бӯстон»-у «Гулистон» чун асарҳои ниҳоят шавқангези панду ахлоқӣ машҳури ҷаҳонанд.

Устод Саъдӣ соли 1292 дар синни 107-солагӣ вафот кардааст.

### Савол ва супориш

1. Саъдӣ дар куҷо таҳсили илм намудааст?
2. Вай ба кадом кишварҳо сафар кардааст?
3. Асарҳои ӯро номбар кунед. Тарҷумаи онҳо ба забонҳои аврупоӣ дар кадом аср шурӯъ шуд?
4. Дар бораи Саъдӣ маълумот диҳед.

## АЗ «ГУЛИСТОН»-И САЪДӢ

### Ҳунару дониш

Араби саҳроиеро дидам, ки ба писари худ мегуфт:

— Аз ту мепурсанд, ки ҳунарат чист, намепурсанд, ки падарат кист?

### Қитъа

Писареро падар насиҳат кард,
К-эй ҷавонмард, ёд гир ин панд:
Ҳар ки бо аҳди худ вафо накунад,
Нашавад дӯстрӯю донишманд.

### Супориш

Ҳикояту қитъаи шеъриро бо диққат бихонед ва мазмуни онҳоро бифаҳмонед.

## ҲИКОЯТ

Ду бародар буданд. Яке хизмати султон мекард ва дигаре бо зӯри бозу нон мехӯрд.

Боре бародари тавонгар (сарватманд) ба ин дарвеш (камбағал) гуфт:

— Чаро хизмати султон намекунӣ, то аз машаққати кор кардан бираҳӣ (раҳо шавӣ)?

Гуфт:

— Ту чаро кор намекунӣ, то аз мазаллат (хорӣ)-и хизмат раҳоӣ ёбӣ! Хирадмандон гуфтаанд: «Нони худ хӯрдан ва нишастан беҳ аз он, ки камари заррин бастан ва ба хизмати амир истодан».

## БАЙТ

Ба даст оҳаки тафта кардан хамир,
Беҳ аз даст бар сина пеши амир.

## ҚИТЪА

Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.
Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.

### Супориш

1. Ҳикоят ва қитъаҳои шеъриро бо диққат хонда, бо ёрии муаллим мазмуни онҳоро маънидод кунед.
2. Қитъаи «Бани одам»-ро аз ёд намоед.

## ОМАД ФАСЛИ ЗИМИСТОН,
## БАЧАҲО ШОДУ ХАНДОН.



Барф биборад зи ҳаво субҳу шом,
Кӯҳу даман гашта кунун нуқрафом.

Абулҳасани ЧОЧӢ

# САРМО РАСИД

Тирамоҳ сард шуда ҷои худро ба фасли зимистон дод. Осмонро абрҳои ғафс фаро гирифтанд, шамоли хунук вазид, қатраҳои борон ба барф табдил ёфт. Рӯи саҳро, рӯи ҳавлию бом ва кӯчаву майдонҳо пур аз барф шуд.

Зимистон чӣ вақт оғоз мешавад? Бо барфи аввалин ё дар замони муайян?

Фасли зимистон аз аввали моҳи ҷаддӣ сар мешавад. Якӯми моҳи ҷаддӣ ба 22 декабр баробар аст. Шаби 21 декабр ба 22 декабр дарозтарин шаби сол аст. 22 декабр кӯтоҳтарин рӯз аст. Ин шаби дарозтаринро «шаби ялдо» мегӯянд.

Аз куҷо мефаҳмем, ки моҳи ҷаддӣ омадааст?

Шумо медонед, ки кураи Замин дар гардиши худ ба даври Офтоб ҳар моҳ муқобили як бурҷ (гӯша, кунҷ)-и осмон қарор мегирад. Дар ин бурҷҳои осмон гурӯҳи ситораҳои гуногун қарор доранд. Ҳар яке аз ин ситораҳоро дар осмон як нуқта гӯем ва ин нуқтаҳоро бо хатте пайваст созем, шакл ё сурати ҳамон бурҷ пайдо мешавад. Масалан, пеш аз моҳи ҷаддӣ моҳи қавс меояд. Гурӯҳи ситораҳои бурҷи қавсро бо хатте ба ҳам пайвандем, расм ё шакли камон пайдо мешавад. Калимаи арабии «қавс» дар забони тоҷикӣ маънии «камон»-ро дорад. Шакл, ки ба қавс ё камон монанд шуд, номи бурҷро чунин ниҳодаанд.

Ин бурҷ як моҳ болои сари мо қарор гирифта, ба сари буз монанд аст. Баъд аз ҷаддӣ далв (дӯли об) ва ҳут (моҳӣ) меоянд. Ин се моҳ, яъне ҷаддӣ, далв ва ҳут фасли зимистонро ташкил медиҳанд.

Дар кишвари мо дар фасли зимистон чӣ гуна ҷашну идҳо баргузор мешаванд?

Мо якуми январ Соли нави исавӣ (христианӣ)-ро пешвоз мегирем. Иди арча барпо мешавад. Бобои барфӣ дар ин ҷашн меҳмони бачаҳо мешаваду ба онҳо тӯҳфаҳои гуногун медиҳад.

Пас аз он Рӯзи муҳофизони Ватанро ҷашн мегирем. Аскарону сарҳадбонон ба мактабҳои мо ба меҳмонӣ меоянд. Мо ба онҳо гулдаста ва тӯҳфаҳо тақдим мекунем.

Дар 30–31 январ, ки баробар бо 10–12 моҳи далв аст, Ҷашни Сада барпо мешавад. Онро барои чӣ Ҷашни Сада мегӯянд? Барои он ки дар қадим гузаштагони мо — суғдиёни оташпараст 50 шабу 50 рӯз пеш аз Наврӯз ҷашне барпо мекарданд ва дар он дарахти навдаҳояш бисёр ва пуршохро бо меваву расмҳои гулҳо оро дода, гулхан афрӯхта, дар гирдаш шодиву бозӣ менамуданд. Дар ин ҷашн дар бораи кишту кори оянда сӯҳбату маслиҳат мекарданд, дар бораи тайёрии худ ба Наврӯз машваратҳо менамуданд. Аз худованд ҳосили хуби кишти баҳориро мехостанд. Ҳамон дарахт баъдҳо номи «Дарахти Сада»-ро гирифт. Имрӯз ҳам онро дарахти Сада мегӯянд.

Зимистонро, ки фасли нуқрафом мегӯянд, бачаҳо дӯст медоранд. Дар ин фасл онҳо якчанд рӯз таътил доранд ва бо барфбозиву чанатозӣ машғул мешаванд. Фасли зимистон ба бачаҳо ҳамеша таассуроти зиёд боқӣ мегузорад.

## Савол ва супориш

1. Фасли зимистон чӣ вақт оғоз меёбад?
2. Дар зимистон кадом ҷашнҳо дорем?

Гулчеҳра СУЛАЙМОНӢ

## БАРФИ АВВАЛ

Осмони каб-кабуд
Яке пури лаклак шуд.
Дару тирезаи мо
Ҳамон замон тақ-тақ шуд.

Барфи аввал рез-рез,
Ордакатро без-без.

Барфи калон бесадо
Мекунад моро нидо!
Тӯе аҷаб шуд ба по,
Кӯча пур аз бачаҳо.

Барфи калон бор-бор
Туро будем интизор.

Кӯча пури момо шуд,
Майдон пури бобо шуд.
Ҷаҳон-ҷаҳон хурсандӣ
Андар дили мо ҷо шуд.

Барфак резу барфак рез,
Теппа шавад ҳарчӣ тез.

### Супориш

**1.** Шеъррро аз ёд кунед.

## БОЗИҲОИ ЗИМИСТОНӢ

Дар зимистон бозиҳои мо ба ду қисм ҷудо мешаванд. Як қисмашон дар хонаҳо, толорҳои варзиш ва қисми дигари бозиҳо дар берун, дар рӯи

барф ва ях мегузаранд. Дар мактаби мо бозиҳо дар толори варзиш бисёр нағз ташкил карда шудаанд.

Дар рӯзҳои борон мо бо бозиҳои хонагӣ машғул мешавем. Аммо ҳамин, ки барф борида, замин ях кард, мо ба рӯи ҳавлӣ баромада, барфбозию яхмолакбозӣ мекунем, аз барф одами барфӣ ва ҳар гуна чизҳои дигар месозем. Ба чана савор шуда, ба ҳар тараф медавем.

### Савол ва супориш

1. Шумо чӣ гуна бозиҳои зимистониро медонед?
2. Бигӯед, ки кадом бозии зимистонӣ ба шумо маъқултар аст.

Мирсаид МИРШАКАР

## ДАР АТРОФИ АРЧАҲО

Дар атрофи арчаҳо
Ғун гардида бачаҳо,
Суруд хонда мерақсанд,
Бениҳоят хурсанданд;
Имшаб шаби хурсандист,
Хурсандиро поён нест.
Сол ба охир расидаст,
Бигрифта гулҳо дар даст,
Хайрухуш менамояд,
Имшаб ӯ мебарояд.
Акнун, ки ӯ рафтанист,
Ба гапҳояш дода гӯш,
Намекунем фаромӯш:
— Як сол аз ин муқаддам,

Монда будам ман қадам.
Дар диёри озодӣ,
Ба наздатон бо шодӣ.
Бо шумо ошно шудам,
Дар он дам кӯдак будам,
Кӯдак будам, чол шудам...
Шумо хушбахту хуррам,
Озод аз зулму ситам;
Ҳар ҳунаре, ки хоҳед,
Ба даст ӯро меоред.

## ДАР ЗИМИСТОН ҲАЙВОНҲО ЧӢ КОР МЕКУНАНД?

Барои санҷоб зимистону тобистон як аст. Вай дар ковокии дарахтони бешазор хона карда, хоб мекунад. Тобистону тирамоҳ дар хонааш меваҳои ҷангалӣ ғун мекунад ва зимистони дароз то омадани баҳор дар хонааш мехобад. Зимистон гоҳ-гоҳ аз хонааш баромада, аз шохае ба шохае ҷастухез ва барфбозӣ мекунад.

Хорпуштакҳо зимистон ба болояшон хасу хошок ва хазон кашида, пинҳон мешаванд ё зери бутта ва алафҳои хушк хоб мекунанд.

Хирси каҷпо тобистон ва тирамоҳ хуб хӯрок хӯрда, сер мешавад. Зимистон дар ғорҳо ва чуқуриҳо хона карда хоб мекунад. Хонаашро барф пахш кунад ҳам, хунук намехӯрад.

Оҳу дар камари кӯҳ хоб мекунад. Вай дар зимистон ба лаби чашмаҳои гарм фуромада, аз лаби чашма хӯрокашро ёфта мехӯрад. Оҳу дар зимис-

тон хона намесозад, дар камари кӯҳ, шах, дар ковокии зери санг хоб мекунад.

Харгӯш дар зимистон ҷомаашро дигар мекунад. Хонаашро боз дурусттар карда мегирад. Вай ҳайвони тарсончак аст. Харгӯшро дар ҷойҳои сербарф доштан осон аст.

Рӯбоҳ барои худ хона месозад. Дар хонааш барои зимистон аз хазон ва хасу хошоки мулоим ҷойхоб тайёр мекунад. Рӯбоҳ хонаи худро доим дигар карда меистад.

Зимистон аз ҳама ҳам ҳоли гурги бехона бад мешавад. Вай дар шабҳои хунук ва дарози зимистон дар кӯҳу дашт хӯрок ҷуста, саргардон шуда мегардад ва уллос мекашад.

### Савол ва супориш

1. Шумо кадоме аз ин ҳайвонҳоро дидаед?
2. Ҳайвонҳои хонагӣ зимистонро чӣ тавр мегузаронанд?
3. Боз кадом ҳайвонҳоро медонед, нақл намоед.

Убайд РАҶАБ

## СОЛИ НАВ МУБОРАК БОД!

Шамолак роҳ мерӯбад,<br>
Субҳи нав дар мекӯбад.<br>
Ҳама хуррам, ҳама шод,<br>
Соли нав муборак бод!<br>
Боз бирафт аз миён,<br>
Як соли амну амон.<br>
Як соли пур аз ҷидол,<br>
Як соли кори ҳалол.

Бирафту аз худ нишон
Ба мо дар ҳар қадам монд.
Аз бурдҳо дар як сол
Сад далелу рақам монд.
Биёд, барад Соли нав
Аз соли куҳан гарав.
Ҳар соате бибояд,
Дар бар зафар кушояд.
... Дар чашму рӯи мардум,
Гул мекунад табассум,
Ҳама хуррам, ҳама шод,
Соли нав муборак бод!

### Савол ва супориш

1. Дар Соли нав одамон ба якдигар чӣ мегӯянд?
2. Шеърро хонда маънидод кунед.

# АЗ ҲИКОЯТ БА ҲИКОЯТ



Илмат ба амал чу ёр гардад,
Қадри ту яке ҳазор гардад.

*(Зарбулмасали халқӣ)*

Абдумалик БАҲОРӢ

# «ДУ»-И БОБОЯМ

Дар умрам бори аввал баҳои ду гирифтаму сахт алам кард. Ба хона омада, аз гулӯям хӯрок ҳам нагузашт. Медонистам, ки гуноҳи худам. Ба мактаб вазифаи хонагиро тайёр накарда рафта будам. «Наход муаллим аз ман пурсад?» гуфтаму оқибаташ ҳамин шуд!

Бобоям аз ҳоли табоҳи ман бохабар шуда, тасаллӣ доданд:

— Ин қадар ғам нахӯр, ҷони бобо. Зӯр зан, ки ин дафъа баҳои «панҷ» гирӣ. Ман ҳам дар вақташ як бор баҳои «ду» гирифта, хеле дар хиҷолат монда будам.

— Кай, furbобоҷон? Нақл кунед.

— Ҷавон будаму дар армия хизмат мекардам, — нақлашонро сар карданд бобо ришашонро молида. — Дар майдони тирандозӣ машқ мегузарондем. Танкҳо бояд маршрути муайянро тай карда, сари вақт ба лаби дарё меомаданд.

— Шумо танкист будед?

— Бале, командири экипаж.

— Баъд чӣ шуд? — зудтар донистан мехостам ман.

— Мо қафо монда, аз командири баталон гап шунидем.

— Барои чӣ?

— Танки мо аз ҳама пеш мерафт. Ногоҳ дар канори роҳ чашмам ба гӯсфанде афтод, ки ду барра зоидаасту ҳаросон ба атроф менигарад. Чӯпон подаро аз роҳ хеле дур, ба домани кӯҳ

ҳай карда бурдааст. Мешро дард гирифта, ин ҷо мондаасту чӯпон бехабар. Амр додам, ки танкро ба домани кӯҳ ронанд. Мо аз маршрут баромада, сӯи пода рафтем. Чӯпонро аз ин воқеа огоҳ кардем. Даҳмарда миннатдор шуда, ба роҳ даромад.

Афсари мо сабаби дер омадани моро шуниду абрӯ чин карда гуфт:

— Шумо бархилофи қоидаи ҷанг рафтор кардаед!

— Ин ҷанг не, машқ-ку, — узр хостам ман сар хам карда.

— Фарқе надорад, ба таомули ҳарбӣ рост намеояд, — дӯғ зад командир ва ба ман баҳои «ду» монд.

Бегоҳӣ, баъди ба гарнизон баргаштан, афсар аз аспи ҷаҳлаш фуромадаст магар, ки ба китфам тап-тап зада гуфт: «Дар иҷрои фармон «ду» гирифта бошед ҳам, баҳои одамгариатон «панҷ». Вагарна гӯсфанди бечораро дар дашт имшаб гург мехӯрду чӯпон аз се моли ҷондораш маҳрум мешуд».

— Баъд «панҷ» монд? — пурсидам ман.

— Не, — хандиданд бобом. — «Ду» истодан гирифту машқи навбатӣ «панҷ» гирифтем.

Аҷоиб, иҷро «ду»-ю рафтор «панҷ»! Дар зиндагӣ ҳамин хел ҳам мешудааст. Ба furbobоҷонам ваъда додам, ки ман ҳам минбаъд панҷ мегираму рӯзномаамро аввал ба он кас нишон медиҳам.

## Савол ва супориш

**1.** Бобову набера дар чӣ хусус сӯҳбат мекарданд?
**2.** Мазмуни ҳикояро нақл кунед.

Болта ОРТИҚЗОДА

# ПЛАСТИЛИН

Хурд будам. Дар синфи якум мехондам. Пластилин камёфт буд. Дар синфамон нисфи бачаҳо пластилин надоштанд. Ҳангоми дарси меҳнат муаллимамон азоб мекашид. Аз набудани пластилин як қисми бачаҳо бекор менишастанду ба дигарон халал мерасонданд.

Бегоҳӣ ба хона омадам, ки ҳам падарам, ҳам модарам пластилин овардаанд. Ура! Аз шодӣ дар куртаам намеғунҷидам. Пагоҳӣ қуттиҳои пластилинро ба портфелам андохта, ба мактаб омадам. Пеш аз дарси меҳнат онҳоро ба ҷӯраҳоям нишон додам.

— Азиз, — гуфт Солеҳ, ки бо ман дар як парта менишаст. — Як қуттиашро ба ман деҳ, ҷӯра, пагоҳ пулашро оварда медиҳам. Ба ту як қуттиаш ҳам мешавад.

— Не, модарам «Ба ҳеҷ кас надеҳ» гуфта буданд, — дурӯғ гуфтам ман ва гӯё кашида мегирифта бошад, пластилинҳоро зуд ба портфелам андохтам.

— Ҳамин гапат дурӯғ, ҷӯра, — боварии Солеҳ наомад. — Модарат ҳеҷ гоҳ ин тавр намегӯянд.

Садои занг баланд гардид. Ба синф муаллим даромад. Дарси меҳнат сар шуд. Ман пластилинҳоямро аз сари нав гирифта, ба рӯи парта гузоштам, то ки муаллим бинаду қоил шавад. Аммо вай гап назад. Солеҳ боз ба сухан даромад.

— Муаллим, шумо гӯед, — илтиҷо менамуд ӯ, — Азиз ду қуттӣ пластилин дорад. Як қуттиашро ба ман диҳад. Пагоҳ пулаша мебиёрам.

— Ҷӯраат дуруст мегӯяд, Азиз, — гуфт муаллим фикри ӯро тарафдорӣ карда. — Як қуттиашро деҳ. Солеҳ бекор нашинад.

— Модарам ҷанг мекунанд, — баҳонаи пешинаро такрор мекардам. — «Ба ҳеҷ кас надеҳ» гуфта буданд.

Муаллим гап назад. Солеҳ ҳам дигар даҳон накушод. Танаффус шуд. Ҳама хестанд. Фақат Солеҳ менишаст. Сараш хам, аммо ду чашмашро аз портфелам намеканд. «Ҳа, ҳилаатро фаҳмида истодаам, — худ ба худ мегуфтам. — Баробари берун баромаданам пластилинҳоямро мегирӣ».

Вай ҳамон хомӯш, даруннокӣ пичир-пичиркунон китоб мехонд. «Ӯро як боб кунам» гуфтаму пластилинҳоро номаълум аз қуттиҳояшон гирифта, мисли чормағз якто-якто ба даруни куртаам партофтам. Гӯё воқеае нашуда бошад, оҳиста аз ҷо хестам. Берун аёс буд. Барф меборид. Пас аз муддате хунук хӯрда, худро ба даруни синф гирифтаму танамро ба печка ҷафс кардам. Ба вуҷудам гармӣ давид. Ҳамин ки дарсамон ба охир расид, ба хона баргаштам. Дар вақти иваз кардани либосҳоям ба ёдам расид, ки пластилинҳоро ба даруни куртаам андохта будам. Чӣ шудааст, гӯед? Як қисми онҳо об шуда, ба куртаву эзорам, дигараш ба шикам часпида буданд. Шикамамро бо оби гарму собун як навъ карда тоза намудам. Аммо куртаву эзо-

рам аз кор баромад. Чун ба пластилин чашмам афтад, ҳамин воқеа ба ёдам мерасаду ду бари рӯям анор барин суп-сурх мегардад.

### Савол ва супориш

1. Азиз чӣ кор кард?
2. Оқибати кор чӣ шуд?
3. Ҳикояро бо диққат хонда, мазмуни онро бо суханҳои худ нақл кунед.

Баҳром ФИРӮЗ

## ХАРИ СИЁҲИ АМАКИ САНГИН

Хар ҳам дар афсона, ҳам воқеан ҳайвони якрави машҳур аст. Хари сиёҳи ҳамсояи мо — амаки Сангин ҳам ҷонвари якрав буд.

Амаки Сангин марди заҳматпешаю ҳалол, ростқавлу дурустпаймон аст. Ӯ фақат як нуқсон дорад: бениҳоят тезу тундмизоҷ аст. Ҳатто хурӯси дар ҳавлиаш буда агар паёпай се раҳ ҷеғ занад, амаки Сангин аз асабоният ба шӯр омада, бо сангу кулӯх зада, онро аз ҳавлӣ берун меронад. Баъзе аз ҳамдеҳагон мегуфтанд, ки аз ваҷҳи ҳамин тундфеълиаш ранги ӯ заққум барин зард аст ва дар бадан як пайса гӯшт надорад — пӯсту устухон.

Муомилаи амаки Сангин бо хари сиёҳи ҳангиаш чандон маза надошт ва аз ин бобат он қадар аҷоиботу ғароибот мегуфтанд, ки дар ин миён ростро аз дурӯғ фарқ кардани кас кори осон набуд.

Он солҳо дар деҳоти кӯҳистон на ҳама мол доштанд, на дар ҳама хонадон нони гандум мехӯрданд. Инқилоб, ҷанги худ ба худӣ, ҷанги Гирмон... Хонадони мо аз ҳамин табақа буд: на гови дӯшоӣ доштему на гӯсфанду буз. Хар ҳам надоштем. Ду мурғ доштем, ки барои тухми онҳо муносибати ману додарам ҳеҷ хуб набуд: додарам баъзан тухмро аз катаки мурғ дуздида, ба паси ҳавлӣ мегузашту хомохом мехӯрд. Ҳатто пӯчоқашро ҳам мехӯрд... Воқеан, фаромӯш накунам, сухан аз бобати хари сиёҳи амаки Сангин буд.

Рӯзе падарам фармуданд, то хари амаки Сангинро талабида биёраму ним ҷувол ҷувориро ба осиёб бурда орд кашам.

Ман ба ҳавлии амаки Сангин рафта, илтимоси падарамро гуфтам.

Мо ҳамроҳ ба зинхонае, ки дар як гӯшаи ҳавлӣ воқеъ буд, рафтем. Ба зинхона ворид гаштему дар назари ман чунин омад, ки хари сиёҳ соҳибашро дида, аз изтироб меларзид. Ёлу гардан, пойҳояш, сағриаш — ҳама узваш пир-пир мепариданд.

— Лаънатӣ айёр аст, мабодо, ки туро бача гуфта, раҳ нарафта, сил кунад... Халачӯби нағз ба даст гир, — мегуфт амаки Сангин ба хар полон монда ва пордуму айилашро сахт кашидаву баст. — Бесабаб нагуфтаанд:

Бар каф нагирӣ чӯби тар,
Фармон нагирад гову хар.

Ман «хуб» гуфтаму чолок ба хар савор шудам. Хари сиёҳи ҳангӣ халачӯб назада ва бо пошнаҳо-

ям нихта накарда, ҳангосзанон бод барин аз ҳавлӣ тохта баромад.

Ба ҳавлиамон омадаму харро ба калламехи ким-кайҳо ба замин кӯфтаи фарсуда бастам. Хар тамоми овозашро сар дода, ҳангос зад. Аз наърааш, ки садои баланди карнай барин гӯшкаркунанда буд, атрофиён лаҳзае гӯшашонро дошта, як-ду дақиқа на сухани якдигарро шуниданду на садои тундарро. Маро дар тасаввур омад, ки агар ҳангоми заминҷунбии сахт ин хар ба ин минвол ҳанг занад, кас шикаста, аз ҳам рехтани иморатҳоро мебинаду чунон ки дар филмҳои беовоз ҳаст, садоеро намешунавад.

Сагамон Алопар, ки дар рӯи хокистартӯдаи паси ҳавлӣ ба фароғат хоб буд, аз ҳангоси хар гӯшаш ба қомат омаду норозиёна дуру дароз уллос кашид. Хурӯсамон ҳам қут-қуткунон ба тариқи эътироз ба хар гӯё «Ин чӣ гап, ҳамин ҳам ҷеғ задан шуд?! Авбошӣ!» гуфтан мехост.

Хари сиёҳ ҳангашро поён расонда-нарасонда, аз сари нав авҷ мегирифт. Ман «бас-бас, гулӯят медаррад» — гӯён сари харро молидан хостам, аммо маркаб аз ин амали ман якбора сарашро боло бардошту дар талвоса худ аз худ ба гирдгардӣ сар кард. Мани аз ин ҳоли хар ҳайратзада худро ба канор гирифтам.

Баъд сирри ин амали харро аз падар пурсидам.

— Вақти ҳангосаш ба сари хар халачӯб задааст, — гуфтанд он кас.

Ман ба осиёб рафта омадам. Хар дар роҳгардӣ ҳаргиз коҳилӣ накард, маро ранҷ надод. Дар роҳ ҳар замон қадамашро сусттар мекарду гарданашро каҷ карда, сӯям ба умед менигарист. Ман хоҳиши ӯро ба ҷо меовардам: аз байни ғӯлунгҳое, ки мехӯрдам, ягонта хомхушк ё шаталмаашро дароз мекардаму хар бо лабонаш лап-лап карда, беозор онро аз кафам мегирифт, хеле вақт мехоид.

Бегоҳӣ харро ба ҳавлии амаки Сангин бурданам мушкил шуд. Хари сиёҳи ҳангӣ чор пояшро ба замин мех карда, ба он сӯ рафтан намехост.

— Аз одами дилсахту дурушт ҳайвон ҳам безор аст, — гуфтанд падарам худ ба худ даст афшонда.

## Савол ва супориш

1. Сангинамак кӣ буд?
2. Падари бача чӣ гуфт?
3. Шумо аз мазмуни ҳикоя чӣ хулоса баровардед?

Муҳаммад АВФӢ

# ҲИКОЯТ

Мир Алишер Навоӣ ҳамроҳи Султон Ҳусайн Бойқаро дар яке аз гулгаштҳои шаҳри Ҳирот сайругашт менамуданд. Ҳамин вақт назари Мир Алишер ба бачагони бисёре афтид, ки дар сари роҳи онҳо бозӣ мекарданд. Султон ба онҳо эътибор надода гузашта меравад. Алишер бошад ба назди онҳо омада якеро аз рӯи хок бардошта навозиш

мекунад. Султон аз ин амали Алишер тааҷҷуб карда мегӯяд:

— Шумо ҳоким, шоир ва олими тавоноед! Бояд ҳадди худро шиносед!

Алишер бо табассуми нарм ҷавоб медиҳад:

— Инҳо шогирдони меҳрубони устоди мананд, ба хотири устоди азизам онҳоро меҳрубонӣ менамоям.

## Луғат

**Султон** — шоҳ, подшоҳ.

## Савол ва супориш

1. Чаро Мир Алишер бачаҳоро навозиш кард?
2. Аз чӣ сабаб султон ба амали Мир Алишер тааҷҷуб кард?
3. Ҷавоби Мир Алишер ба Шумо писанд омад?
4. Шумо ҳам ба муаллими худ эҳтиром доред?

Байт:

Доноӣ асал асту нодонӣ — заҳр,
Нодонӣ бифрӯшу доноӣ бихар.

* * *

Ҳар кӣ ӯро маърифат бахшад худой,
Ғайри ҳақро дар дили ӯ нест ҷой.

Хайринисо ҶӮРАЕВА

## КОМРОН ВА МЕҲРОН

Мегӯянд, ки подшоҳе буд басе одил. Вай ду писар дошт. Писарон Комрон ва Меҳрон ном доштанд. Онҳо тез калон шуданд. Чун подшоҳ тез пир шуда буд, вай рӯзе писаронаш Комрон ва Меҳронро ба наздаш даъват карда, мулкашро ба онҳо баробар тақсим карда доду гуфт: — Писаронам, ростию росткорӣ, некию накӯкорӣ, одаму одамгарӣ, лутфу эҳсон, ҳалимиву хоксорӣ, адлу инсофро пешаи кори худ кунед. Вале аз дилозорию мардумфиребӣ, нодонию ҷоҳилӣ, мунофиқию дурӯягӣ, тарсончакию хиёнат, кину адоват, хасисию мумсикӣ, ғайбату бӯҳтон, мағрурию назарбаландӣ, бахилию хабаркашӣ барин хислатҳои бади инсонӣ даст кашед, ки гуфтаанд:

Аз мукофоти амал ғофил машав,<br>Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав.

Салтанати шоҳи одил бардавом аст. Ҳар ду бародар мулкронӣ мекарданд. Комрон ба халқ ситамгарӣ мекард. Раҳму шафқатро гум карда буд. Фиребу найрангро дӯст медошт, яъне халқро бо ваъдаҳои дурӯғ фиреб медод.

Оҳиста-оҳиста Комрон дар назди мардум обрӯи худашро гум кард. Халқ аз ӯ рӯ гардонд ва давлаташ рӯ ба завол ниҳод.

Вале Меҳрон дорои хислатҳои нек буд. Дили софу дасти кушод дошт. Ҳамеша кори некеро анҷом медод. Касеро фиреб намедод. Ба бенаво-

ён мадад медод. Ба доди камбағалон мерасид. Дасти кушод дошт. Хайру эҳсон мекард. Чун ба ҳалимиву хоксорӣ подшоҳӣ мекард, давлаташ афзуну мулкаш обод гашт.

Бародараш Комрон дид, ки давлати ӯ аз хислатҳои некаш афзун мегардад, бо макру фиреб додараш Меҳронро ба ситамкорӣ водор месозаду мегӯяд: — Ба подшоҳон аз ҳалимӣ дида, ғазаб бештар лозим аст, то ки зердастон далер нашаванд. Шоҳ на бояд кушодадаст бошаду хайру эҳсон намояд, то ки мӯҳтоҷон сер шаванду ба ӯ теғ кашанд. Меҳрон ба гуфтаҳои бародараш Комрон фирефта гашт ва тарки одатҳои нек кард. Оҳиста-оҳиста ба мулки ӯ завол омад. Меҳрон дар назди мардум обрӯи худро гум кард. Вай фаҳмид, ки бародараш ӯро фиреб додааст гуфт:

Сад бор бувад саги мувофиқ
Беҳтар зи бародари мунофиқ.

Ҳамин тавр ба давлати ҳар дуи онҳо завол омада буд.

## Савол ва супориш

1. Комрон ва Меҳрон киҳо буданд?
2. Падар ба фарзандони худ чӣ насиҳат кард?
3. Комрон кадом роҳро пеша кард ва Меҳрон кадом роҳро пеш гирифт?
4. Муайян кунед, ки хислатҳои кӣ нек буд ва аз они кӣ бад?
5. Кӣ ба хатои роҳ дод, чаро?
6. Байти ҳикоятро аз ёд кунед.

Шодон ҲАНИФ

# НАРДБОН

Нодир дар рӯи ҳавлиаш пуффаки пурбоди худро бозӣ мекард. Ногоҳ риштаи пуффак аз дасти вай хато хӯрд. Шамоли бегоҳирӯзӣ, ки гӯё пуффаки ӯро таги чашм карда буд, онро ба ҳаво бардошта, баланд бурд. Нодир ҳарчанд ҷасту хез кард, онро дошта гирифта натавонист. Боди шӯх дар як лаҳза пуффакро қариб як қади сафедор баланд бардошта, дар он ҷо онро алвонҷ медод. Пуффак ба монанди тӯби ба дарё афтида, дар мавҷи ҳаво такон мехӯрд ва торафт аз назар дуртар мешуд.

Он рӯз Нодир бо умеди он, ки пуффак боз ба рӯи ҳавлиашон фуромада меояд, то шом ба осмон нигоҳ кард. Аммо аз пуффаки гурезпо нишонае набуд.

Ҳамин вақт моҳи чордаҳрӯза аз паси кӯҳи деҳа қад кашид. Кас гумон мекард, ки ин моҳтоб нест, шояд ҳамон пуффаки Нодир бошад. Гӯё вай гирди ҷаҳонро давр зада, боз ба ҷои худ бармегашт. Нодир ҳам моҳро дида, ҳамин хел тахмин кард. Вай аз хурсандӣ якбора гул-гул шукуфта рафт ва ба осмон беихтиёр даст дароз карда, онро дошта гирифтанӣ ҳам шуд. Нодир тохта ба устохона даромад ва аз дасти бобояш кашолакунон ӯро ба рӯи ҳавлӣ баровард. Вай Моҳро ба бобояш нишон дода гуфт:

— Бобо, бобоҷон...

— Чӣ мегӯӣ, ҷони бобо.

— Ҳу, ана, вай пуффаки гурехтаи ман аст. Пуффаки худи шумо овардагӣ.

— Пуффак гуфтӣ? — Хушҳол шуда пурсид бобо.

— Ҳа, пуффак. Пуффаки маро шамол duздида буд. Ана бинед, гурехта боз ба хонаамон меояд.

— Ҳа, меояд, — гапи Нодирро тасдиқ кард бобояш.

— Дасти шумо дароз, дошта гиред!

Бобо аз ин гап хушҳол шуда, табассум кард ва сухани набераашро ба замин намонда, дасташро ба ҳаво ёзонд.

— Дастам нарасид-ку, — хиҷолатомез ҷавоб дод бобо.

— Асоятонро ҳам гиред-чӣ? — луқма партофт Нодир.

— Асоям ҳам намерасад, — гуфт бобо.

— Он ҳам нарасад, ба болои бом бароед, — боз маслиҳат дод Нодир.

— Хӯш мебароям. Ту акнун даромада хоб кун, шаб агар пуффакат аз болои ҳавлиамон гузарад, ман онро дошта мегирам.

— Ҳушёр шавед, ки аз дастатон лағҷида наравад, — таъкид кард Нодир.

— Хуб, ҷони бобо.

— Аз ресмонаш дошта гиред, бобо, — боз фаҳмонд Нодир.

— Хуб, хуб...

Пагоҳӣ Нодир аз хоб хеста, дар болои бистараш пуффаки калони суп-сурхро дид. Онро ба оғӯш кашида, шитобон аз хона баромад. Вай дар рӯи ҳавлӣ бобояшро дида пурсид:

— Бобо, пуффакро чи тавр дошта гирифтед? Дастатон ба осмон расид-мӣ?

Бобо ба набера маънидорона табассум карда ҷавоб дод:

— Вақте ки пуффак ба болои осмони ҳавлиамон омада монд, нардбонро монда гирифтам.

— Нардбон наафтид, магар? — боз кунҷковона пурсид Нодир.

— Камтар каҷ шуд-куя, аммо ҳушёрӣ карда дарҳол як тарафи онро ҳӯ ба он абрҳои осмон такя дода мондаму сонӣ давида баромада пуффакатро гирифтам.

— Дар болои абрҳо чӣ будааст, бобо? — бо шавқ пурсид Нодир.

— Дар болои абрҳо, ҷони бобо, халта-халта барфу борон будааст.

— Дар болои абрҳо ситораҳо нест-мӣ?

— Не, писарам. Ситораҳо аз болои абрҳо боз чанд қади нардбон баландтар будаанд.

— Пагоҳ ба ман як нардбони калон сохта диҳед, ман худам баромада онҳоро ба доманам чинда мефуроям.

— Хуб, наботи бобо, — риши барф барин сафеди худро бо дасташ шона зада ҷавоб дод бобо.

Ҳамон шаб Нодир ҳамаи нақли бобояшро дубора дар хобаш дид. Вай он шаб дар кайҳон байни ситораҳои пурнур парвоз мекард.

## Савол ва супориш

**1.** Нодир чӣ умед дошт? Чӣ хоб дид?
**2.** Бобо ба ӯ чӣ мегуфт?
**3.** Аз рӯи мазмуни ҳикоя нақли хаттӣ нависед.

Абдулҳамид САМАД

# ДУ ГУНОҲ

Баҳром дар синфи дуюм мехонд. Баинтизому аълохон буд. Вай одати ба мактаб нарафтан ё ба дарсҳо дер мондан надошт. Ҳар саҳар баробари падару модар аз хоб мехест, баъди варзиш дасту рӯяшро нағзакак мешусту нонушта мекард, либосҳояшро пӯшида, роҳи мактабро пеш мегирифт.

Падару модараш аз хонишу рафтори Баҳром хушнуд буданд. Вале ин саҳар Баҳром аз мактабравӣ сар кашид. Модар бисёр хоҳиш кард, баъд коҳишаш дод. Лекин Баҳром аввал надоштани дафтар, сипас дарди сарашро баҳона овард.

Модараш аз ин рафтори Баҳром асабиву малӯл шуда, ба кор рафт. Ханда аз лабони додару хоҳараконаш гурехт. Онҳо ба якдигар бо тааҷҷуб менигаристанд: ба Баҳром чӣ шуда бошад?

Ҳамин вақт падари Баҳром аз кори шабона баргашт. Вай хаста буд, истироҳат кардан мехост. Аммо Баҳромро дар хона назди телевизор дида ба ташвиш афтод.

— Чаро ба мактаб нарафтӣ, писарам? — пурсид ӯ.

— Сарам дард мекунад, — базӯр ҷавоб дод Баҳром ва хост ба хонаи хоб гузарад.

Падараш Баҳромро боздошта, ба пешониаш даст расонд. Баъд гуфт:

— Ҳарорат надорӣ-ку!

Намедонам, паси сарам дард мекунад, — барои он ки дурӯғаш фош нашавад, рӯй тофта, нолишкунон гуфт Баҳром. Падараш ӯро насиҳат кард:

— Ин корат нағз не, писарам, либосҳоятро пӯшу тез ба мактаб бирав.

— Дер шудааст, муаллима ҷанг мекунад, бачаҳо механданд, — баҳона овард Баҳром.

— Узр пурс. Муаллима туро мебахшад.

Баҳром бо дили нохоҳам либос пӯшида, аз ҳавлӣ берун рафт. Вале баъди даҳ-понздаҳ дақиқа баргашт.

— Э, аллакай омадӣ-ку?

— Муаллима ба дарс роҳ надод.

— Узр пурсидӣ?

— Ҳа...

— Чӣ гуфт?

— Гуфт, ки... гуфт, ки хонаатон рав, барои ту имрӯз дар синф ҷой нест.

Падар даме андеша карду бо овози хаста пурсид:

— Рост мегӯӣ?

— Ҳа...

— Аз гапат бӯи дурӯғ меояд-ку?

— Эъ, бовар накунед, рафта аз муаллима пурсед, — нигоҳашро гурезонда гуфт Баҳром.

Падар аз дасти ӯ дошта, ба мактаб рафт. Ҳама ҷо ором буд. Дар синфҳо дарс мегузашт. Падар дари синфро оҳиста кӯфт. Муаллима дар як дасташ бӯр ва дар дасти дигараш китоб аз синф баромад.

— Салом, муаллима, — оҳиста гуфт падар ва ранҷишомез илова кард. — Муаллима, узр, ки имрӯз Баҳром дер омадааст. Ман ӯро фиристондам, лекин шумо ба синф роҳ надодаед.

— Наход? Кӣ гуфт? Ман имрӯз Баҳромро акнун мебинам! — хитоб кард муаллима ва бо табассум илова намуд. — Баҳромҷон, ту ин хел одат надоштӣ-ку. Нағз не, ҳам ба мактаб наомадаӣ, ҳам дурӯғ гуфтаӣ, падаратро саргардон кардаӣ. Ҳай-ҳай-ҳай. Ту, ба синф даро!

Баҳром аз хиҷолату шарм сар бардошта наметавонист. Ӯ гуноҳашро акнун фаҳмида буд, вале бефоида. Охир, падараш аз дурӯғгӯии вай дар назди муаллима шармсор гашта, сурху сафед шуд. Баҳром гунаҳкорона ба синф даромад. Падараш бори дигар аз муаллима узр пурсида, ба хона баргашт. Вай аз рафтори нодурусти писараш сахт ранҷид.

Лекин бегоҳӣ сирри Баҳром фош шуд. Вай рӯзи гузашта бо бачаҳои бадхону дарсгурез саргарми буҷулбозӣ шуда, дарс тайёр накарда будааст. Барои ҳамин ба мактаб рафтан нахостааст. Имрӯз аз мактаб дар рӯзномааш ду баҳои «ду» оварду сазовори хандаву сарзаниши хоҳараконаш гашт. Ҳатто аз алам гирист.

Фиребгарию дурӯғгӯӣ одамро ҳамин хел шармандаву шармсор мекунад.

## Савол ва супориш

1. Бигӯед, ки аз хондани ҳикоя чӣ натиҷа гирифтед?
2. Дар зиндагӣ низ чунин ҳолро мушоҳида кардаед? Аз мушоҳидаи худ нақл намоед.

Додоҷон РАҶАБӢ

# САНГПУШТ ОҶА ДОРАД...

## I

Фаррух рӯзе ҳамроҳи падараш ба боғи ҳайвонот рафт. Вай пештар сурати шеру паланг, филу уштур, гургу рӯбоҳ ва товусу уқобро дар китобҳо дида буд. Бори аввал ин ҳайвону паррандаҳои ҳақиқиро бо чашмони худ дид. Сонӣ аз падараш пурсид.

— Додо, чаро дари хонаи палангро қулф кардаанд?

— Барои он ки баромада нагурезад, — гуфт падар.

— Фил худаш калону чашмаш хурдакак будааст, — ҳайрон шуд Фаррух. — Вай роҳашро чӣ хел мебинад, додо?

Фаррух дар бораи лаклаку мурғобӣ, маймуну тӯтӣ, санҷобу ҷайра, аккаю зоғи ало пурсида-пурсида, на фақат падараш, балки сари ходимони боғи ҳайвонотро ҳам гаранг кард. Вай мехост, ки ҳама чизро фаҳмад.

— Додо, додо! — гуфта ногаҳон ба ҳаяҷон омад Фаррух. — Ана бинед... сангпушт! Сангпушт!

— Дидам, писарам, дидам...

— Дирӯз аз майдони бобом якта ёфтем. Якта сангпушт ёфтем. Вай ҳам ана ҳамин хел буд; баданаш санг барин, сараш мор барин, почаҳояш хурдакак. Бозӣ кардему сонӣ сар додем, ра-а-афт!

— Нағз кардед, писарҷон, — гуфт падар сари Фаррухро сила карда.

Фаррух даме хомӯш истоду боз савол дод:

— Додоҷон, ҳамон сангпушт ин ҷо гурехта омад?

— Не, писарам, ин дигар сангпушт.

— Ин ҳам пушташ санг барин, сараш мор барин-ку.

— Сангпушт дар ҳама ҷо ҳаст: дар хонаи бобот, дар дашту кӯҳсор, дар ин ҷо ҳам...

— Ин дафъа ба ҳавлии бобом равем, ҳамон сангпуштро гирифта, сонӣ ба хонаи худамон мебиёрем-а, додо?

— Майлаш, — розӣ шуд падар ва аз дасти Фаррух дошта, ӯро ба тамошои санҷоби бозигар бурд.

Санҷоби зебояк даруни чархчаи симин даромада, фир-фир давр мезад. Бачаҳо чархофалаки санҷобро дида, завқ мебурданд.

Фаррух ҳам бозии санҷобро дид. Вале нахандид: ҳушу ёдаш ба сангпушт буд, ба сангпушти почаҳояш хурдакак, сараш мор барин...

— Додо, ба ҳавлии бобом кай меравем?

— О, дина рафтем-ку!

— Не, не. Гӯед, додоҷон, кай меравем?

— Ҳафтаи оянда, рӯзи якшанбе.

— Ҳафтаи оянда рӯзи якшанбе? — ҳайрон шуд Фаррух. — Додоҷон, ҳафтаи оянда, рӯзи якшанбе... ин пагоҳ аст?

— Баъди ҳафт рӯз, — гуфт падар ҳафт ангушташро нишон дода.

— Не, не, пагоҳ равем! — якравӣ кард Фаррух. — Пагоҳ, пагоҳ...

— Ба хонаи бобот пагоҳ равем? Хуб, — барои он ки Фаррух ҳамаро монда, гиряро набардорад, падараш ночор розӣ шуд.

Ҳамон рӯзу ҳамон шаб Фаррух танҳо дар бораи сангпушт хаёл кард. Ҳатто нисфишабӣ як-ду бор аз хоб бедор шуду гуфт:

— Додо, кай офтоб бедор мешавад? Ба хонаи бобом...

Рӯзи дигар офтобак хандакунон баромад. Падар Фаррухро ба ҳавлии бобо бурд. Вай сангпуштро ёфт.

— Акнун чӣ кор мекунӣ?

Фаррух шодӣ карду гуфт:

— Хӯрок медиҳам. Калон шавад, бозӣ мекунам.

Падар дид, ки сангпушт ба Фаррух маъқул аст, аз симтӯр қафасчае сохта гуфт:

— Ана ин хонача барои сангпушти ту.

Фаррух чунон хурсанд шуд, ки... асло напурсед. Ҳамин ки ба хонаашон меҳмон омад, аввал ба назди қафас мебурд. Сангпуштро нишон дода, таъриф мекард.

— Ана, амакҷон, ин сангпушт аз они ман!

— Сангпушти бисёр хуб доштаӣ. Боракалло!

— Холаҷон, сангпушти маро дидед?

— Чӣ хел нағз!

Ҳамин тавр, Фаррух бо коре банд шуд: акнун вай тез-тез ба кӯча намебаромад. Падару модарашро хавотир намекард. Ба ҳар чиз даст намезад. Гоҳ косаю табақ, гоҳ чойнику пиёла намешикаст...

## II

Бегоҳӣ, ҳамин ки аз телевизор афсона шунид, даст, рӯй ва дандонҳояшро шуста, тоза шуда, сонӣ нағзакак мехобид.

Рӯзи дигар, барвақт хеста, назди қафас омада, ба сангпушт себу сабзӣ, алафу боимҷон реза карда медод. Пас хурсанд шуда, ба сӯи боғча мерафт.

Аз боғча, ки омад, боз бо сангпушт банд мешуд. Хӯрок медод. Бозӣ мекард.

Як шаб сангпушт тахтачаи қафасро харошида, қитир-қитир садо баровард.

— Оча, сангпушт чаро қафасро мехарошад?

— Вай зиқ шудагист. Хонаашро ёд кардагист.

— Хонаашро ёд кард?

— Бале, писарам.

— Дар хонааш кӣ ҳаст, оча?

— Додош ҳаст, очааш ҳаст.

— Сангпушт ҳам додо дорад, оча дорад?

— Албатта. Ту дорӣ-ку...

— Додои вай, очаи вай кист?

— Додош ҳам, очааш ҳам худаш барин сангпушт, писарам. Лекин... андак калонтар, ана, ҳамин қадар...

— Чӣ қадар?

— Коса барин.

Рӯзе падару модар ба бозор рафтанд. Дари ҳавлиро қулф карданд, то ки Фаррух ба кӯча баромада, бедарак шуда наравад. Онҳо ҳарчанд:

— Ту бамаънӣ шуда, хаппакак шин. Мо зуд баргашта меоем, — гуфта бошанд ҳам, дер карданд.

— И-и... чӣ ҳаял карданд? — гуфт Фаррух зиқ шуда.

«Вай очаҷон, додоҷон!» — гӯён гиря кард. Ногоҳ... худ ба худ ором шуд. Гапи очааш ба ёдаш омад. Очааш дишаб, вақти хоб ба гӯши Фаррух гуфта буд: «Сангпушт зиқ шуд. Вай додошу очаашро ёд кард. Барои ҳамин сими қафасро мегазад, тахтачаро мехарошад...»

## III

Фаррух аз тиреза ба саҳни ҳавлӣ, ба он ҷое, ки қафаси сангпуштро гузошта буданд, нигоҳ карднигоҳ карду ангушташро ба лаб бурд. Боз ба хаёл рафт.

Падару модар аз бозор ду сабадча меваю сабзавот оварда гуфтанд:

— Ана Фаррухҷон, мо барои сангпушти ту ҳар чӣ овардем.

Аммо Фаррух ҳеҷ чиз нагуфт, на хурсанд, на хафа. Вай оҳиста берун баромад. Якта-якта қадам монда ба назди қафас рафт. Симтӯри қафасро сила карда-сила карда, пичиррос зад.

— Балоча, ту ҳам додотро ёд кардӣ, очаатро ёд кардӣ? — Фаррух даричаи қафасро калон кушода гуфт: — Баро, баро балоча! Ба назди очаат рав, ба назди додот рав. Баро, баро, балоча!

Сангпушт гарданашро дароз кард. Почаҳояшро баровард. Оҳиста-оҳиста хазида рафт.

Падару модар назди тиреза истода, барои сангпушт сабзӣ, себ ва боимҷон пора мекарданд.

Фаррух тозон ба хона даромада гуфт:

— Додо! Оча! Сангпушт ба хонааш рафт. Ба хонаи худаш ра-а-фт!

Фаррух хурсанду шод шуда, давон-давон ба кӯча баромад.

— Ур-ра! Сангпушт ба хонааш рафт! Ба пеши очааш рафт, ба пеши додош рафт! Сангпушт оча дорад!

Падару модар ба рӯи якдигар нигоҳ карда, дар ҳайрат монданд.

### Савол ва супориш

1. Шумо дар хона чӣ гуна паррандаву ҳайвонотро нигоҳ медоред?
2. Нақл кунед, ки кадом хислатҳои парранда ё ҳайвони дӯстдоштаатонро худатон мушоҳида кардаед.
3. Ҳикояро хонеду мазмунашро нақл намоед.

Азизи АЗИЗ

## МУШТЗАН

### I

Маро хоб намебарад. Дар ҷойгаҳ дароз мекашам, рӯ-рӯи хона қадам мезанам, ба айвонча мебароям, боз ба хона медароям, варзиш мекунам, дасту рӯямро бо оби ширгарм мешӯям, ба кӯча ҳам рафта меоям ва... боз дар ҷойгаҳ дароз мекашам.

Аммо хоб нест.

Ба ҳар ҳол асабӣ намешавам, зеро сабаби бехобиам аламу хавотире не, шодию хурсандист. Вуҷудам дар қабзаи гирои изтиробу ҳаяҷони гуворост. Охир, акаам Муҳаммад аз муштзанӣ дар вазни худ ғолиб омадааст! Вай чемпион шудааст. Аз барори кори бародар хоби кӣ ҳам намепарад?!

Ин хушхабарро ба ман худи акаам расонд: чанд соат пештар, вақте ки тараддуди хоб доштам, вай аз Киев занг зад ва баробари гӯшакро бардоштанам, бе он, ки кӣ ва куҷо гуфта пурсад, хитоб кард:

— Ало! Акбар? Мешунавӣ? Ҷои якум, медали тилло! Гапи Сулаймон дуруст баромад!..

«Гапи Сулаймон дуруст баромад!..»

Чунин гуфтани Муҳаммад беҷиз набуд. Сулаймон — дӯсти беҳтарин, ҳамсинфи собиқи акаам — як ҳафта пештар, дурусттараш, рӯзи гусели акаам ба Киев дар аэропорт чунин гуфта буд:

— Муҳаммад, дар шаҳр ягон кас мисли ман ба чемпион шудани ту ин қадар сахт бовар надоштагист. Ҷои аввал насиби ту мешавад, ҷӯраҷон!

Ин гап хоҳ барои рӯҳбаланд кардани акаам, хоҳ бо боварии том гуфта шуда бошад, маро хеле хуш омад. Аз ин сабаб баъди гуфтугӯи кӯтоҳакак бо акаам дарҳол ба Сулаймон занг задам, то ӯро барои пешгӯии пайғамбаронааш табрик гӯям.

Хурсанд шуд вай, хеле хурсанд шуд ва бо овози ҳаяҷонолуд хитоб кард:

— Ман ҳанӯз шаш сол пештар фаҳмида будам, киояндаи Муҳаммад дурахшон аст!

Ин гап ба назарам аҷиб намуд.

— Чи тавр, «шаш сол пештар»?

— Ёд дорӣ, дар боғи ҳайвонот чӣ воқеа рӯй дода буд? — пурсид Сулаймон.

— Кай? — бештар ҳайрон шудам ман.

— Шаш сол пештар-да!

— Не, ако.

— Ҳо-о, дар назди қафаси шер?!

Боз ҳам чизе нафаҳмидам.

— Таппонча! — ин дафъа баландтар ва аранге асабиёна гуфт Сулаймон.

Ин дафъа ҳам хомӯш мондам.

— Эҳа-а, ана хотира! — ранҷидахотир мад кашида гуфт Сулаймон. — О, бачаҳо шерро масхара мекарданд. Муҳаммад онҳоро боб карда...

— Шуд! Ба ёдам расид, ако! — риштаи сухани ӯро бурида, ҷавоб додам ман. Баъд тааҷҷубамро пинҳон дошта натавонистаму пурсидам: — Он воқеа ба чемпион шудани акаам чӣ муносибат дорад?

— Ана хало-о-ос! — норозиёна дубора мад кашид Сулаймон ва афзуд: — Боз шон акешон барин муштзан шуданӣ! Ту, додарам, гӯшакро ба ҷояш мону ҳамон воқеаро дурустакак ба хотир биёр, бин, ки ба чемпион шудани Муҳаммад муносибат дорад ё не. Агар ба хотир биёриву чизе нафаҳмӣ, занг зан. Худам мефаҳмонам. Хуб?

— Хуб!

— Хайр!

— Хайр!

## II

Ман он сол синфи чорумро хатм карда будам. Акаам ба синфи ҳафтум мегузашт.

Моҳи август буд.

Ҳоло намедонам, вақте ки мо ба боғи ҳайвонот омадем, кадом лаҳзаи рӯз буд. Ҳаминашро нағз ёд дорам, ки он лаҳза боғ камодаму хилват буд ва чанд қадам пештар аз мо як гурӯҳ бачаҳо мерафтанд. Онҳо шоду мамнун буданд, гоҳ пароканда шуда, гоҳ ҷамъ омада, бо часпу талош ва доругир мерафтанд. Баъзан назди қафасе қарор

гирифта, ким-чӣ кор мекарданд ва он чӣ аҷоиботе дошт, ки баробару баланд механдиданд.

Мо ба онҳо аҳмият надода наметавонистем, охир наздик буданд ва ба қавле, боғро ба сарашон мебардоштанд. Махсусан Муҳаммад беқарору хавотир мешуд ва зуд-зуд гардан ёзонда, ҷониби онҳо бад-бад менигарист.

Рости гап, он солҳо Муҳаммад фақат зоҳиран бачаи орому қобил менамуд. Дар асл, чунон ки боре роҳбари синфашон Қобилов ба падарам гуфта буданд, дар вуҷудаш вулқоне мехурӯшид ва хавфи ҳар замон фаввора задан дошт. Муҳаммад басе зудранҷу асабӣ буд, аз андак гапу кори беҷо гӯгирдчӯб барин вағғӣ дар мегирифт...

Хуллас, дар боғи ҳайвонот мо ба бачаҳо боз ҳам наздиктар рафтем ва сабаби хандаву хушҳолиашонро фаҳмидем. Дар дасти якеи онҳо таппонча буд. Албатта, таппончаи ҳақиқӣ не, лекин нишон гирифта ким-чӣ мепарронданд.

— Чӣ мепарронанд? — пурсид Муҳаммад бо хавотир аз Сулаймон, вале мунтазири ҷавоб нашуда, таклиф кард: — Рафтем, ку бинем!

Бачаҳо акнун назди қафаси шер меистоданд. Онҳо омадани моро пай бурда бошанд ҳам аҳамият надоданд.

— Аз даҳонаш нишон гир! — маслиҳат медод яке. — Аз даҳонаш, Ҷамол!

— Зудтар, Ҷамол! Тоб нахӯрад.

Ҷамол аз дигарон қадбаландтар буд. Чашмони гирдаи калон-калон, рухсораҳои устухонбарҷастаи заҳиртоб ва мӯйсари хурмоиранги дарозу парешоне дошт. Вай моро дида, эҳтимол, ҳунарнамоӣ кардан хост, ки қоматашро рост гирифт, лабу рӯяш-

ро бурма кард ва пас дасти таппончадорашро пеш бароварду як чашмашро пӯшид. Дуру дароз нишон гирифт ва кулангро пахш кард. Аз мили таппонча якчанд сангреза париду ба сару рӯи шер бархӯрд. Ҳайвон девонавор наъра кашид, пеш ҷаҳид ва ба панҷара бархӯрда, пас гашт.

Бачаҳо баробар хандиданд.

Ҳамон шабу рӯз аз хусуси Муҳаммад дар хонаи мо бисёр гап мерафт. Падарам гаштаву баргашта таъкид мекарданд, ки гапи устоди акаам Салими Соҳибназар дуруст аст: Муҳаммад дар лаҳзаи зарурӣ худдорӣ кардан наметавонист ва барои муштзан ин сифати бад аст.

— Муштзанӣ ҷанг не, писарам, — мегуфтанд падарам, — санъат аст! Баъзеҳо барои он муштзан будан мехоҳанд, ки дар кӯча зӯр шаванд. Аммо умеди ман аз ту дигар аст. Ту зӯри майдон шав. Майдон аз далер аст! Хайр, то ҳол ба сари ягон кас мушт накашидаӣ, лекин хӯву хислатат ҳамин бошад, метарсам, ки кадом рӯз кадом бечораро зада маъюб мекунӣ...

Ба дурустии ин суханҳо ҷои шубҳа нест, албатта. Кас муштзанӣ омӯзаду зудранҷу асабӣ бошад, вой бар ҳоли дигарон. Ба қавле, аз бинӣ боло гап зану қанд хӯр!

Рости гап, агар дахолату зории падарам намебуд, Муҳаммадро дубора ба маҳфил роҳ намедоданд. Муҳаммад забонхат ҳам навишт, феъламро дигар мекунам, гуфта ваъда дод.

Ба хавотири Сулаймон ҳамин гапу корҳо сабаб буданд.

Дар маҳфил одатан чунин машқ мекунанд: ҳарифон рӯ ба рӯ меистанд, чанд лаҳза яке ҳуҷуму

дигаре ҳимоя мекунад, баъд баръакс, аввалӣ ҳимояву дуюмӣ хуҷум мекунад. Муҳаммаду Сулаймон низ ҳамин тавр карданд. Акаам мушт ҳаво медоду Сулаймон чусту чолок хаму рост мешуд, моҳирона тоб мехӯрд, муштu оринҷу банди дастонашро сипар мекард.

Тахмин баъди як дақиқа акаам ба ҳимоя гузашт. Акнун навбати ҳунарнамоии Сулаймон буд. Воқеан, вай чапдаст буд, бештар дасти чапашро ба кор мебурд. Инро дида, кадом ҷӯраи Ҷамол ҳатто хитоб кард:

— Бинед-а, дасти чап! Зӯр!..

Ҳарбу зарб ин дафъа тахмин ду дақиқа давом кард ва муштзанҳо қариб баробар «Бас!» гуфтанд. Аз сару рӯяшон арақ мешорид, ҳашшосзанон нафас мекашиданд.

— Сахт кор кардем! — гуфт Сулаймон.

— Буду шуди ҳунарамонро нишон намедодем, намегурехтанд! — ҷавоб дод акаам.

Фақат ҳамин дам Сулаймон пай бурд, ки аз ҷӯраҳои Ҷамол касе намондааст.

— Куҷо шуданд? — ҳайрон шуда пурсид вай. — Наход гурехтанд?!

— Рафтем! — гуфт Муҳаммад.

Мо шоду мамнун, аз воқеаи рӯйдода ҳатто қаноатманд аз боғи ҳайвонот берун шудем...

## III

Ҳамин аст он воқеа, ки Сулаймон маро ба хотир овардану андешидан фармуд. Ман онро дар ҳақиқат ҳам фаромӯш карда будам. Охир, ҳама гапу кори зиндагӣ дар лавҳи хотир сахт нақш намебананд ва то зарур наояд, ёд намекунӣ.

Баъд суолҳои бешумор ба тааҷҷуб оварданд. Ин воқеа ба чемпион шудани акаам чӣ муносибат дорад? Ман аз чӣ хусус андешам? Он муносибат куҷост?..

Ҳамин тавр хобам парид.

Дуруст, ки ба суолҳо дарҳол ҷавоб наёфтам, вале ба Сулаймон занг назадам. Аввал, вай муқаррар кайҳо хоб рафта буд, сонӣ тарсидам, ки боз сарзаниш мешунавам. Ба худ гуфтам, ки то ба чӣ будани он муносибат сарфаҳм наравам, мижа таҳ намекунам!

...Ҳоло ҳамаашро медонам! Медонам, ки акаам он лаҳза, яъне дар боғ, бори аввал ба худ ғолиб омад. Вай худдорӣ карда тавонист! Акаам он лаҳза ба худ ғолиб омадан тавонист, ки сонитар дар чандин майдон бар чандин ҳариф дастболо гашт!

Мана, субҳ медамад. Фазои ҷониби шарқи шаҳр сафед мешавад. Ситораҳо ягон-ягон ғайб мезананд. Баъди чанд лаҳза шаҳр бедор мешавад. Он гоҳ чемпион шудани акаамро ҳама мефаҳманд. Телефони хонаи мо беист занг мезанад, албатта. Ҳамсояҳо, хешу таборон, шиносони дуру наздик, мухбирони бисёр меоянд!..

Ман бовар дорам, ки ҳама хурсанд мешаванд аз ин хабар, зеро Муҳаммадро хуб мешиносанд, зеро беҳтарин муштзани шаҳр ба сари онҳо ҳаргиз мушт накашидааст!..

### Савол ва супориш

1. Дар ҳикоя кадом воқеа тасвир ёфтааст?
2. Қаҳрамони ҳикоя ба чӣ хулоса омад?
3. Бигӯед, ки мазмуни ҳикоя шуморо ба кадом андеша водор сохт.

Бахтиёр ҶУМЪА

## «АЗ ХУДАТ ДОН ...»

Шариф ба саҳни ҳавлӣ баромаду авзои Ҳусноро якбора тағйир ёфт. Вай, ки дар харак нишаста, китобчаи суратдорашро тамошо мекард, чашми Шарифро хато карда, ба сӯи хонаашон гурехт.

Шариф ду даст дар кисаҳои шим назди Усмону Анвар омад, онҳо бо мошинчаи худ рег мекашонданд. Саргарми бозӣ Шарифро надида монданд.

Аз зарби лагади ӯ мошинчаи пуррег се-чор метр дуртар парида рафт. Гарду чанг ба ҳаво хест. Усмону Анвар, ки ба бозӣ машғул буданд, бо чашмони ҳаросон аз ҷой хестанд.

— Чаро бозӣ кардан намемонӣ?

— Мо ба ту ягон бадӣ кардем?

— Ман ба роҳам рафта истодаам, — ба бачаҳо мушташро нишон дода, дӯғ зад Шариф. — Айби худатон... Болои роҳ бозӣ накунед!

Усмону Анвар чизе гуфтанӣ шуданд, вале ба ҷуссаи калони Шариф як назар афканда, хомӯш монданд.

Зулфиқор кабӯтари коғазинашро ба ҳаво мепаронд. Дар як лаҳза кабӯтари ӯ низ ба коғазпора табдил ёфт...

— Оча, ина бинед, кафтарамро дарронд, — Зулфиқори хурдакак ба сӯи хонаашон нигоҳ карда дод зад.

— Шарифҷон, — овози писарчаашро шунида модари Зулфиқор аз тиреза сар баровард, — ту ба-

чаи калони мактабхон-ку, хурдтараконро ранҷонда чӣ кор мекунӣ-а?

— Ман намеранҷонам, одоб ёд медиҳам, — калонгарона гуфт ӯ. — Сазои бачаи беодоб ҳамин. Маро ҳурмат карда кафтарашро медод, якҷоя бозӣ мекардем, ҳеҷ гап набуд.

Модари Зулфиқор зери лаб ғур-ғур карду баъд аз назди тиреза ғоиб шуд.

Шариф баъди ин «корнамоиҳо» якто-якто қадам партофта, ду даст ба пушт рафт.

Усмону Анвар мошинчаи шикастаи худро бардошта маъюсона ба назди Зулфиқор омаданд...

Рӯзи дигар ҳам хурдтаракон машғули бозиҳои худ буданд. Усмону Анвар ба ҷои мошинча бо ресмоне қуттии пойафзоли картониро болои рег мекашиданд. Зулфиқор пуффакашро бозӣ мекард.

Аз рӯи одат боз Шариф бовиқорона аз хонаашон баромад ва рост ба сӯи Усмону Анвар омад. Ӯ ҳамчун футболбоз қуттиро нишон гирифта заду...

— Вой почекам! — гӯён пояшро дошта гиряро бардошт. Реги қуттӣ пош хӯрд ва як нимхиштие низ аз даруни он баромад.

— Дада! — оби чашмонашро пок карда фарёд зад Шариф. — Инҳоро бинед, маро бо хишт заданд.

Гиряву фарёди ӯро шунида, баъзе ҳамсояҳо аз тирезаҳои худ сар бароварданд ва аз асли воқеа огоҳ шуда, табассум намуданд.

## Савол ва супориш

1. Шумо дарк кардед, ки дар асл чӣ воқеа рӯй додааст?
2. Аз ҳаёти хурдтаракон чунин воқеаҳоро мушоҳида карда бошед, нақл намоед.

Исроил ИБРОҲИМ

# ЗАНҶИР

## I

Офтоб хандон, ҳаво тасфон, дар гирду атроф гулҳо шукуфон, аз зарби меваҳои пухтарасида шохи дарахтон овезон буданд. Кӯчаҳои деҳа камодам. Ҳама саргарми кору бори худ. Бачагон барои ёрӣ ба назди падару модарони худ рафтаанд.

Дар чунин як рӯзи тобистон Фидокори мо, ки имсол синфи чорумро бо муваффақият тамом кард, аз ёру ҷӯраҳояш ҷудо шуда монд. Вай ба синфи панҷум гузашту қаду қоматаш хеле баланд шуд. Ӯро шахсони ношинос 15–16-сола гумон мекарданд.

Фидокор хислати аҷибе дорад. Як рӯз кабӯтарбозӣ мекунаду рӯзи дигар гурбачаҳоро ёфта, ба хона меорад. Рӯзи сеюм мӯрчаҳоро чида, ба қуттии гӯгирд андохта, ба поёни боғашон, ба зери дарахти дӯлона сар медиҳад, гӯё аз ин кор ҳосили дӯлона меафзудааст.

Ана ҳамин хел бача аст Фидокори мо. Аммо имрӯз коре кард, ки ӯро дар деҳа қариб «машҳур» гардонда буд. Ӯ сагчаеро ба хона овард. Ба сагчаи ҷӯлидамӯи ду панҷаи пояш сафед, ки чаш-

монашро базӯр кушода, ба соҳиби наваш менигарист, зери долони нимвайрона аз латтапораҳои кӯҳна ҷои хоб орост. Сагча косаи ширро тоза лесида, миннатдорона ба Фидокор чашм дӯхта, лабонашро мелесид.

«Ин сагча ҳоло хурд асту ширу самбӯса хӯрда, болои латта-путтаҳо мехобад, фардо калонтар шавад, сагҳои дигарро ба ҳавлӣ оварда, полизро помол мекунад» хаёл кард ӯ ва барои пеши ин корро гирифтан ба кӯча баромад. Баъд ба кадом хаёле ба сӯи идораи колхоз равон шуд. Аз паси саисхона гузашта, чашмаш ба аробаи шалақ афтод. Шоту ароба ба рӯи хок мехобид. Шоту ва чархи аробаро бо занҷири ғафсе баста буданд. Занҷирро дида, гӯё ҷавоҳир ёфта бошад, чашми Фидокор дурахшид. Вай ин сӯю он сӯй нигаристу касеро надид ва аз як сари занҷир кашид. Занҷир кӯҳна, вазнин ва зангбаста буд. Дигар зӯри бача ба кашида гирифтан нарасид ва нохост дид, ки як сари занҷир ба ҳалқаи шотуи ароба андармон аст. Вай оҳани дарози қариб якметраро, ки болои ароба буд, гирифта ба сӯрохии ҳалқа андохт ва бо тамоми қувват тоб дод. Пас аз ду-се зӯрзанӣ ҳалқа канда шуд ва занҷир аз шоту ҷудо гашт.

Фидокор занҷирро кашола карда, сар-сари ёла сӯи хонаашон роҳ мепаймуд, занҷир вазнин бошад ҳам, парвое надошт, хурсанд буд, ки акнун барои сагро бастан занҷир дорад. Ҳоло чанд тахта ёфта, як хонача сохтан даркор, то ки дӯсти чорпои ӯ рӯзҳои гарми тобистон ва рӯзҳои боро-

ну сармои зимистон ба худ сарпаноҳ дошта бошад. Бо чунин фикрҳо ба паси хонаашон омадаашро надониста монд.

— Ӯй, соҳиби хона! Дар ин ҷо касе ҳаст ё не?! — Овози баланди мардона бачаро як қад парронду ӯ ба ҷояш истода монд.

Мард ӯро дида саволашро такрор кард. Ва овози модараш шунида шуд:

— Чӣ мегӯед, амакаш, мо дар хонаем.

Аробакаш ҳарсосзанон гап мезад ва хеле асабӣ буд.

— О, вай бачатонро ба кӯчаҳо сар дода намонед, ман то идораи колхоз даромада баромадам, ки занҷири аробаро кушода гирифтааст. Аз дур дида мондам. Хайрият, ки ба ӯ расида натавонистам, набошад... — мард боз ким-чиҳо гуфтанӣ буду аммо худдорӣ кард.

Модар хеле хиҷолат шуд ва шарм дошта, аввал ҳатто чӣ гуфтанашро надониста истоду сонӣ илтиҷо кард;

— Амакҷонаш, ҳоло писарам наомадааст. Ҳамин ки омад, занҷиратонро бурда медиҳад.

Аробакаш амаки Ҳасан зери лаб ғур-ғуркунон ба роҳаш равон шуд.

## II

Фидокор дар ҷояш шах шуда монд. Намедонист, ки занҷирро ба хона дарорад ё партояду ба хонаи ягон хешашон рафта, пинҳон шавад. Охир, модараш «занҷиратонро бурда медиҳад» гуфт.

Ӯ дар чунин хаёл буд, ки модараш ба об додани гӯсола омаду чашмаш ба писараш афтод.

Фидокор мехи замин барин ноҷунбон шах шуда монд. Модар рафта аз дасти писараш занҷирро гирифт:

— Ин чӣ?

— Ин занҷир, — гуфт Фидокор ба калӯши модараш чашм дӯхта.

— Медонам, ки ин занҷир, аммо ин қадар занҷири дарозу зангбаста ба ту чӣ лозим?

— Барои бастани сагам... — фиқ-фиқ гирист Фидокор.

— Ҳозир duздиатро фақат ману ту ва аробакаш медонем. Бегоҳ падарат, Шоира, Сӯҳроб, Гулчеҳра, Заррина, модаркалонат ва ҳаққу ҳамсояҳо мефаҳманд, пас ба куҷо пинҳон мешавӣ? Ба кадом рӯй ба одамон нигоҳ мекунӣ?! Дузд-а! — бо ғазаб гуфт модар.

Фидокор медонист, ки модараш раҳмдил аст, вале аз падараш сахт метарсид. Падар гапро бисёр накарда, тасмаи аскариашро ба кор мебурд. Боз аз он метарсид, ки Сӯҳроб ба ӯ лақаби Фидокори занҷирдуздро мечаспонад.

— Очаҷон, ба ҳеҷ кас нагӯед! Охир, барои сагамон овардам.

— Овардам не, duздидам гӯй!

— Хайр, duздидам. Дигар ҳеҷ вақт ҳеҷ чизро намедуздам...

— Ҳозир занҷирро бурда ба ҷояш мегузорӣ. Агар аробакаш бошад, узрхоҳӣ мекунӣ! Фаҳмидӣ!

— Фаҳмидам.

Фидокор занҷирро кашолакунон сӯи аробаи шалақ роҳ мепаймуд. Метарсид, ки боз касе дида, сираш фош нашавад. Аммо офтобро бо доман пӯшидан мумкин нест.

Аз шохи дарахтон садоҳои гуногуни паррандаҳо шунида мешуд. Гӯё ҳамаи онҳо ба ҳоли бача механдиданд. Ногоҳ як кас гӯши Фидокорро кашид. Чунон сахт кашид, ки қариб гӯшаш канда мешуд. Аз зарби дард занҷир аз дасташ афтод. Вай базӯр ба паси китфаш нигоҳ карда, амаки Ҳасанро дид, ки як соат пеш занҷирдуздро кофта, ба ҳавлии онҳо рафта буд. Фидокор гумон кард, ки амаки Ҳасан бо анбӯре гӯши ӯро тоб медиҳад.

— Эй, қандата зан, занҷирдузд туӣ-а?!

— Дигар намекунам, амакҷон, ман занҷири бекора гуфтаам.

— Медонӣ, бе ин занҷир ту баринҳо аробаро кашола карда меравад, шотуяшро болову поин карда, «бозӣ» мекунанд, мешикананд. Ба ғайр аз ин ба ароба аспҳоро бе занҷир бастан мумкин нест. Ҳол он ки аробаи ман ҳоло ба бисёр кори саҳро лозим аст.

Амаки Ҳасан ба Фидокор хеле насиҳат кард. Баъд дастони калон-калони пурқувваташро ба китфи бача гузошта, суханашро давом дод:

— Хайр, дигар ин номаъқулиро такрор накун, очаат одами хуб будааст, туро паси хонаатон пинҳон кард, вагарна пӯстатро мекандам. Маро аз корам мононда, овора кардӣ. Дигар duздӣ накун.

Фидокор сурху сафед шуда, чӣ кор карданашро намедонист, ки аробакаш мушкилашро осон кард:

— Ту росташро бигӯй, ки бори якум duzdӣ кардӣ, ё кору борат duzdӣ аст?

— Бори аввал, — иқрор шуд Фидокор то гӯшҳояш сурх шуда.

— Дидам, модоме, ки сурх шудӣ, ҳоло виҷдон дорӣ, рав ба хонаатон, модарат хавотир нашавад. Ба падарат гӯй, ки ман қиссаи занҷирдуздии туро ба касе намегӯям. Сири мардон пӯшида. Ба шарте, ки дигар чунин рафторатро такрор накунӣ, фаҳмидӣ?

— Пагоҳ ба хонаи мо биё, барои сагбандӣ ба ту як занҷири сабуктаре медиҳам. Дар кунҷи ҳавлӣ бекор хобидааст.

## Савол ва супориш

1. Шумо дар ин мавзӯъ боз кадом ҳикояро хондаед? Нақл кунед.
2. Бигӯед, ки ин ҳикоя ба шумо аз кадом ҷиҳат маъқул шуд?

# ОЛАМИ ПУРАСРОРИ ҲАЙВОНОТ



Маёзор мӯре, ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду ҷони ширин хуш аст.

Абулқосими ФИРДАВСӢ

Абдураҳмони ҶОМӢ

# РӮБОҲ ВА ШАҒОЛ

Овардаанд, ки як рӯбоҳи гурусна буд. Ногоҳ як пораи пӯсте ёфт. Хурсанд шуда он пӯстпораро ба даст оварду роҳи ғорашро пеш гирифт. Дар миёни роҳ дид, ки назди деҳае мурғони фарбеҳ мегарданд. Ба хаёли гӯшти мурғ ва мағзи сари онҳо рӯбоҳ пӯстпораро ба як тараф партофт. Дар ҳамин вақт шағоле пайдо шуду пурсид:

— Эй бародар, чаро андешамандӣ, чӣ воқеа рӯй дод?

Рӯбоҳ гуфт:

— Эй азиз, он мурғонро мебинӣ, ки чӣ гуна дилрабоянд. Мехоҳам яке аз онҳоро ба чанг орам ва аз баҳри ин пӯстпора гузарам.

Шағол гуфт:

— Ҳайҳот, ман ҳам муддати зиёдест, ки дар андешаи шикори ҳамин мурғҳоям. Вале корест мушкил. Хубтараш ҳамин пӯстпораро ғанимат шумор.

## Савол ва супориш

**1.** Рӯбоҳи гурусна чӣ ёфт?
**2.** Чаро вай пӯстпораро партофт?
**3.** Шағол ба рӯбоҳ чӣ гуфт?
**4.** Рӯбоҳ чӣ ҷавоб дод?
**5.** Шағол ба рӯбоҳ чӣ маслиҳат дод?

## УМРИ ҲАЙВОНОТУ ПАРРАНДАГОН ЧӢ ҚАДАР АСТ?

### I

Ба ин савол ба зудӣ ва ба таври дақиқ ҷавоб додан душвор аст. Шояд дар бораи дарозии умри ҳайвоноти аҳлӣ (хонагӣ) чизе гуфтан осонтар бошад, зеро одамон ҳамеша рафтору кирдори ҳайвоноти аҳлиро мушоҳида мекунанд ва тақрибан умри баъзеи онҳоро гуфта метавонанд.

Дар бораи ҳайвонҳои ваҳшӣ ва паррандагони мавсимӣ, ки зимистон ё тобистон ба кишварҳои дигар парвоз карда мераванд, дар хусуси тарзи ҳаёт ва дарозии умрашон олимон тадқиқот мебаранд. Донишмандон дар боғҳои ҳайвонот, ҷангалу дарахтзорҳо ва баҳру кӯлҳо зиндагии ҳайвоноту паррандаҳоро меомӯзанд, хусусиятҳои онҳоро муайян мекунанд ва сипас дар бораи дарозии умри онҳо низ ба хулосае меоянд. Маълумоте, ки олимони ҷаҳон дар ин бобат ҷамъ кардаанд, чунин аст: дар байни ҳашарот гамбӯсак (қунғуз)-и саврӣ аз ҳама кӯтоҳумр аст. Вай 30–45 рӯз зиндагӣ мекунад. Сӯзанак низ ҳамин қадар умр мебинад, аммо мӯрча 10–15 сол метавонад зиндагӣ намояд.

Акнун бубинем, ки умри паррандаҳо кӯтоҳ аст ё дароз? Биёед, ҳамаи онҳоро як-як менависем:

| | | |
|---|---|---|
| Фароштурук | — | 9–10 сол |
| Гунҷишк | — | 14–20 сол |
| Булбул | — | то 20 сол |
| Моҳихӯрак | — | то 20 сол |
| Аккаи думдароз (алошақшаққа) | — | 20–30 сол |

Хуб, мурғи хонагӣ, ки мо ба он ҳамеша нигоҳубин мекунем, аз обу дону саломатиаш бохабар мешавем, тахминан чанд сол умр мебинад? Ҷавоби ин савол ин аст, ки мурғи хонагӣ бекасал бошаду хуб парвариш кунем, то 25–30 сол умр мебинад.

## II

Паррандаҳои дигар чӣ қадар умр мебинанд?

| | | |
|---|---|---|
| Кабӯтар | — | 35–40 сол |
| Зоғча, мусича | — | то 40 сол |
| Турнаҳо | — | 40–50 сол |
| Ҷуғзу лаклак | — | 60–70 сол |
| Қу ва тӯтӣ | — | то 100 сол ва зиёда аз 100 сол. |

Дар байни паррандаҳо зоғи сиёҳ ва шоҳин (бургут) аз ҳама зиёд умр мебинанд. Онҳо метавонанд то 150 сол зиндагӣ кунанд.

Агар мо ба ҳайвоноти аҳлӣ (хонагӣ) муносибати хуб дошта бошем, аз саломатии онҳо бохабар шавем, дар вақташ хӯроку обашонро диҳем, умри онҳо дароз мешавад. Дарозии умри ҳайвоноти аҳлӣ ба ҳисоби миёна чунин аст:

| | | |
|---|---|---|
| Харгӯш | — | 5–7 сол |
| Гурба | — | 9–10 сол |
| Саг | — | то 15 сол |
| Гӯсфанд | — | 15–20 сол |
| Буз | — | 12–15 сол |
| Хук | — | 15–16 сол |
| Гов | — | то 25 сол |
| Асп | — | 35–40 сол |
| Шутур | — | то 40 сол |

Ва ниҳоят, ҳайвони дарозумри хонагӣ хар аст, ки вай то 50 сол умр мебинад.

Донишмандон дар натиҷаи тадқиқот ва мушоҳидаҳо муайян намудаанд, ки ҳайвонҳои ваҳшӣ дар шароити хуб умри дароз мебинанд:

| | | |
|---|---|---|
| Маймунҳо | — | аз 24 то 60 сол |
| Рӯбоҳ | — | то 10 сол |
| Гург | — | 13–15 сол |
| Палангу бабр | — | то 25 сол |
| Шер | — | 30–40 сол |
| Хирси сафед | — | то 32–33 сол |
| Хирси сиёҳ | — | то 50 сол |

## III

Дар бораи умри ҳашарот, паррандаву ҳайвонот маълумот ҳосил намудем. Акнун, биёед, як лаҳза ба дарёву баҳрҳо нигарем. Дар баҳру дарё моҳиҳои гуногун ва хурду бузург зиндагӣ мекунанд. Умри онҳо чӣ қадар бошад? Олимон ба ин савол чунин ҷавоб мегӯянд: умри моҳиҳои хурд 5–7 сол ва умри моҳии зағора (зағорамоҳӣ) то 200 сол давом мекунад.

Мебинем, ки моҳиҳо ҳамеша дар ҳаракатанд. Олами паррандаву ҳайвонот низ ҳамеша дар ҳаракат аст. Оё медонед, ки суръати ҳаракати кадом ҳайвон чӣ қадар аст? Баъзеҳо мегӯянд, ки аз ҳама харгӯш тезҳаракат аст. Ҳол он ки харгӯш дар як соат фақат 55 километр медавад. Саги шикорӣ аз харгӯш каме зиёдтар, яъне дар як соат ба давидан 65 километрро тай мекунад. Маълум мешавад, ки вай харгӯшро дошта метавонад.

Дар Эрону Ҳиндустон баъзе сайёдон (шикорчиҳо) ба ҷои саги шикорӣ баъзан ҳайвони ваҳ-

шиеро кор мефармоянд, ки юз (гепард — гурбаи калони холдор) меноманд. Юз дар як соат 100 километр медавад, вале вай зуд монда мешавад. Барои ҳамин ҳам бо юз оҳуеро, ки дар як соат то 90–95 километр медавад, шикор кардан мумкин аст. Маълум мегардад, ки юз аз ҳама ҳайвони тездав будааст.

Мо бояд донем, ки нисбат ба ҳайвонҳо аксари паррандаҳо суръати зиёди ҳаракатро доранд. Масалан, фароштурук дар як соат 200 километр парвоз мекунад. Дар олам ҳашароте низ ҳастанд, ки аз паррандаҳо тезтар парвоз мекунанд.

Дар Амрикои Ҷанубӣ як навъи занбӯр ҳаст, ки суръати ниҳоят зиёди парвоз дорад. Вай дар як дақиқа 12 километр мепарад. Чунин занбӯр масофаи байни Самарқанду Душанберо дар камтар аз як соат тай мекунад.

### Савол ва супориш

1. Ҳайвонот ва паррандаҳои хонагиро номбар кунед.
2. Шумо кадом паррандаҳои мавсимиро медонед? Онҳо кай ба кишвари мо меоянду кадом вақт мераванд?
3. Номи ҳайвонҳои ваҳширо номбар кунед.
4. Дар бораи дарозии умри паррандаву ҳайвонот чӣ гуфта метавонед?

Болта ОРТИҚЗОДА

## ҶАНГИ МОРУ КАЛТАКАЛОС

Фасли тобистон буд. Одам аз гармии ҳаво базӯр нафас мегирифт.

Вақте ки ман аз миёни алафҳои нимхушк роҳ мерафтам, садои хишир-хишири чизеро шунидам. Ба атроф назар андохта дидам, ки як мори афъӣ

бо як калтакалос ҷанг карда истодааст. Калтакалос дар болои санг истода, ба як нуқта нигоҳ мекард. Аз таги санг як мори афъӣ ба вай ҳамла меовард. Калтакалос барои худашро аз душманаш нигоҳ доштан ба болои мор заҳрашро мепошид. Мор аз заҳри калтакалос гаранг шуда, баъд базӯр мехазиду рафта худро ба танаи алафи шимок мемолид. Вай печутоб мехӯрд, аммо аз калтакалос чашм намеканд.

Ҳамин тавр, алафи шимок ба мор қуввати нав медод.

Мор боз далертар шуда, бо калтакалос аз сари нав ҷанг мекард. Калтакалос аз тарсу ваҳм оби заҳролуди худро ба болои мор боз мепошид.

Мор худро боз ба алафи шимок молида, далертар мешуд. Ин ҳодиса якчанд бор такрор шуд. Ман ҷанги онҳоро хеле тамошо карда, завқ менамудам. Дафъаи охир, вақте ки мор ба тарафи калтакалос ҳамлакунон рафт, ман ҳам зуд алафи шимокро канда партофтам.

Ин дафъа мори заҳролудшуда омаду шимокро наёфт. Вай торафт лоғар шудан гирифту печутоб хӯрда дар охир мурд.

Калтакалос аз душмани худ халос шуд.

Ман аз ҳамон рӯз фаҳмидам, ки алафи шимок чӣ қадар қувват доштааст.

## Савол ва супориш

1. Мору калтакалос бо ҳам чӣ тавр ҷанг мекарданд?
2. Барои чӣ мор ҳар дафъа худро ба алафи шимок мемолид?
3. Чаро мор ҳалок шуд?
4. Шумо оё алафи шимокро мешиносед? Он дар кучоҳо мерӯяд ва чӣ хел мешавад?

## ЧИСТОН



Об дар об чӣ бошад?
Ҳавзи гулоб чӣ бошад?
Оташ расад, ях кунад,
Ба ин ҷавоб чӣ бошад?

## ЛОНАСОЗИИ ПАРРАНДАҲО

### ЗОҒИ СИЁҲ

Оё ту медонӣ, ки паррандаҳо чӣ тавр лона месозанд?

Зоғи сиёҳ лонаи худро дар болои шохаҳои баланди дарахтҳо месозад.

То он даме, ки зоғи сиёҳ парида хасу чӯбчаҳоро ёфта меорад, шарикаш лонаро посбонӣ мекунад. Сонӣ ҳамлонааш парида меравад у ба ҷои он худи зоғи сиёҳ мемонад. Агар онҳо лонаашонро чунин посбонӣ накунанд, дигар зоғҳо омада, лонаи онҳоро соҳибӣ мекунанд. Зоғҳои сиёҳ чӯбчаҳоро дар болои шох мечинанду лонаашонро месозанд.

Ҳамҷинси онҳо зоғи ало ва зоғча низ осонакак барои худашон лона тайёр мекунанд.

### СӮФИТУРҒАЙ

Сӯфитурғай паррандаи хокистарранги шикамсафед аст. Вай баҳорон дар саҳроҳо баланд парвоз мекунад. Овози форами ӯ аз ҳаво ба гӯш мерасад.

Сӯфитурғай дар дашт, дар зери алафҳои баланди тунук ягон чуқурие ёфта, лона месозад. Ӯ дар он тухм мегузорад. Тухми вай чунон ҳамранги замин аст, ки ҳатто аз пахлӯяш гузарӣ ҳам онро намебинӣ.

Дар зери буттаҳои беша ва саҳроҳо лонаи чуқураки бедонаю кабкро ҳам дидан мумкин аст.

Дигар паррандаҳои саҳроӣ низ дар зери гулу алафҳо тухм мегузоранд.

## МУРҒОБӢ ВА ҒОЗҲО

Мурғобӣ ва ғозҳо барои лонасозӣ ҳеҷ гоҳ латтаю хаспораҳоро намеоранд. Онҳо буттаҳои тайёри қамишҳои кӯҳна ва ё шохчамайдаҳоро дар ягон ҷои панох меёбанд, ки аз об дур набошад. Ин хел буттаҳоро ёфта, миёни онро чуқурак мекунанд. Баъд рӯи онро бо парҳои худашон монанди кампал мепӯшанд. Мурғобӣ тухмҳои худро бо парҳои рехтааш пинҳон карда, баъд ба обу донхӯрӣ меравад.

Баҳорон дар ҷангал ба гӯш овози «туқ! туқ! туқ!» мерасад. Ин эзорсурхак аст, ки барои худ лона месозад.

Эзорсурхак бо нӯли мустаҳками худ тани дарахтҳои мулоимро зада, сӯрох мекунад. Вай ковокии дарахтро ба як қади хурма чуқур мекунад. Ӯ ҳамаи чӯбпораҳоро якто намонда, аз лонааш гирифта мепартояд.

Бачаҳои эзорсурхак дар лонаи салқину сахт калон мешаванд. Модарашон ба зери онҳо ягон чизи мулоим намегузорад. Аз ин ҳатто панҷаи онҳо обила мекунад.

Вақте ки бачаҳояшон калон мешаванд, бо нохунҳои тезашон ба танаи ноҳамвори дарахт часпида мебароянд.

### Савол ва супориш

1. Зоғи сиёҳ хонаашро дар куҷо ва аз чӣ месозад?
2. Дар бораи кадом паррандаҳои саҳроӣ ягон чиз хондаед ва ё шунидаед?
3. Дар бораи лонасозиашон чиро донистаед?
4. Парандаҳои обӣ лонаашонро чӣ гуна месозанд?

**5.** Эзорсурхак лонаашро чӣ тавр месозад?
**6.** Мушоҳидаҳои худатонро дар бораи паррандаҳо гӯед.

Маҳбуба НЕЪМАТЗОДА

## РАНГИНА

Ба «Боғи ҳайвонот» аз кишвари Ҳиндустон маймуне оварданд бағоят зебо ва рангин. Ӯ пешонаи сабз, ду лунҷи осмонӣ, манаҳи сафед, бинии бунафшранг дошт. Азбаски пӯсти ӯ рангин буд, ба ӯ Рангина ном ниҳоданд.

Рангина аз рӯзҳои аввал ба кормандони боғ маъқул афтод. Ӯ маймуни боақлу боодоб буд. Мисли дигар маймунҳо ҳаллосзанон пеши панҷара намерафт, дасти худро тамаллуқкорона сӯи тамошобинон дароз намекард. Баъзан аз гурусначашмии маймунҳо шарм дошта, пушт бар онҳо мегардонд. Рангина бар замми чашмсерӣ маймуни озода буд. Агар рӯи фарши катак пасмондаи себ ё коғази ҳалворо медид, ба як сӯ гирифта мемонд.

Фарроши боғ Таҳминахола ҳар рӯз ду дафъа катаки маймунҳоро мерӯфт, вале ҷонварон ба тозагӣ риоя намекарданд. Ҳар чизи додаи тамошобинонро мегирифтанду саросемавор хӯрда, коғазу пӯчоқи онро рӯи фарши катак мепартофтанд.

Рӯзе ба сари Таҳминахола фикре омад. Ӯ пешгири худро ба пеши Рангина баста, ба ӯ ҷорӯб дод ва гуфт:

— Рангинаҷон, аз ҳамин рӯз эътиборан ин қафасро ту мерӯбӣ. Розӣ ҳастӣ?

Маймунаки рангин, гӯё ки интизори ҳамин супориш буд, даррав ҷорӯбро гирифта, ба рӯфтан даромад. Ӯ мисли духтари хона чобукона ва бо ҳавсала рӯи фарши чӯбинро рӯфт. Баъд гӯё касе

ёд дода бошад, бо хокандоз хокрӯбаро ба сатил андохт. Хонарӯбии Рангинаро дида, тамошобинони хурду калон бо завқ қоҳ-қоҳзанон механдиданду «офарин, офарин» мегуфтанд.

Аммо дастёрии маймуни боақлу чолок Рангина ду ҳафта давом карду халос. Рӯзе ӯ нав катакро рӯфта буд, ки Буш ном маймуни гурусначашми амрикоӣ сӯи духтарчае даст дароз карда, хеле донаи офтобпараст гирифт. Баъд саросемавор донаи офтобпарастро хӯрда пӯчоқашро бо бепарвоӣ ба ҳар сӯи қафас пош дод. Рангина назди ӯ рафта ғур-ғур кард, яъне мегуфт, ки меҳнати дигаронро қадр намо, ин корат хуб нест, ба зоти маймун намезебад. Аммо Буш нописандона ин рафтори номақбули худро давом дод.

Рангина сахт ба ғазаб омад. Худро дошта натавонист. Хокандози оҳанинро бардошта ба сари Буш зад, ки ӯ чанд лаҳза аз ҳуш рафт.

Баъди ин воқеа Таҳминахола аз дасти Рангина ҷорӯбу хокандозро гирифта, ӯро аз кори дастёрӣ озод кард.

### Савол ва супориш

1. Рангина дар куҷо зиндагӣ мекард?
2. Вай чаро дар қаҳр шуд?
3. Оё шумо аз ҳаёти ҳайвонот чунин мушоҳидаҳо доред? Агар дошта бошед, ҳикоят намоед.

Абдулҳамид САМАД

## ТӮҲФАИ ДАҲМАРДА

Охири баҳору аввали тобистон буд. Як рӯз ҳамроҳи падарам аспсавор ба сайри кӯҳистон рафтем. Талу теппа ва кӯҳҳои баланд аз сабзаву гул-

ҳо рангоранг буданд ва мисли қолини зебо дилкаш менамуданд. Хониши мурғони хушхон аз ҳар тараф баланд гашта, бо садои шаршараҳо меомехт. Ҳама ҷо аз бӯи алаф, аз овози чирчиракҳо пур буд. Дар марғзори каб-кабуд гову мол паҳну парешон мечариданд. Дар ҷо-ҷо сари ёлаҳо бачаҳо асо (говрон) сари китф, сурудхонон подабонӣ мекарданд.

Аз пеш хаймае баромад. Соҳиби хайма ошнои падарам будааст. Вай моро шодона пешвоз гирифт. Дар суфаи лаби чашма, ки аз хайма даҳпонздаҳ қадам дуртар буд, палосу кӯрпача андохт. Даҳмарда ришу мӯйлаби базеб, саллаи калон, фӯта, ғилофу корди дастааш устухонӣ дошт. Хусусан, мӯкии пояш тамошобоб буд. Падарам бо ӯ саргарми сӯҳбат шуд. Ман аспамонро дар сабзазор баста, аз паси барраву бузғолаҳои дӯстрӯяк ва гулпаракҳои рангинбол хеле давидам.

Баъди соате падарам ҷеғ зад.

— Шокир, вақти рафтан шуд, — гуфт ӯ.

Ман бо дили нохоҳам аспро пеши падарам овардам. Охир, ҳоло аз тамошои кӯҳистон ва бозии барраву бузғолаҳо сер нашуда будам.

Падарам аспро лаҷом мезад. Амаки даҳмарда аз хайма баромаду ба тарафи ман омад. Вай дар даст обкадуе дошт, ки ҷо-ҷояш танга барин сӯрох буд.

— Писари ошно, — гуфт ӯ ба ман, — як чӯҷа диҳам, мегирӣ?

— Чӯҷаи чӣ? — ба ҷои ман пурсид падарам.

— Чӯҷаи кабк. Арӯсак шудааст. Худам ром кардам.

— Албатта, мегирад. Аз ин тӯҳфаи нағз намешавад, — гуфт падарам аз ман ҳам хурсандтар шуда.

— Лекин пояш шикастагӣ. Боша задааст, — бо афсӯс гуфт даҳмарда ва кабкчӯҷаро аз қафас баровarда рӯи кафаш гузошт. — Як ҳафта пеш аз байни алафҳо ёфтам. Ба пои шикастааш чӯбчаҳои ҳамвор монда, хамир молидам, нағзакак латта печондам. Ду ҳафта баъд сиҳат мешавад.

Ман аз шодӣ дар куртаам нағунҷидам. Кабкчӯҷаро бо кадуқафасаш аз амаки даҳмарда гирифтам. Кабкчӯҷа қанотак мезад, бо овози борик мехонд, чашмонаш бозӣ мекарданд.

— Писари ошно, агар кабкчӯҷаро нағз нигоҳубин накунӣ, малӯл мешавам, — ҷиддӣ гуфт даҳмарда.

— Ташаккур, амакҷон! — овозам аз хурсандӣ пурҳаяҷон баромад. — Лекин Боша чаро инро задааст?

— Боша паррандаи ганда аст, нӯлу чанголи тез дорад, — гуфт амаки даҳмарда ва илова кард. — Парандаҳои аз худаш беҷонро мезанад.

— Амак, кабкчӯҷа калону зӯр шавад, Бошаро зада метавонад? — пурсидам ман.

— Албатта! Аммо ин ба нигоҳубини ту вобаста аст, — гуфт амаки даҳмарда.

Кабкчӯҷаи пошикаста баъди як моҳ тамоман сиҳат шуд. Падарам барояш қафаси гунбазшакл сохт. Ҳоло кабки калон шудааст. Ҳамин ки аз мактаб меоям, кабкро аз қафас мебарорам. Ҷонварак болу пар афшонда, ба чор тарафи ҳавлӣ хиромон медавад, фарёд мезанад, тамошое барпо мекунад. Баъзан хурӯси кулангӣ омада, донҳояшро хӯрданӣ мешавад. Кабк ӯро бо нӯлу панҷаҳояш чунон мезанад, ки хурӯс қиғосзанон мегурезад. Ба фикрам, кабки пошикастаи ман ҳозир аз Боша ҳам зӯр шудааст.

Чанде пеш онро ба кӯҳистон пеши амаки даҳмарда бурдам. Вай кабкро дида, хурсанд шуда гуфт:

— Офарин, писари ошно!

### Луғат

**Даҳмарда** — чӯпон.

### Савол ва супориш

1. Шокир куҷо рафт?
2. Марди чӯпон ба ӯ чӣ дод?
3. Вақти боздиди дуввум ӯ ба Шокир чӣ гуфт?
4. Мазмуни ҳикояро бо суханҳои худ нақл кунед.

## ЧИСТОНҲО

Аз дур омад ҳашу ҳаш,
Найзаҳояш шасту шаш.

* * *

Таг санг асту санг нест,
Рӯ санг асту санг нест,
Морсар асту мор нест,
Чорпо асту гов нест.

* * *

Аз ин ҷо то Бухоро хона дорад,
Дусад нуқлу мавизу дона дорад.

### Савол ва супориш

1. Ҷавоби чистонҳоро ёбед.
2. Дар бораи ҳайвону парранда боз чӣ гуна чистонҳоро медонед?
3. Бигӯед, ки дар чистон пеш аз ҳама чӣ ифода меёбад ё баён мешавад.

## БАҲОР ОМАД, ТАБИАТ ДИЛРАБО ШУД, КАНОРИ КИШВАРИ МО ПУРСАФО ШУД.



Баҳори дилфиреб омад, хуш омад,
Садои андалеб омад, хуш омад.

## ФАСЛИ ГУЛҲО

*(Нақшаи иншо)*

1. Намуди табиат дар баҳорон.
2. Аввалин гулҳои баҳорӣ.
3. Ба кишварҳои дигар рафтани паррандаҳое, ки зимистон омада буданд.
4. Бозгашти паррандаҳое, ки тирамоҳ рафта буданд.
5. Ҷашни Наврӯз.
6. Кишту кори баҳорӣ.

### Супориш

**1.** Дар дарси аввал муаллим дар бораи баҳор ва сифатҳои ин фасл ҳикоят мекунад. Шеърҳоеро, ки шогирдон дар бораи баҳору гулҳо медонанд, мепурсад, онҳоро ба ёди шогирдон меорад. Дар мавзӯи баҳор ва ҷашнҳои баҳорӣ (Наврӯз, Иди занону духтарон) сӯҳбат мекунад.

**2.** Дар дарси дуввум ба шогирдон мефармояд, ки дар бораи баҳор аз рӯи нақшаи худ ё нақшаи тақрибии мо иншо нависанд.

Садриддин АЙНӢ

## БОМДОДИ БАҲОРОН

Айёми баҳору бомдодӣ
Вақти фараҳ асту гоҳи шодӣ.
Бар ҷониби марғзор бинӣ,
Ҳар сӯ гулу лолазор бинӣ.
Ҳаст оби равон равон ба ҳар сӯ,
Сабз аст зи сабзаҳо лаби ҷӯ.
Аз бӯйи гулу гиёҳи навхез
Боди саҳарист анбаромез.

Гул хурраму барги ток хуррам,
Аз сабза тамоми хок хуррам.

## Савол ва супориш

1. Дар шеър чӣ гуна сифатҳои баҳор таъкид шудаанд?
2. Шеърро аз ёд кунед.

Мирзо ТУРСУНЗОДА

# БАҲОР ОМАД

Баҳор омад, садои булбул омад,
Насими фораму бӯйи гул омад.
Либоси сабзро саҳро ба бар кард,
Кулоҳи сап-сафед олу ба сар кард.
Пас аз боридани борони найсон
Чӣ зебоянд дашту кӯҳсорон.
Баҳор омад, чаман гулпӯш омад,
Дили мо, бачаҳо, дар ҷӯш омад.
Давидему ба сӯи боғ рафтем,
Ҳама монанди гул болида гуфтем:
— Дарахти нав ба боғи нав шинонем,
Дарахти себу шафтолу расонем.
Ба боғи мо дарахти нок рӯяд,
Анори лоларангу ток рӯяд.
Ҳамон соле, ки онҳо бор оранд,
Ба мо хурсандии бисёр оранд.

## Савол ва супориш

1. Шумо дар ҳавлӣ ва боғи худ ниҳоли кадом дарахтҳоро шинонидед?
2. Шеърро аз ёд кунед ва бигӯед, ки дар васфи баҳор боз кадом шеърро аз ёд медонед.

Гулчеҳра СУЛАЙМОНӢ

# ЛОЛАҲОИ ДАСТИ МАН

Дишаб дида набастам,
Тамоми шаб нишастам.
Ба истиқболи баҳор
Ба дастам ҳино бастам.

Саҳар чу аз ҷо ҷастам,
Лола дидам дар дастам.
Ду лола — ду арғувон,
Аз рангу бӯяш мастам.

Шаб мисли ман нахуфтанд,
Дар дасти ман шукуфтанд.
Хандон-хандон субҳидам
Маро муборак гуфтанд.

Баҳори дашту даман,
Лолаҳо чаман-чаман.
Аз ҳама ҳам зебоанд,
Лолаҳои дасти ман.

## Савол ва супориш

1. Шоира ҳинои дасти духтаракро ба чӣ монанд кардааст?
2. Бигӯед, ки чанд навъи лоларо медонед.

Аъзам СИДҚӢ

# ТИФЛИ БАҲОР

Охирҳои моҳи феврал чанд нафар ёру бародар ба рӯзи таваллуди писари як рафиқамон ҷамъ шуда будем. Ҳаво софу беғубор буд. Дар айни авҷи сӯҳбат ба фазо абрҳои сиёҳу сафед паҳн шуда, рӯи офтобро пӯшиданд. Фурсате аз байн нагузашта, барфи лаклакӣ борид.

Мардум мегӯянд, ки ин хел барф калон-калон мебораду тез ба охир мерасад. Аммо бар хилофи чашмдошти мо, қарибиҳои шом, ҳаво соф шуда сӯзанбарф борид. Ман ба аҳли сӯҳбат гуфтам, ки устод Мирзо Турсунзода баъди барфу борон сайри кӯҳу водиро дӯст медоштанд.

— Бисёр нағз, — гуфт дӯсти ман Абдуллоҷон Хоҷаев. — Дар мавридаш гуфтед, ман солҳо дар хизмати ҳарбӣ будаму дар шаҳрҳои шимолӣ зиндагонӣ мекардам, боре ба табъи болидаву шоду хурсанд ба хона баргаштам. Гирду атроф ҳама сап-сафед барф буд ва ҷилои он чашмро мебурд. Бинам касе оҳиста-оҳиста қадам зада, ба пешвози ман меояд. Наздик шуда дидам, Мирзоака. Як шодии ман сад шодӣ шуд. Ҳар касе, ки дар Маскав мехонд, ё ба такмили ихтисос рафта буд, ё хизмат мекард, устод вақт ёфта, рафта медиданд.

Биёед, рӯзи истироҳат ба зиёрати қабри устод меравем...

Пагоҳии рӯзи якшанбе, Абдуллоҷон Хоҷаев, доктори илмҳои тиб, профессор Закӣ Абдуллохоҷаев,

номзади илмҳои биология Мирзоанвар Аҳмадов, коркуни масъули саноатӣ Ғафурҷон Назаров ба теппаи Лучоб рафтем. Аз сабаби он ки барф бисёр буд, лозим омад, ки аз тарафи дигар ба сӯи қабри устод биёем. Ҳанӯз ба баландӣ нарасида, ба гӯш овози гиря расид. Каме пештар омада дидем, ки фарзанди Мирзоака Масъуд ба сари қабри падар ашк мерезонад. Мо ба ӯ наздик нашудем, то ки ба дарди дилгӯйи вай халал нарасонем.

Банохост чашмам ба канори пайраҳа афтод ва дидам, ки аз зери барф сари зардчаи бойчечак намудор аст. Атрофашро аз барф тоза кардам. Ин дам як сафари бо устод Турсунзода ва устод Боқӣ Раҳимзода кардаам ба ёд омад, ки он ҳам чандин сол муқаддам дар рӯзҳои охири феврал буд.

Мо ба сӯи шаҳри Регар, ки ҳозира шаҳри Турсунзода ном дорад, равон будем, мошин ба чорраҳаи Шаҳринав расиду дар канори роҳ чор-панҷ нафар мардони шиносро дидем. Мирзо Турсунзода дарҳол мошинро нигоҳ доштанд.

Бо дӯстон вохӯрии самимона барпо шуд ва дар муддати панҷ-шаш дақиқа одами бисёр моро дар ҳалқаи худ гирифта, хоҳиш карданд, ки ягон соат дар Шаҳринав истода гузарем.

Ҳар ду муаллим розӣ шуданд.

Пои пиёда аз мактаб мегузаштем. Вақти танаффус буд, бачаҳо доду шавқун бардошта бозӣ мекарданд.

— Боқиҷон, — гуфтанд бо табассуми ширин сар ҷунбонда устод Турсунзода бачаҳоро нишон дода, — як сари қадам намедароем-чӣ?

— Албатта, медароем, бачаҳо оянданди мо, — гуфта устод Боқӣ Раҳимзода ба саҳни мактаб даромаданд. Талабаҳо бозиву даву тозро партофта, ҳама ба пешвози шоирони маҳбуби худ Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода шитофтанд.

Дар саҳни мактабу дар болои барф сӯҳбати гарму ҷӯшон ба вуҷуд омад. Бачаҳо ба мо гули бойчечак тӯҳфа карданд.

Устоз Турсунзода гулро аз дасти духтараки шармгин гирифта гуфтанд:

— Бойчечак ин тифли баҳор аст. Боқиҷон инро бинед, ки мо аз дасти бачаҳо тифли баҳор мегирем...

Нақли сафарро шунида, дӯстон қарор доданд, ки чанд гули бойчечакро бо пиёзаш кофта гирифта, бурда ба хоки мазори устод Мирзо Турсунзода шинонем.

Мо ҳамин тавр ҳам кардем ва бо ин зиёрати онрӯзаи мо поён ёфт.

## Савол ва супориш

1. Дӯстон рӯзи истироҳат ба куҷо мерафтанд?
2. Шумо дар бораи Мирзо Турсунзода чиҳо медонед?
3. Шеъре аз устод аз ёд гӯед.

Маҳбуба НЕЪМАТЗОДА

# САВСАНГУЛ

Замоне Боғи биҳишти Самарқанд гулистоне буд рангин ва бемислу монанд. Дар ин чаҳорбоғи сабзу хуррам Савсангул, Садбарг, Лола, Настаран, Ёсуман, Наргис, Ҳафтранг, Ошиқипечон, Райҳон, Хайрӣ, Бобуна ва боз чандин гулҳои дигар нашъунамо доштанд. Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, он замонҳо Савсан зеботарин гули Боғи биҳишт ба шумор мерафт. Вай чунон рӯи хушу бӯи дилкаш дошт, ки аз диданаш чашм, аз шамиданаш дил сер намешуд. Ҳар кас, ки вориди боғ мегашт, аввал назди Савсангул мерафт, қаду қомати зебо, рӯи шукуфон ва хандаи беғубори ӯро тамошо мекарду бӯи биҳиштии ӯро мешамиду мешамид. Вале Савсан бо ин ҳама хубиҳои дунё забони бадгӯю хабаркаш дошт. Байни гулҳо иғво меангехт.

Боғи биҳишт дар ҳама фаслҳо, хусусан баҳорон фаррухрӯй буд. Ҷонварони машриқу мағриб овозаи ин боғро шунида, баҳри тамошои гулҳояш меомаданд.

Арафаи иди Наврӯз буд, ки қариби субҳ аз ҷониби шаҳри қадимаи Исфаҳон сӯи Боғи биҳишт Булбуле ба парвоз омад. Булбул аз шох ба шох парида гулҳоеро, ки ҳама аз якдигар зебову дилҷӯтар буданд, хеле тамошо кард. Ногоҳ ӯ шефтаи ҳусни Садбарги гулобии хушбӯй шуд. Атрофи ӯ давр зада, чаҳ-чаҳзанон гуфт:

— Эй гули зебо, бигӯ, ки чӣ ном дорӣ?

— Номам Садбарги бухороӣ, — хандон ҷавоб дод гул.

— Ман рӯи дунё гуле надидам, ки мисли ту хандонрӯй бошад. Биё, дӯст мешавем, дӯстони ҷонӣ.

— Ман розӣ, — гуфт Садбарг. — Дар дунё дӯст ҳар қадар зиёд бошад, ҳаёт ҳамон қадар ширин хоҳад шуд. Гуфтаанд: «Майли ҷаҳон надорад бе дӯст зиндагонӣ».

Булбул то омадани саҳар дар боғ хеле чаҳ-чаҳ зад. Ба васфи Садбарги гулобии тару тоза, бӯи атромези вай сурудҳо хонд ва сипас бо гул хайрухуш карда, сӯи Исфаҳон парид. Вале ӯ дар Ватан дигар зиёд истода наметавонист. Зуд-зуд бо шавқу шӯри ҷавонӣ болу парзанон сӯи Самарқанд меомад. Боғи биҳишту Садбарги бухороии онро то саҳар серӣ дида, чаҳ-чаҳкунон рози дил мегуфт. Хониши форами Булбулро шунида, рашки Савсан омад.

— Ман аз Садбарг садҳо бор зеботару хушбӯтарам, — гуфт ӯ бо ноз ба зулфони марғуладораш шона зада. — Чаро булбул ба ҷойи ман Садбаргро васф мекунад? Охир, маликаи гулҳо ман ҳастам. Садбарги мағрурро чунон боб кунам, ки...

Савсангул бо Шамоли дайду ошноӣ дошт. Аз ӯ хоҳиш кард, ки зуд ба деҳаи Дашти Сӯхта равад, аз он ҷо як каф чангу хоки хобовар оварда, ба сару рӯи Садбарг пошад.

Хокпошию хокбозӣ кори дӯстдоштаи Шамоли дайду буд. Аз ин рӯ шод шуд ва сӯи Дашти Сӯхта давид.

Он субҳ Садбарг донаҳои шабнам дар бари рӯ боз ҳам тару тозатар менамуд, ки ногоҳ Шамоли дайду бо домани пур аз чангу хок пайдо гашт.

— Ҳа-ҳа-ҳа, — хандид Шамоли дайду дандонҳои каҷу килебашро намоиш дода ва бо ҳазл чангу хокро ба сару рӯи Садбарги хандон пошид. Садбарги бечора аввал хеле атса зад, баъд «вой саракам, вой чашмакам» гуфту ба хоби сахт рафт.

Тифоқо ҳамон шаб боз ба боғ Булбули Исфаҳон омаду хониш оғоз кард. Савсани иғвогар ҳамин лаҳзаро интизор буд, ки ба гуфтор даромад:

— Эй булбули хушхон! — гуфт ӯ, — беҳуда дилатро хун накун. Садбарг дар ин муддате, ки ту набудӣ дӯсти дигаре пайдо кард. Медонӣ он кист? Саъбаи кашмирист. Садбарг ба болу пари рангин ва овози хуши вай чунон дил баст, ки ҳаёти худро дигар бе Саъба тасаввур карда наметавонад. Дирӯз байни гулҳо эълон кард, ки дӯсти беҳтарини ӯ Саъбаи кашмирист.

Булбули исфаҳонӣ хеле чаҳ-чаҳ зад. Чун дид, ки аз Садбарг ҷавобе нест, ба суханҳои Савсан бовар кард. Бо дили пур аз ғам ноумед сӯи зодгоҳаш Исфаҳон парид ва дигар ба Боғи биҳишт барнагашт.

Садбарг баъд аз се рӯзи беморӣ базӯр чашм аз хоб кушод. Ёсуману Наргис ба ҳолпурсӣ омада, аз иғвогарии Савсани бадзабон лаб кушоданд.

Садбарг бовар намекард, ки дугонааш Савсан бадхоҳи ӯст. Чандин шабу рӯз гиряҳо кард. Аз Савсани бадгӯйи хабаркаш сахт ранҷид. Шоме даст бар дуо кашида гуфт:

— Илоҳо, тамоми рӯят ба забон табдил ёбад, Савсани забондароз!

— Омин, — гуфтанд гулҳои дигар, ки ҳама аз забони Савсан озор дида буданд.

Як субҳи баҳорон Савсангул бо табъи нохуш аз хоб хеста, дар оби ҳавз дасту рӯй шуст. Ногоҳ дар об акси худро дида, як қад парид. Ё тавба, чӣ сурате! Ҷои лабу дандон, абрӯву пешонӣ рӯяш пур аз забон аст. Ба бадӣ аз бӯи хуши пештара-аш ҳам нишоне намонда буд.

Бобунаи бепарво ногоҳ аз рӯ ба рӯи Савсан баромада гуфт:

— Тавба, ин кадом гул бошад? Гули рӯяш пур аз забонро бори аввал мебинам.

— Ман Савсанам, Савсан, — гирён шуд гули ҳафтзабона, вале дигар ягон гул майли дидани ӯро надошт.

Худатон гӯед, забондарозро кӣ дӯст медорад? Ҳеҷ кас!

### Савол ва супориш

1. Кадом хислати одамро ба Савсан нисбат медиҳанд?
2. Ривоятро бо диққат хонда, мазмунашро нақл намоед.

Наримон БАҚОЗОДА

## БӮИ ЧАҲОР ФАСЛИ СОЛ

Ҳар фасли як соламон
Дорад аҷаб бӯйи хуш.
Хоҳӣ агар, ҷӯраҷон,
Шеъри маро намо гӯш:

Ояд аз фасли баҳор
Бӯйи сабзи сабзазор.

Бӯйи шабнами саҳар,
Бӯйи хуши киштукор.

Бӯйи гулу суманак,
Зардолуи ҷавпазак.
Сонӣ меояд аз он
Бӯйи хуши тобистон.

Меояд аз тобистон
Бӯйи дарави деҳқон,
Бӯйи дуди гулхане
Аз пойгоҳи «Бӯстон».

Бӯйи хуши харбуза,
Меваҳои бомаза.
Бӯйи шабнами пагоҳ,
Сонӣ — бӯйи тирамоҳ.

Ояд аз ин фасли сол
Бӯйи хуши бемисол.
Бӯйи мактабу китоб
Бӯйи ҷавобу савол.

Бӯйи дашту пахтазор,
Бӯйи хирману қанор,
Боду борону хазон
Сонӣ — бӯйи зимистон.

Меояд аз зимистон
Бӯйи тӯйи деҳқон.

Бӯйи испанду арча
Қиссаи момокалон.

Бӯйи барфу яхмолак,
Бӯйи хуши бойчечак.
Бӯйи турнаи қатор,
Гашта бӯйи навбаҳор.

Ҳар як фасли соли мо
Аз дигар пайдо шавад,
То ҳаёти одамон
Неку дилкушо шавад.

### Савол ва супориш

1. Шоир фаслҳои солро чӣ гуна тасвир кардааст?
2. Дар бораи фасли дӯстдоштан худ нақл кунед.

Аминҷон ШУКӮҲӢ

## БОРОН

Абр омаду абр омад,
Ғурранда чу бабр омад.
Дар соати нӯҳ омад,
Аз ҷониби кӯҳ омад.
Дар болои шаҳр омад,
Якбора ба қаҳр омад.
Дид ин ки ғубору чанг,
Доранд ба гулҳо ҷанг,
Бинию лаби насрин,
Бисёр шуда чиркин,
Ҳар бори дарахти боғ,

Гашта чу пари калзоғ.
Пироҳани сабзи ток,
Ҳамранг шуда бо хок.
Дар ту тарафи кӯча,
Як ҳафта бишуд, ки рӯ
Ношуста гули хушбӯ
Абр омаду абр омад,
Ғурранда чу бабр омад,
Дар болои шаҳр омад;
Якбора ба қаҳр омад,
Гуфто: «ба ғубору чанг
Ман мекунам акнун ҷанг!»
Дар болои шаҳр омад,
Якбора ба қаҳр омад.
Боронаки сим-симак
Боронаки зим-зимак,
Як рӯзи тамом омад,
То омади шом омад.
Ҳар чангу ғубор аз он,
Бар хок бишуст яксон,
Дар боғу хиёбонҳо,
Дар кӯчаву майдонҳо,
Ҳар сабзаву шохи гул,
Шустанд руху кокул,
Берун шуда баъд аз шаш,
Пӯшида либоси нав,
Густурда палоси нав,
Бо табъи хушу хандон,
Гаштанд ҳама рақсон.
Абр омаду абр омад,

Ғурранда чу бабр омад.
Бар бод савор омад,
Борони баҳор омад.
Хуршедаки хандонрӯ
Акнун ту биё ин сӯ,
Аз рӯзи дигар навбат
Боз аз ту, бикун ғайрат!

### Савол ва супориш

1. Абр чӣ гуфт?
2. Борон чӣ кор кард?
3. Гулҳо, дарахтон ба чӣ омаданд?
4. Баъди борон навбати чист?

## ДУХТАРЧА ВА КАБК

*(афсонаи мардумӣ)*

### I

Дар замонҳои дури дур, вақтҳое, ки ҳанӯз на шаҳр буду на деҳа, ва одамон ҳар кадом бо аҳли оилаи худ аз якдигар ҷудо-ҷудо зиндагӣ мекарданд, дар доманаи кӯҳе як оила зиндагӣ мекард. Ин оила аз падару модар ва се нафар фарзанд иборат буд. Ду писар ва як духтар. Писарон Эраҷ ва Манучеҳр ном доштанд, духтарак Марям ном дошт. Аҳли ин оила хушбахт ва меҳнатдӯст буданд. Падар кишту кор мекард, писарон чорво мечаронидананд, модар бо корҳои рӯзгор машғул буд ва пахта мересид. Дар корҳои хонавода ба вай Марями хурдсол ёрӣ мерасонд. Духтарча

панҷсола бошад ҳам, дар ҳақиқат дасти рости модараш буд. Ин хонавода беҳад хушрӯз буд, то андозае, ки ҳатто сарварони он падару модар аз чунин бахту толеъ як навъ тарсе ҳам доштанд. Дар ҳақиқат хушбахтӣ дер напоид. Тирамоҳ омад, бодҳои сард абри беҳисоберо дар осмон ҷамъ карданд ва борон беист ба боридан сар кард. Борон беист мебориду меборид, гӯё аз лаби сатил каме об мерехт ба сари мардум. Аз ин соҳиби хонаводаро тарсу ҳарос пахш кард. «Мабодо борони имсола ба сарамон фалокате биёрад», — андеша мекард ӯ, — «ба ҳар ҳол ноумед шудан хуб нест» — таскин медод ӯ худро. Вале бар хилофи орзуҳои неки онҳо борон ҳар чӣ сахттар борид, селоби даҳшатнок талу теппаҳо, сангу хоку гилро ба киштзорҳо ва водиҳо овард. Ин офати даҳшатнок ҳар чизеро, ки дар сари роҳаш буд, рӯфта бурд. Хонаи ин оилаи хушбахтро ҳам сел ба коми худ кашид. Се шабу се рӯз борон борид ва охири рӯзи сеюм ором гирифт. Марям шиновари моҳир буд ва ба шарофати ҳамин ҳунараш зинда монд. Бо машаққати зиёд вай ба соҳил расида, ба хушкӣ баромад. Се шабонарӯз ба гуфтан осон! Духтарча бисёр гурусна ва хунук хӯрда буд, ба болои он хобидан мехост. Ба хушкӣ баромада, дар бехи харсанге ҳалқа зада хобид. Субҳидам нури навозишгари офтоб Марямро беозор бедор кард. Духтарча чашмонашро молида, хамёза кашида аз ҷой хест: ... Аз куҷо як луқма хӯрданӣ ёбам? — андеша кард худ ба худ ва насиҳати падараш ба ёдаш омад, ки мегуфт: барои

нон ёфтан кор кардан лозим. Ба ҳамин ният ӯ ба роҳ баромад.

## II

Марям меваҳои ёбоӣ ва решаҳои гиёҳҳоро хӯрда рӯз мегузаронд, шабҳо бошад, ба шохи дарахтон баромада хоб мекард, то ки тӯъмаи даррандагон нашавад. Вай барои зимистон хӯрок ҷамъ меовард ва падару модарашро мекофт. Ҳамин тариқ, рӯзҳову ҳафтаҳо гузаштанд. Ҳаво торафт хунук шуд ва боре вай аз хоб бедор шуда, атрофи худро барфпӯш дид. Духтарча дар фикри пайдо кардани манзили гарм буд. Аз зери барф шохаҳои меваҳои дарахтони сармозада ба чашм мерасид. Барф беҳад баланд буд, то миёни духтарча мерасид ва ӯ бо азобу машаққати зиёд роҳ мегашт. Вай нохост дар болои барф қанотҳои хокистарранги ҷонвареро дида, хам шуда онро маҳкам қапид. Дар дасти духтарча кабки зебое питиррос мезад. Чеҳраи хайрхоҳи духтаракро дида, кабк бо забони одамӣ гуфт:

— Оҳ, ту маро аҷаб тарсондӣ, Марям, ман бошам тарсидам, ки ба чанги рӯбоҳ афтодам ё гург. Наход ту маро нашинохтӣ?

— Албатта шинохтам, — ҷавоб дод духтарча, — ту ҳамон кабки зебоӣ, ки зимистон ба назди мо омада будӣ, шумо бошед, аҳли хонаводаи моро бо овози форами худ шод мегардондед.

— Рост, — ҷавоб гардонд кабк. — Мо имсол ҳам ба назди шумо рафтем, вале ҳеҷ касро наёфтем. Падару модар ва бародаронат куҷо шуданд?

Духтарча саргузашти ғамангези худро як ба як ба кабк гуфт. Кабк духтарчаро тасалло дода, ваъда дод, ки барои ёфтани падару модар ва бародаронаш ёрӣ медиҳад. Зеро вай аз духтарча бисёр миннатдор буд. Донишмандон гуфтаанд, ки аз ноумедиҳо басо умед аст, поёни шаби сияҳ сафед аст. Кабк духтарчаро шердил карда гуфт, ки дарахти булути ҳазорсолаи бузургеро медонад, шохаҳояш аз абрҳо баландтар. Он булут ҳама чиро мебинад ва аз ҳама ҷаҳон бохабар аст. Вале вай аз ин ҷо хеле дур аст. То он ҷо ҳафт рӯз роҳ аст.

— Боке нест, — ҷавоб дод духтарак, — ҳамин озуқаи ночизи ҷамъовардаи маро мегирему ба роҳ мебароем.

## III

Онҳо ҳафт шабу ҳафт рӯз роҳ гашта, кӯҳу дараҳоро гузашта, оқибат ба таги булути ҳамадон расиданд. Ба назди булут омада боодобона таъзим карда, салом доданд ва гуфтанд:

— Эй булути ҳамадон, арзи маро шунав.

Булут ба саломи онҳо меҳрубонона ҷавоб гардонида пурсид, ки ба чӣ арз пеши ӯ омадаанд. Кабк саргузашти Марямро нақл кард.

— Ба шумо раҳмам меояд, — навдаҳояшро ҷунбонда гуфт булути хайрхоҳ ва оқил, — ба ковокии ман даромада, гарм шавед, фароғат кунед, ман бошам, падару модар ва бародарони Марямро мекобам. Духтарча ва кабк аз ин меҳрубонии булут шод гаштанд. Булут бошад, шохаҳояшро ҷун-

бонда дараҳою водиҳоро аз назар гузаронд. Пас аз чанде бародарони Марямро дид, ки дар ғоре пинҳон шудаанд, дар пушти кӯҳ падару модари духтарак гирди гулхан сархаму аламзада нишастаанд.

— Ман онҳоро ёфтам! — Нидо кард булут ва ба онҳо роҳ нишон дод.

Духтарча ва кабк гарм шудаву дам гирифта, ба роҳ даромаданд. Баъди чанде онҳо ба кӯҳи нишондодаи булут расиданд ва Марям бародаронашро ёфт.

— Акнун ба назди падару модарамон меравем, — гуфт ӯ.

— Дар куҷоянд онҳо? — Ҳайрон шуданд бародарон.

— Дар пушти ҳамон кӯҳ, — ҷавоб дод Марям. Бародарон равон шуданд. Хурсандии онҳо ҳадду канор надошт, зеро баъди ҷудоиҳои дуру дароз ба дидори ҳамдигар расиданд. Аз хурсандӣ аз чашмони кабк ашк рехт, ба хондан даромад: «аз ноумедиҳо басе умед аст, поёни шаби сиёҳ сафед аст». Падар қарор дод, ки хонаи нав созанд, вале хатои авваларо ба назар гирифта, на дар домани кӯҳ, балки дар баландӣ бино кардан лозим. Иморат дар болои кӯҳ сохта шуд ва кабк бо дӯстонаш таронахонӣ кард ва хотири хонаводаро шод гардонд. Ҳамаи инро булути некхоҳ ва оқил аз дур тамошо карда хурсанд шуд ва шохаҳои худро дӯстона ҷунбонидан гирифт. Аз ғояти хурсандӣ булут калонтар ва азимтар шуд. Аз ин ҷо чунин хулоса мебарояд, ки корҳои хайр ба булут

солҳои дароз қувват мебахшидааст: аз баракати дӯстӣ ва некӣ вай ҳар рӯз зӯртар ва азимтар мешавад.

### Савол ва супориш

1. Одамони қадим чӣ гуна зиндагӣ мекардаанд?
2. Тарсу ҳароси оилаи Марямино аз чӣ буд?
3. Баъд чӣ воқеа рӯй дод?
4. Марям чӣ тавр зинда монд?
5. Кабк ба духтарча чӣ тавр ёрӣ расонд?
6. Булут чӣ ёрию мадад кард?
7. Баракати дӯстиро, ки ба Марям аз кабк ва булут расид, баён кунед.

Мавҷуда ҲАКИМОВА

## РЕЗАБОРОН

Хуршеди панҷатилло,
Дар дашту кӯҳу саҳро
Монанди марди деҳқон,
Бикшода дасти эҳсон.
Хандида нур пошид,
Дони сурур пошид.
Чун дид рӯи хуршед,
Барфу ях об гардид.
Онро замин макида,
Бо сабзаи дамида,
Ҳай-ҳай, чӣ нармакак шуд,
Бай-бай, чӣ гармакак шуд.
Бедор шуд табиат,
Пӯшид сабзхилъат,

Боди вазони кӯҳсор,
Овард абри бисёр,
Борид резаборон
Дар боғу дашту майдон.
Тирукамон баромад,
Меҳри ҷаҳон баромад.
Тирукамон бидида,
Меҳри ҷаҳон бидида.
Духтарчаҳои гулрӯ,
Биншаста дар лаби ҷӯ,
Бо шавқу шодмонӣ
Кардадд шеърхонӣ.
Дар васфи иди Наврӯз,
Иди баҳори фирӯз.

### Савол ва супориш

1. Хуршед чист?
2. Дар бораи амали хуршед, бод, борон нақл кунед.

## ИДИ НАВРӮЗ

Баҳор фасли беҳтарини сол аст. Дар ин фасл табиат ҷомаи сабзи махмалин ба бар мекунад. Ин фаслро фасли зиндашавии табиат, арӯси зебои сол меноманд. Дар ин фасл кӯҳу дара, марғзору мевазор сабзу хуррам мешавад.

Саҳаргоҳони наврӯзӣ табиат чӣ зебоие дорад! Накҳати гул, сабзаи тару тоза, нағмасароии паррандагон ҳама якҷоя хеле фараҳбахш аст. Дашту саҳро бошад, ба сар чодари рангин гирифта, ба

иди Наврӯз тайёрӣ мебинад. Нағмасароии паррандагон, шилдирроси оби ҷӯйчаҳо чун таронаҳои наврӯзӣ ба гӯш мерасанд.

Наврӯз шуду ҷумла ҷаҳон гашт муаттар,
Аз бӯи хуши лолаву райҳону санавбар.

Халқи тоҷик аз қадим Наврӯзро чун иди саршавии баҳор ва саршавии киштукор ҷашн мегирад. Рӯзҳои наврӯзӣ мардон ба киштукор омода мешаванд, занҳову духтарон бошанд суманак мепазанд ва дастархонҳоро оро медиҳанд. Духтарчаҳо ба нӯги кокулонашон сабзаву гулҳоро часпонида ба идгардак мераванд. Наварӯсакон ба ёру дӯстон, хешу табор бо таъзим салом карда, онҳоро ба дастархони пурнозу неъмат мурувват мекунанд. Бачаҳо тӯда-тӯда ба гулчинӣ мебароянд. Мардону ҷавонон гӯштӣ мегиранд, бузкашӣ барпо менамоянд.

Наврӯз иди зеботарин дар фасли зеботарини сол мебошад. Дар ин рӯз ҳама либосҳои зебо ба бар мекунанд, ба якдигар тӯҳфаҳо медиҳанд, бо таомҳои болаззат пазироӣ менамоянд ва ҳамдигарро табрик мегӯянд: «Ҳар рӯзатон наврӯз бод, наврӯзатон фирӯз бод!»

Юсуф АҲМАДЗОДА

## ШАҲПАРАК

Як ҷо қарори ту нест,
Як ҷо барори ту нест.
Ҳамеша дар гиру дор,
Ҳамеша дар сари кор.

Чун боди нарми Наврӯз,
Аз субҳ то дами рӯз,
Гоҳе парӣ ба ин гул,
Гоҳе парӣ ба он гул.

Боли ту ранга-ранга,
Холи ту танга-танга.
Ту зеби навбаҳорӣ,
Ту ҳусни марғзорӣ.

### Савол ва супориш

1. Шумо чанд намуди шаҳпаракро мушоҳида кардаед?
2. Шаҳпарак чаро аз гуле ба гуле мепарад? Вай чӣ меҷӯяд?

## ТУРНА

*(халқӣ)*

Турна қатор меояд,
Арғамчинвор меояд,
Вақти баҳор меояд,
Мавсими кор меояд.
Дар мавсими баҳорон,
Дар домани кӯҳсорон
Бисёр боло мепарад
Ғазалсаро мепарад,
Турна қатор — арғамчин,
Болохонадор арғамчин.

### Савол

1. Оё шумо турнаро дидаед?

Аббос ЯМИНИ ШАРИФ

## РӮЗАКИ ДИЛАФРӮЗ

Як рӯз бо рафиқон,
Рафтем дар биёбон,
Давидему давидем,
Ба теппае расидем.
Чун оҳувони саҳро,
Рафтем боло, боло.
Чӣ теппаи сафодор,
Рӯяш тамом гулзор.
Ҳар гуна гул ба ҳар ранг,
Бар рӯю зери ҳар санг,
Рӯйида буд дар ҳам,
Бисёр сабзу хуррам.
Мезад дар он сиёҳӣ
Тамишк то бихоҳӣ.
Дар сабза аз тани мо,
Ҷойе набуд пайдо.
Як ҷо каме нишастем,
Гулдаста даста бастем.
Хандон шудему дилшод,
Кардем доду фарёд.
Булбул шудему хондем,
Гул сӯйи ҳам парондем...
Кам кам намуд пинҳон
Хуршед рӯйи тобон.
Шуд вақти бозгаштан,
Ҳангоми хона рафтан.
Ҳар кас ба сӯи хона,
Хушҳол шуд равона.

Аз рӯзи гардиши мо
Як моҳ рафта, аммо
Аз хубии зиёдаш
Шодем мо ба ёдаш.

### Луғат

**Тамишк** — марминҷон

### Савол

Шоир саёҳати бачаҳоро дар домани табиат чӣ тавр тасвир мекунад?

Асад ГУЛЗОДА

## ТӮЙИ ЗАМИН

Фасли зимистон равад,
Сардии даврон равад.
Даври баҳорон расад,
Турна қаторон расад.
Сабза дамад ҳар канор,
Гул шукуфад бо виқор.
Бодаки форам вазад,
Мавсими борон расад.
Рӯйи замин тар шавад,
Тӯйи замин сар шавад.

### Луғат

**Сард** — хунук

### Савол ва супориш

1. Дар шеър ба кадом нишонаҳои саршавии фасли баҳор ишора шудааст?
2. Шеъри мазкурро аз ёд кунед. Онро маънидод намоед.

## ТАҲИЯИ ДАФТАРИ МУСАВВАРИ «МАНЗАРАҲОИ БАҲОР»

*(Нақша)*

**1.** Саёҳат ба табиати моро иҳотакарда. Шиносоӣ бо он.

**2.** Мушоҳидаҳо аз дидани кӯҳҳо, саҳро ва боғу бӯстон.

**3.** Дар дафтар ҷой додани сурат ва расмҳои манзаравӣ.

**4.** Интихоби шеърҳои шоирон ва таронаҳои халқӣ дар бораи баҳор ва ҷашни Наврӯз.

# АЗ ЭҶОДИ АДИБОНИ ҶАҲОН



Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.

Мирзо ТУРСУНЗОДА

Асадуллоҳи ШАЪБОНӢ
*(Эрон)*

## МОДАРБУЗУРГ

Модарбузургам мисли ман
Дар хона бозӣ мекунад.
Бо хоҳарам Парвона ҳам
Ӯ хонасозӣ мекунад.

Гоҳе барои мо дуто
Ӯ қиссахонӣ мекунад,
Парвона ҳам паҳлӯи ӯ
Ширинзабонӣ мекунад.

Парвона хеле кӯчак аст
Дар домани модарбузург.
Монанди як боғи гул аст
Пероҳани модарбузург.

Парвона мисли шопарак
Пар мезанад рӯйи ҳаво.
Мечинаду бӯ мекунад
Гулҳои рангорангро.

## ҲАВОПАЙМО

Орзу дорам, ки рӯзе
Як ҳавопаймо бисозам.
Он ҳавопаймои худро
Маҳкаму зебо бисозам.

Орзу дорам ҳамеша
Бо ҳавопаймо бигардам.
Рӯзу шаб, ин ҷову он ҷо,
Даври дунёро бигардам.

Дар ҳавопаймоям он вақт
Бачаҳоро менишондам,
Ҳар касе ҳар ҷо дилаш хост
Зуд ӯро мерасондам.

### Савол ва супориш

1. Дар шеъри «Модарбузург» кадом лаҳза тасвир ёфтааст?
2. Қаҳрамони шеъри «Ҳавопаймо» чӣ мехост?
3. Шеъри «Ҳавопаймо»-ро аз ёд кунед.

Маҳбубаи ҲИРАВӢ
*(Афғонистон)*

## ШИКОЯТ АЗ ЗАМОНА

Гуле будам ба тарфи ҷӯйборон,
Шукуфта ҳамчу лола дар баҳорон.
Фароғат доштам аз халқи олам,
Агарчи андалебам шуд ҳазорон.
Гаҳе машғули дарси илм хондан,
Гаҳе дар сӯҳбати омӯзгорон.
Гаҳе бо духтарони сарвқомат
Нишаста, шод дил аз рӯзгорон.
Аз он ғофил, ки айёми ситамгар
Маро маҳҷур гардонад зи ёрон,
Набинад ҳеҷ кофир дар ҷаҳаннам,
Ки ман дидам зи дасти девсорон.
Кунун Маҳбуба аз ҷаври замона
Зи дида ашк меборад чу борон.

### Луғат

**Андалеб** — булбул.
**Маҳҷур** — ҷудо монда, дур афтода.

**Ғофил** — бехабар.
**Девсор** — девмонанд.

## Савол ва супориш

1. Шикояти шоира аз чист?
2. Ӯ киҳоро ба дев монанд мекунад?
3. Шеърро бо диққат хонед, калимаҳои душворфаҳмро дар дафтари худ нависед ва шарҳ диҳед.

Моканг СИНХ
*(Ҳиндустон)*

## ДУХТАРИ ПАНҶОБӢ

Ман духтари Панҷобам,
Тоҷи сари Панҷобам.
Даҳ панҷа гуҳар дорам.
Нозук бувад андомам,
Афтад ҳама дар домам.
Рухсораи ман рахшид,
Чун шамс ҷило бахшид.

Аммо ба сари Панҷоб,
Кӯҳу камари Панҷоб,
Бар боғу гулистонаш,
Саҳрову биёбонаш
Чун хавфу хатар омад,
Бадхоҳи башар омад.
Ҳар кас, ки ҷаҳад аз ҷо
Кӯбад сари душманро,

Ман дилбари ӯ бошам,
Ман ҳамсари ӯ бошам.

Ҷон дода барои вай,
Кӯшам ба вафои вай,
Ман духтари Панҷобам,
Тоҷи сари Панҷобам.

### Савол ва супориш

1. Дар ин шеър кадом ҳисси қаҳрамон ифода ёфтааст?
2. Аз адибони Ҳиндустон боз киҳоро медонед, номбар кунед.

Ҳафиз ҶОЛАНДОРӢ

*(Покистон)*

## РӮДАКӢ

Рӯдакӣ дил аз забон бахшидааст,
Дардро тарзи фиғон бахшидааст.
Ишқро ҳусни баёне додааст,
Ёди ёри меҳрубон бахшидааст.
Хокро аз илм сарафроз кард,
Осмонро осмон бахшидааст.
Кард равшан зарраҳои хокро,
Каҳкашонро Каҳкашон бахшидааст.
Бар замин бунёди фирдавсе ниҳод,
Ин ҷаҳонро он ҷаҳон бахшидааст.
Дар азоби бандагӣ будем мо,
Хоҷагӣ кардан тавон бахшидааст.
Шоири танҳои покистониро
Ин ҳазорон дӯстон бахшидааст.

### Супориш

1. Шеърро бо диққат хонед ва бо ёрии муаллим маънидод кунед.

Бародарон ГРИММ

# ҶОНВАРОНИ ВАФОДОР

## I

Дар замони хеле қадим марде мезист. Ӯ хеле нодор буд ва ба андак пуле, ки дошт, ба саёҳати олам баромад. Рӯзе аз деҳае мегузашт ва дид, ки кӯдакон шӯру ғавғо доранд.

— Бачаҳо, чаро мағал мекунед? — пурсид мард.

— Бубинед, — гуфтанд онҳо, — мо мушро дош-тем, мехоҳем ӯро рақсидан биёмӯзем. Чӣ шавқ-овар метозад, бубинед.

Мардро ба мушаки бечора раҳм омад ва гуфт:

— Бачаҳо, мушакро озод кунед, ман ба ивазаш пул медиҳам. Ӯ ба бачаҳо пул дод ва онҳо му-шакро сар доданд, ҷонвараки бечора гурехта ба сӯрохӣ паноҳ бурд.

Мард роҳашро давом дод. Чун ба деҳаи дигар расид, дид, ки бачаҳо бӯзинаро доштанд. Водо-раш мекарданд, ки вай биранқсаду биҷаҳад. Ӯро масхаракунон ором намегузоштанд. Ӯ ба бачаҳо пул дод, ки бӯзинаро озод кунанд.

Мард ба деҳаи сеюм омад. Он ҷо бачаҳо хирсро ба банд гирифта буданд. Бечора хирс ночор сари ду по истода мерақсид. Ғурриши ӯ бачаҳоро ба шӯр меовард. Мард хирсро ҳам ха-рид. Хирс хурсанд шуд, ки боз метавонад чорпо шуда қадам монад ва покӯбон ҷониби ҷангал шуд.

Ҳамин тавр, он мард ҳама пули худро харҷ карду бепул монд. Пас ӯ худ ба худ андешид: «Дар хазинаи шоҳ он қадар танга ҳаст, ки аз сару гӯшаш зиёд. Чаро ман аз гушнагӣ бимирам?!

Мераваму аз хазинаи шоҳ андаке мегирам, ҳамин ки пул кор кардам, бармегардонам».

Ӯ роҳе ёфта ба хазина ворид шуду андак пул гирифт, аммо вақти баромадан ӯро нӯкарони шоҳ дастгир карданд. Эълон карданд, ки ӯ дузд аст ва ба ҳукмгоҳ бурданд. Азбаски ӯ рафтори ғайриқонунӣ карда буд, қарор доданд, ба қуттие андохта ба дарё партоянд.

Сарпӯши қуттиро сӯрох карданд, ки ҳаво дарояд ва ба ӯ пораи нону кӯзаи об доданд. Мард даруни қуттӣ рӯи дарё шино мекарду ҳастиашро ваҳму тарс фаро гирифта буд. Аммо баногоҳ шунид, ки касе қулфро мехарошаду мехояд. Баногоҳ қулф боз шуду сарпӯш кушода ва ба вай мушу бӯзина ва хирс бо тааҷҷуб нигоҳ мекунанд. Мард фаҳмид, ки онҳо қуттиро кушодаанд. Мард ки боре онҳоро наҷот дода буд, ба кӯмаки ӯ омада буданд. Аммо ҷонварон намедонистанд, ки чӣ кор кунанд ва байни худ ба маслиҳат пардохтанд. Ин лаҳза аз об санги сафеде рӯ зад, ки шакли тухм дошт. Хирс гуфт:

— Сари вақт ин санг аз пеши мо баромад, ин санг сеҳрнок аст. Ҳар кӣ онро соҳиб шавад, ҳарчӣ талабад, хостааш мешавад.

Мард он сангро аз об бардошта гирифт ва орзу кард, ки соҳиби қасре бошад, ки атрофаш боғ ва саисхонаи шоҳонааш бошад. Ҳини аз дил гузаронидани матлаби хеш худро дид нишаста дар қалъае, ки саисхонаи шоҳона дорад. Ва ин ҳама он қадар зебо ва олӣ буд, ки ӯ дар ҳайрат монд.

Ин лаҳза аз роҳ тоҷирон мегузаштанд.

— Бубинед, — нидо карданд онҳо, — чӣ қасри

оличҷанобе сохтаанд. Аҷаб, дафъаи гузашта ин ҷо ба ҷуз реги тафсон чизе набуд.

Ҳисси кунҷкобӣ онҳоро вориди қалъа кард ва онҳо кунҷкобона мепурсиданд, ки чӣ гуна ӯ тавонистааст зуд ин ҳамаро бисозад. Ӯ чунин гуфт:

— Инро ман насохтаам, балки эъҷози санги сеҳрноки ман аст.

— Чӣ санг аст он? — пурсиданд тоҷирон.

Ӯ рафту сангро оварда ба тоҷирон нишон дод. Онҳо хостанд он сангро соҳиб шаванд. Аз мард пурсиданд, ки оё ӯ сангро намефурӯшад? Онҳо дар ивазаш ҳама молҳои қиматбаҳои худро пешниҳод карданд. Мард ба молҳои зебо ҳарисона менигарист. Ӯ, ки иродаи қавӣ надошт, ҳамеша майли чизҳои нав ба нав дошт ва бо ин амали хеш имкон дод, ки ӯро аҳмақ кунанд. Зеро гумон дошт, ки молҳои қиматбаҳо аз санги сеҳрноки ӯ қиматтаранд.

Ҳамин ки сангро аз даст дод, ҳамон лаҳза хушбахтии ӯ нобуд шуд. Боз худро даруни қуттии сарбаста дар дарё дид, ки ҷуз дӯлча, обу нон чизе боқӣ нест.

## II

Ҷонварони вафодор мушу бӯзина ва хирс чун диданд, ки ӯ боз гирифтори бало шуд, ба кӯмакаш шитофтанд. Аммо ин дафъа наметавонистанд он қуттиро кушоянд, зеро он хеле мустаҳкамтар аз пешин буд. Он гоҳ хирс гуфт:

— Мо бояд санги сеҳрнокро биёбем, набошад ҳама кӯшишҳои мо барабас хоҳанд рафт.

Муш баргашт ва он чиро, ки бӯзинаву хирс маслиҳат доданд, иҷро кард. Хӯҷаин бедор шуда биниашро соиш дода гуфт:

— Ин гурбаҳои ман ба як тин намеарзанд, мушҳоро чунон озодӣ додаанд, ки онҳо биниву мӯйҳои маро мехоянд! — Ва гурбаҳоро биронд.

Акнун муш ба мақсад расид. Шаби дигар чун хӯҷаинро хоб бурд, муш хонаи ӯ даромад ва риштаи сурхеро ки санги сеҳрнок дар он банд буд, бихоид. Санг ба фарш афтид ва муш онро то дами дар кашида овард. Ин кор осон набуд. Муш ба бӯзина, ки дар паси дар интизораш буд, нидо кард:

— Барор сангро аз ин ҷо зуд.

Бӯзина бе душворӣ сангро ба даст гирифт ва ҳар се лаби рӯд омаданд.

Бӯзина гуфт:

— Чӣ тавр акнун ба даруни қуттӣ дароем?

Хирс ҷавоб дод:

— Ин корро ҳозир ташкил мекунем. Ман ба об даромада шино мекунам. Ту бӯзина, ба тахтапушти ман менишинӣ, аммо ба ду даст маро маҳкамтар ва сангро дар даҳонат гир. Ту, мушак, ба даруни гӯши рости ман даро.

Ҳамин тавр онҳо ба тарафи поёни маҷрои об шино карданд. Баъди чанде хомӯшӣ ба дили хирс заду ӯ ба лаққидан даромад.

— Гӯш кун, бӯзина, мову ту, гап байни худамон, дӯстони диловарем. Ҳамту не?

Аммо бӯзина ҷавоб надод.

— Ин чӣ хислат, ки ту дорӣ, — гуфт хирс, — ба дӯстони худ ҷавоб намедиҳӣ? Дӯст намедорам касонро, ки посух намедиҳанд.

— Ин лаҳза бӯзинаро тоқаташ тоқ шуду сангро аз даҳонаш бар об раҳо кард ва фарёд зад:

— Аблаҳ! Чӣ тавр ман ҷавоб диҳам, ки санг дар даҳон дорам?

Ана акнун он ба об рафт бо айби ту.

— Хайр тез нашав, — гуфт хирс, ҳозир чорае меандешем.

Онҳо байни худ маслиҳат оростанд ва сипас ҳама қурбоққаҳову ҷонварони зери обро ҷамъ оварданду гуфтанд:

— Душмани тавоное мехоҳад ба шумо ҳуҷум оварад. Шумо бояд ҳар чӣ бештар санг ҷамъ оваред ва мо барои шумо деворе месозем, ки шуморо ҳифз мекунад.

Ҷонварони обӣ тарсиданд ва аз зери об ҳар қадар, ки тавонистанд, сангҳоро берун оварданд. Оқибат қурбоққаи қурросӣ дар лабаш риштаи сурх санги сеҳрнокро баровард. Хирс хурсанд шуда сангро аз қурбоққа гирифт ва гуфт, ки дигар кифоя, онҳо метавонанд осуда ба хонаҳояшон баргарданд ва зуд ба онҳо хайрбод гуфт. Ва се нафар онҳо боз ба маҷрои дарё ба поён, ба назди марди дар қуттӣ буда шитофтанд. Тавассути санги сеҳрнок онҳо қуттиро кушода диданд, ки сари вақт омадаанд, зеро обу нони мард кайҳо тамом шудаву ӯ қариб аз гуруснагӣ ҳалок мешуд. Ҳамин ки ӯ санги сеҳрнокро ба даст гирифт, ба худ тани сиҳат хосту дар як лаҳза боз ба қалъаи худ баргашт, ки боғу саисхонаҳои шоҳона дошт ва ба зиндагӣ шурӯъ кард. Се нафар ҷонваракро низ бо худ гирифт ва онҳо ҳама умр бо ҳам хушбахт буданд.

Тарҷумаи НАКҲАТ

## Савол ва супориш

1. Мард ба куҷо рафт ва бо киҳо вохӯрд?
2. Чаро он мард пул дода ҷонваронро озод намуд?
3. Оқибат мард бепул монда ба чӣ кор даст зад?
4. Санги сеҳрнок ба ӯ чӣ гуна хизмат кард?
5. Кадом хислатҳоро некӣ номидан мумкин аст?

## Луғат

**Чаҳорпоён** — ҳайвонот.
**Подош** — мукофот, тӯҳфа.
**Амали нек** — кори нек, рафтори нек, кори хайр.
**Сурат гирад** — иҷро гардад, бахшида шавад.
**Бӯзина** — маймун.
**Андешид** — фикр кард.
**Бар абас** — беҳуда.

Чингиз АЙТМАТОВ
*(Қирғизистон)*

# ПИСАРИ АСКАР

## I

Вай падарашро бори аввал дар кино дид. Он вақт писарчаи хурдакаки панҷсолае буд.

Ин воқеа дар ҳамон қӯраи сафеди калоне, ки он ҷо ҳар сол пашми гӯсфандонро метарошанд, ба амал омад. Қӯраи шиферпӯш то ҳол дар канори шаҳрак, дар доманаи кӯҳ, дар дами роҳ истодааст.

Вай ба ин ҷо ҳамроҳи модараш давон-давон меомад. Модари ӯ Ҷеенгул телефончии почтаи совхоз буд ва ҳар тобистон баробари сар шудани мавсими пашмтарошӣ дар пункти гӯсфандтарошӣ дастёрӣ мекард.

Дар хона касе набуд, ки писаракро наздаш монда равад ва аз ин рӯ ҳамроҳи худ гирифта мебурд. Дар ин ҷо вай рӯзҳои дароз, чиркинаку хушбахт, байни гӯсфандтарошон, чӯпонон ва сагҳои серпашми чӯпонӣ давида мегашт.

Вай аввалин шуда дид, ки ба саҳни ҳавлии қӯра кинои сайёр омад ва пеш аз ҳама давида рафт, то ки аз ин воқеаи фавқулоддаи хурсандибахш ба ҳама мужда расонад:

— Кино омад! Кино!

Намоиши киноро баъди кор, вақти торикӣ фуромадан сар карданд. То ин муддат, рости гап, тоқаташ тоқ шуд. Вале бетоқатиҳои вай бобаракат омад. Филм дар бораи ҷанг буд. Рӯи матои сафеде, ки байни ду сутуни охири қӯра кашида шуда буд, муҳориба сар шуд, садои тирпарронӣ ба фазо мепечид, мушакҳо ҳуштаккашон ба ҳаво парида, зулмот ва разведкачиёни ба замин ҷафсшударо равшан мекард. Мушакҳо хомӯш мешуданду разведкачиён аз нав ба пеш метохтанд. Пулемётҳо дар торикӣ чунон тирандозӣ мекарданд, ки писарак батамом фирефта шуд. Ана, инро ҷанг мегӯянд.

Писарак ҳамроҳи модараш ба болои тойҳои пашм дар қафои дигарон ҷой гирифт. Аз ин ҷо хубтар дида мешуд. Вай, албатта, мехост дар қатори аввал, он ҷое, ки назди экран бачаҳои аз совхоз тохтаомадагӣ рӯи фарш ҷойгир шуда буданд, рафта шинад. Вай худро ба сӯи онҳо андохтанӣ буд, ки модараш боздошт:

— Бас, аз саҳар то шом ҳар сӯ давида мегардӣ, ҳоло ҳамроҳи ман бош, — гӯён ба сари зонуи худ шинонд.

Дастгоҳи кино якзайл шарақ-шарақ мекард, ҷанг идома дошт. Одамон гӯшу ҳуш шуда, рафти муҳорибаро назора мекарданд. Модараш оҳ мекашид, баъзан аз тарс як қад мепарид ва ҳангоме ки танк мили тӯпро ба сӯи онҳо рост мекард, писарашро ба худ ҷафстар мекард. Кадом як зане дар шафати онҳо болои той нишаста, ҳар дам бо андӯҳ чуқ-чуқ мекарду зери лаб мегуфт:

— Худоё, ин чӣ ҳодисот, ё тавба!

Аммо писарак наметарсид, баъзан ҳатто баръакс, вақте ки фашистон меафтиданд, шод мешуд. Ҳар гоҳ ҷанговарони мо афтанд, гумон мекард, ки онҳо боз ба по мехезанд.

Воқеан, одамон дар ҷанг аҷиб меғалтиданд. Айнан, мисли ҷангбозии онҳо. Вай ҳам ин тавр, дартоз ғалтида метавонад, гӯё касе пешпо дода бошад. Сахт лат мехӯрӣ, албатта, вале ҳеҷ гап не, аз ҷо мехезию боз ба ҳуҷум мегузарӣ ва дардатро фаромӯш мекунӣ. Инҳо аз ҷо намехезанд, дар рӯи замин дӯнгичаҳои беҳаракат барин хобидан мегиранд.

## II

Ҷанг давом дошт. Дастгоҳи кино якзайл шарақ-қос мезад. Акнун дар экран артиллеристон пайдо шуданд. Зери оташфишонии шиддатнок, байни таркишҳову дуди ғализ, онҳо тӯпи зиддитанкро ба ҳадаф рост карданӣ шуда, меғелониданд. Тӯпро

аз нишебии ҷар ба боло тела медоданд. Онҳо тахмин ҳафт нафар буданд. Либос дар танашон дуд мекард. Андоми яке аз артиллеристон рус барин набуд. Шояд писарак ба вай эътибор ҳам намедод, агар модараш намешуд. Модар пичир-рос зада гуфт:

— Бубин, ӯ падари туст...

Ва аз ҳамин дақиқа ӯ падари вай шуд. Ва минбаъд тамоми филм дар бораи ӯ, дар бораи падараш буд. Падари вай тамоман ҷавон будааст, бачаҳои калонсоли совхоз барин. Қоматаш баланд набуд, кулчарӯ, зиракчашм. Чашмони ӯ дар андо-ми аз ғубору дуд сиёҳгардидааш бо ғазаб меду-рахшиданд ва тамоми вуҷудаш гурбавор гирову чолок буд.

— Оча, ин падари ман? — дафъатан пурсид Ав-валбек аз модараш.

— Чӣ? — сарфаҳм нарафта гуфт модар. — Ором нишин. Тамошо кун.

— Охир, ту гуфтӣ, ки ӯ падари ман аст.

— Ҳа, албатта, падари ту. Фақат ту гап назада шин, ба дигарон халал нарасон.

Чаро модараш ин тавр гуфт? Барои чӣ? Шояд ҳамин тавр тасодуфан он дақиқа андеша накард, шояд шавҳарашро ба ёд оварда, ба ҳаяҷон омада буд. Писарчаи нодон ба ин гап бовар кард. Вай аз шодӣ худро гум карду аз ин хурсандии нога-ҳонӣ ва бароящ ноошно кӯдаквор бо ӯ, бо пада-ри ҷанговари худ бифахрид. Ана, ин падари ҳақиқӣ! Падарам ҳамин аст, бачаҳо бошанд, ту падар надорӣ гуфта, мазоқаш мекунанд. Бигузор, акнун онҳо падари вайро бубинанд!..

Акнун, аз ҳамон дақиқае, ки модараш ба ӯ пичиррос зада гуфт:

«Бубин, ӯ падари туст», ҷанговари дар экран буда падари вай шуд. Ва писарак дигар дар бораи ӯ ҳамчун дар бораи падари худ фикр мекард. Ӯ дар ҳақиқат ба сурати ҷангии падараш, ҷанговари ҷавони пилоткапӯш монандие дошт. Ба ҳамон сурате, ки дертар онҳо калон карда, ба чорчӯба зери шиша овехта монданд.

Дар он лаҳза Аввалбек ба падар фарзандвор менигарист ва қалби кӯчаки вай аз мавҷи оташбори муҳаббат ва самимияти аз ин пеш эҳсоснакардае саршор буд. Падар дар экран гӯё медонист, ки писараш ӯро назора дорад ва гӯё мехост дар умри яклаҳзаинааш дар кино худроончунон нишон диҳад, то ки писар то абад ӯро дар хотир дораду абадӣ бо аскари ҷанги гузашта ифтихорманд бошад. Ва ҷанг аз ҳамин дақиқа эътиборан барои писарак дигар завқовар набуд ва он ҳам боиси ханда шуда наметавонист, ки чӣ сон одамон меғалтанд. Ҷанг ҷиддитар, хатарноктар мудҳиштар намуд. Ва писарак бори нахуст барои шахси наздик, барои ҳамон касе, ки мудом ба вай эҳтиёҷ дошт, хавотир мекашид.

## III

Дастгоҳи кино шараққос мезад, ҷанг давом дошт. Аз пеш танкҳои ҳуҷумовар намоён шуданд. Онҳо бо тасмачарххои худ қалби заминро чок намуда, наздик меомаданд ва манораҳояшонро давр

занонда, роҳравон тӯппаронӣ мекарданд. Артиллеристони мо аз ҳол рафта, тӯпро боло мекашиданд. «Зудтар, зудтар, дада! Танкҳо, меоянд, танкҳо!» — падарашро саросема мекард писар. Ниҳоят тӯпро бароварданд. Байни буттаҳои чормағз гузашта, ба танкҳо оташ кушоданд. Онҳо бисёр буданд. Касро биму ҳарос фаро мегирифт.

Писарак чунин мепиндошт, ки гӯё худи вай ҳам он ҷо, дар шафати падараш, байни оташу ғулғулаи ҷанг мебошад. Ҳар гоҳ, ки танкҳо оташ гирифта, ба дуди сиёҳ оғӯшта мегардиданд, ҳар гоҳ, ки тасмаҳои дандонадор аз чархи онҳо парида мерафт, ҳар гоҳ, ки онҳо кӯр-кӯрона ва бағазаб дар як ҷо давр мезаданд, вай дар зонуи модар ҷастухез мекард. Агар аскарони мо дар назди тӯп афтида монанд, вай дам ба дарун гирифта, ба худ мепечид. Сафи онҳо торафт кам мешуд. Модараш мегирист, рухсораи вай тар шуда ва тафсида буд.

Дастгоҳи кино шароққос мезад, ҷанг идома дошт. Муҳориба бо қувваи нав шиддат мегирифт. Танкҳо торафт наздик мешуданд. Падари вай сарашро дар паси тӯп хам карда, ба гӯшаки телефони саҳроӣ бо ҳаяҷон ва баланд фарёд мекард, вале дар ин ғалоғула ба гапҳои ӯ сарфаҳм рафта намешуд. Ана дар назди тӯп боз як ҷанговар аз по афтод; вай азми бархостан кард, вале натавонисту ба замин сарозер рафт. Замин аз хуни ӯ сиёҳ шуд. Инак, фақат ду нафар монданд — падараш ва боз як аскар. Онҳо боз як гулӯла парронданд, сипас паи ҳам ду гулӯлаи дигар. Вале

танкҳо ҳамоно пеш меомаданд. Ана, боз як гулӯла дар назди тӯп гумбуррос зада таркид. Оташ ва зулмот фаро гирифт. Акнун аз замин танҳо як тан бармехезад, ин падари вай аст. Ӯ аз нав худро ба сӯи тӯп мепартояд. Худаш ба тӯп снаряд ҷой мекунад, худаш нишон мегирад. Ин вопасин тӯппаронӣ буд. Экранро аз нав таркиш фаро мегирад. Тӯпи падараш маҷақ ва чаппа шуд. Худаш ҳанӯз зинда. Вай базӯр аз замин бархоста, бо сару тани сӯхта, дар ҳолате ки либоси пора-порааш дуд мекард, ба пешвози танк равон шуд. Дар дасташ граната. Вай дигар чизеро намебинад ва намешунавад. Вай охирин қувваи худро ғун мекунад.

— Ист, намегузарӣ! — Вай граната дар даст қулоч мекашад. Ва дар ҳамин ҳолат бо қиёфае, ки аз нафрату дард дигар гардидааст, сонияе шах шуда мемонад.

Модар дасти писаракро чунон фишурд, ки вай қариб нафасгардон мешуд. Вай хост дартоз раваду худро ба сӯи падар андозад, вале аз мили танк оташфишонии бардавоми пулемёт сар зад ва падараш мисли дарахти бурида афтод. Вай рӯи замин ғелида, майли бархостан кард ва аз нав ба пушт афтид, дастонашро ба ду тараф васеъ ёзонд...

## IV

Дастгоҳи кино хомӯш монд, ҷанг қатъ шуд. Як порчаи кино ба охир расида буд. Киномеханик ча-

роғро даргиронд, то ки ба дастгоҳ лентаи навбатиро ҷой кунад.

Чун дохили қӯраро рӯшноӣ фаро гирифт, ҳама аз равшанӣ чашмони худро нимпӯш карданд ва аз олами кино, аз ҷанг ба ҳаёти муқаррарии худ баргашта, ба мижазанӣ даромаданд. Ва дар ҳамин асно писарак аз тойҳои пашм лағжида, бо як ҷаҳон шодию сурур фарёдкунон худро ба поён гирифт.

— Бачаҳо, ин падари ман! Шумоён дидед? Ҳамоне, ки кушта шуд, падари ман буд.

Касе инро чашмдор набуд ва касе сарфаҳм рафта наметавонист, ки чӣ воқеа шудааст. Писарак тантанавор нидо баровarda, ба сӯи экран давид, ки он ҷо дар қаторҳои аввал ҷӯраҳояш — писарбачаҳо нишаста буданд ва фикру мулоҳизаҳои онҳо барои вай аз ҳама муҳимтар буд. Дар як муддати кӯтоҳе дар қӯра хомӯшии фавқулоддаю ноҳинҷоре ҳукмрон шуд. Писари аскар, фарзанди ҷанговари ҳалокшуда, ҳанӯз ҳам якзайл ба гапи худ истодагарӣ мекард:

— Охир, шумоён дидед-ку, ӯ падари ман! Ӯро куштанд! — аз хомӯшии тӯлонии мардум торафт бештар ба ҳаяҷон омада мегуфт ва ҳайрон буд, ки чаро онҳо хурсандӣ намекунанд ва бо падараш ба мисли вай намефахранд.

Кадоме аз калонсолон норозиёна ғуррида монд:

— Ҷим, бас кун, ин тавр нагӯ.

Дигаре ба ӯ эрод гирифт:

— Хайр, чӣ шудааст? Падари вай дар фронт ҳалок шудааст. Магар дуруст нест?

Ва он гоҳ писарбачаи мактабхони ҳамсоя аввалин шуда, ба вай ҳақиқати ҳолро гуфтанӣ шуд:

— Охир, ӯ падари ту не. Чаро фарёд мекунӣ? Тамоман падари ту не, балки артист. Раву ҳо аз амаки киномеханик бипурс.

Калонсолон намехостанд писаракро аз тахайюлоти талх ва рангинаш маҳрум созанд ва аз ин рӯ онҳо умедвор буданд, ки асли гапро худи киномеханик ба осонӣ фаҳмонда диҳад. Ҳама ба ӯ рӯ оварданд. Вале ӯ ҳам хомӯш буд. Бо дастгоҳ машғул шуда, худро серкор вонамуд мекард.

— Не, падари ман, аз они ман! — ором намешуд писарбача.

— Чӣ хел падари ту будааст? Кадомаш? — аз нав баҳс кард писари ҳамсоя.

— Ӯ бо граната ба сӯи танк мерафт. Оё ту надидӣ? Ӯ ана ин тавр афтид.

Писарак худро ба замин партофт ва чӣ тавр афтидани падарашро намоиш дода, ба ғелидан даромад. Ва ин корро айнан, чӣ хеле буд, ба ҷо овард. Вай дар назди экран пуштнокӣ афтида, дастонашро ба ду тараф васеъ ёзонида буд.

Тамошобинон беихтиёр хандиданд. Вай мисли фавтида мехобид ва намехандид. Аз нав хомӯшии ноҳинҷоре фаро расид.

— Ин худаш чӣ гап, чашмат дар куҷо, Ҷеенгул? — бо маломат гуфт чӯпонзани солхӯрда ва ҳама медиданд, ки чӣ сон модар бо андӯҳ ва қиёфаи ҷиддӣ, бо чашмони ашкбор сӯи писараш мерафт.

Вай писарашро аз замин бардошт.

— Рафтем, писаракам, рафтем. Ӯ падари ту буд, — бо овози паст гуфт модар ва дасти фарзандашро дошта, ҳамроҳи худ аз кӯра баровард.

Моҳтоб аллакай баланд баромада буд. Дар ҳудуди кабуду сиёҳчатоби шабонгаҳ қуллаҳо сафедӣ мезаданд, дашт дар поён азиму нопайдоканор мехобид, ба мисли гирдоб...

Ва танҳо акнун нахустин маротиба дар ҳаёти худ вай талхкомиро дарк намуд. Ногаҳон барои падари дар ҷанг кушташудааш вайро аламу ранҷ ва андӯҳи тоқатфарсое фаро гирифт ва хост, ки зор-зор бигиряд, ба он соне, ки модараш ҳам баробари вай гиря кунад. Вале модар хомӯш буд. Вай ҳам муштонашро гиреҳ кардаву ашконашро ба дарун фурӯ нишонда, хомӯширо ихтиёр кард.

Вай хабар надошт, ки аз ҳамин дам эътиборан дар вуҷуди ӯ падараш, ки кайҳо дар ҷанг ҳалок гардида буд, хоҳад зист.

## Савол ва супориш

1. Модари Аввалбек чикора буд.
2. Чӣ тавр аскаре, ки дар кино тасвир шуда буд, падари Аввалбек шуд?
3. Аввалбек бо кадом мақсад ба саҳна баромада, аскари дар кино дидаашро падари худ эълон кард?
4. Тамошобинон ба Аввалбек чӣ гуфтанд?
5. Писарак ба онҳо чӣ ҷавоб дод?
6. Мазмуни ҳикояро нақл кунед.

# ОФТОБАКИ ТОБИСТОН,
# БАР САРИ МО ФУРӮЗОН.



Фасли тобистон аҷибу дилрабост,
Даври бозӣ, давраи таътили мост.

# АЙЁМИ ФАРАҲБАХШ

Фасли тобистонро хурду калон дӯст медоранд. Тобистон дар ҳақиқат айёми фараҳбахш, айёми таътил, вақти сайру саёҳат, фасли пухтани меваҳову обутоби табиат аст. Рӯзҳои гарму дарози тобистон барои калонсолон лаҳзаҳои кору истироҳат ва барои бачаҳо лаҳзаҳои бозиҳои гуногунанд. Онҳо ҳам ба падару модари худ дар кори полизу боғ ва зироат ёрӣ медиҳанд ва дар вақтҳои дигар дар соҳили дарё, доманаи кӯҳҳо ва боғу чаманзорҳо истироҳат мекунанд.

Ин фасли зебои гармо кай оғоз мешавад. Мувофиқи тақвими қадимии офтобӣ (шамсӣ) фасли тобистон аз якӯми моҳи саратон (яъне, 21 июн) шурӯъ шуда, моҳҳои саратон, асад ва сунбуларо дар бар мегирад. Саратон маънии «харчанг», асад маънии «шер» ва сунбула маънии «хӯшаи гандум»-ро дорад. Ин номи бурҷҳост. Ин се бурҷ дар фасли тобистон дар осмон болои сари мо қарор мегиранд. Онҳоро ними шаб дар кайҳон мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, бурҷи Асад (Шер) аз гурӯҳи ситораҳое иборат аст, ки нақш ё шакли ҷойгиршавии онҳо ба сурати шер монандӣ дорад. Моҳи сунбула охирин моҳи фасли тобистон аст. Он 21 сентябр ба охир мерасад. Дар ин вақт, яъне аз 22-и сентябр дар осмони пурситора бурҷи мизон (тарозу), ки шакли даста ва ду паллаи тарозуро дорад, дар болои сари мо қарор мегирад. Мувофиқи тақвими офтобии гузаштагони мо — суғдиёни оташпараст аввали моҳи мизон, яъне 22 моҳи сентябр фасли тирамоҳ оғоз меёбад.

Вақте ки Замин дар гирди Офтоб давр мезанад, ҳар моҳ дар муқобили як бурҷ қарор мегирад. Ин бурҷҳо дувоздаҳтоанд. Бурҷи саратон шашӯмин бурҷ аз ин бурҷҳост.

Рӯзҳои якуму дуввуми моҳи саратон дарозтарин рӯзҳои соланд ва шабҳои якуму дуввуми он кӯтоҳтарин шабҳои сол мебошанд. Пас аз ин рӯзҳо оҳиста-оҳиста кӯтоҳ мешаванд.

Дар фасли тобистон пиряххо ва барфҳои кӯҳсорон об шуда, оби дарёҳо бештар мегардад. Дарёву рӯдҳои пуроб мавҷзанон ба сӯи водӣ ҷорӣ мешаванд.

Дар тобистон зардолуву шафтолу, мурӯду себ, ноку олу, анҷир, навъҳои гуногуни ангуру харбузаву тарбуз мепазанд. Дар полизу боғҳо ҳосили сабзавот ва меваҳоеро, ки пухта расидаанд, мегӯндоранд. Мо, бачаҳо, ба деҳқонон, падару модари худ дар ғунучини ҳосил ёрӣ мерасонем. Дар чунин корҳо дониши мо дар бораи корҳои полизу боғдорӣ зиёд мешавад. Мо на танҳо аз навъҳои гуногуни зироати полизу меваҳо хабардор мешавем, балки дар бобати парвариш ва хусусияти онҳо маълумот мегирем.

Дар тобистон дар рӯду ҳавзҳо оббозӣ кардану офтоб хӯрдан низ моро ҷисман обутоб медиҳад. Дар баробари бозиву истироҳати хуш кашидани расму мутолиаи китобҳои бадеиро низ фаромӯш намекунем. Дар рӯи кат, дар сояи дарахт ва дар лаби ҷӯй нишаста, хондани китоби ҳикояҳо, шеърҳо ва қиссаҳо кайфияти дигаре дорад. Мутолиаи китобҳо дар бораи ҳодисаҳои аҷоиби олами атроф, асрори кайҳон ва кашфиёти илмӣ дониши моро афзун месозад.

## Савол ва супориш

1. Фасли тобистон чӣ вақт оғоз меёбад?
2. Моҳи саратон чандум моҳи тақвими офтобист?
3. Тобистон дар табиати атроф чиҳоро мушоҳида мекунед?
4. Шумо дар тобистон кадом китобро мехонед ва чӣ гуна расмҳо мекашед?
5. Дар бораи фасли тобистон аз рӯи ҳикояте, ки муаллим мехонад, нақли хаттӣ нависед.

Аминҷон ШУКӮҲӢ

# БА ШОГИРДИ МАКТАБ

Дар вақти таҳсил
Ту аз тахти дил
Хону хону хон,
Дону дону дон!

Асбоби хониш
Карда созу соз,
Рӯ сӯи мактаб
Тозу тозу тоз!

Бо китоби нағз
Шину шину шин,
Мазмуни онро
Чину чину чин!

Гуфти муаллим
Санҷу санҷу санҷ!
Доим баҳо гир
Панҷу панҷу панҷ!

## Супориш

Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.

Гулчеҳра СУЛАЙМОНӢ

# ГУЛХАН

Гулхан фурӯзон,
Гулҳои оташ
Бишкуфта яксар,
Ҳар шӯъла тобад
Бо ранги дигар.

Гулхан фурӯзон,
Ҳар як шарора
Андар дили шаб
Гардида пора,
Як лаҳза тобад
Мисли ситора.
Гулхан фурӯзон,
Дар гирди гулхан
Мо ҳалқа баста,
Бо ҳам нишаста,
Аз ранги беғаш,
Дида набаста.

Аз рӯи одат
Саргарми сӯҳбат,
Нақлу ҳикоят,
Панду ривоят,

Рақсу тарона,
(Гапҳои хона),
Баҳсу муаммо,
Ҳам орзуҳо
Охир надорад,
Охир надорад...

Гулхан фурӯзон
Гулҳои оташ
Бишкуфта хандон
Дилҳо хурӯшон
Чашмот дурахшон,
Ҳай, кайф дорад
Гулхан азизон!

### Савол ва супориш

1. Дар шеър кадом манзара тасвир ёфтааст.
2. Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.

Убайд РАҶАБ

## ХӮШАИ ГАНДУМ

Сари хамида,
Пухта расида,
Нодаравида
Хӯшаи гандум.

Дашти калоне,
Оби равоне,

Мавҷзаноне,
Хӯшаи гандум.

Дил беқарор аст,
Чун фасли кор аст,
Дар интизор аст,
Хӯшаи гандум.

Ку вақти хобе?
Бояд шитобӣ!
Вақти ҳисоби
Хӯшаи гандум.

Чоше зи дона,
То боми хона,
Ризқи ягона
Хӯшаи гандум.

Дона дона дур,
Дастархони пур,
Дасту дили зӯр
Хӯшаи гандум.

Қуввати бобом,
Роҳати момом,
Давлати додом
Хӯшаи гандум.

## Савол ва супориш

1. Шумо чанд намуди гандумро медонед?
2. Гандумро кадом вақт дарав мекунанд?
3. Дар бораи хирманкӯбӣ кадом шеърро медонед?
4. Шеъри «Хӯшаи гандум»-ро аз ёд кунед.

Болта ОРТИҚЗОДА

# ҶУРҒОТ

Ҷовид бо шодиву ҳаяҷон ба хона даромад. Дар оғӯшаш тарбуз барин тӯби калон дошт. Нисфаш сурху нисфаш кабуд. Онро падараш оварда буд.

Хоҳарчааш Салима ҷаста хесту ба тӯб часпид. Дуяшон часпу талош карданд. Чӣ шуд, ки тӯб аз дасташон баромаду ғелида, ба кунҷи хона рафт. Додару хоҳар давида омаданду онро гирифтанӣ шуданд. Дар кунҷак чизе болояш латтапӯш меистод. Пои кадомашон расиду он чаппа шуд. Дар зери латта хурмаи ҷурғот будааст, рехт.

Аз ин ҳол додару хоҳар як қад парида, дуяшон ҳам худро ақиб кашиданд.

— Ана, чӣ кор кардӣ? — гуфт Ҷовид. — Акнун модарам туро мекушад.

— Худат резондӣ-ку, — паст намеомад Салима. — Тӯбро пештар омада мегирам гуфтиву...

— Ҳо-о, — мад кашид Ҷовид, — ман пештар омада бошам ҳам, ба хурма пои ту расид. Ба инаш чӣ мегӯӣ? Магар муаллиматон ба шумоён дурӯғгӯиро ёд медиҳанд?

— Худат дурӯғгӯ, — сухани бародарашро бурид Салима. — Ба назди тӯб ту пештар омадиву пои

ман мерасад? Не, хобатро ба об гӯй, ака. Беҳтараш гард, ба назди модарам меравем воқеаро...

— Чӣ? Ба назди модарам меравем, — чашмони Ҷовид беҷо шуданд, — ақлатро хӯрдӣ магар, Салима?

— Хайр, чӣ кор мекунем?

— Ба модарам мегӯем, ки, — баҳона меҷуст Ҷовид, — пишакамон аз паси муш давиду нохост хурмаро чаппа кард.

Духтарча беихтиёр қиқирросзанон хандид.

— Чаро механдӣ? — оташин шуд Ҷовид. — Гапи хандаовар нагуфтаам-ку.

— Охир, гиря кунам магар? — духтарча ҳамон худашро дошта наметавонист. — Пишакамон ба хона надаромада, чӣ гуна хурмаро чаппа мекунад?

— Ин қадар маҳмадоно шудаӣ, Салима! — дар қаҳр шуд Ҷовид. — Фарз мекунем, ки пишакамон пеш аз мо...

— Не, не, — сухани ӯро бурид Салима. — Модарам ба ин гуна фарз-парзҳоят бовар намекунад. Беҳтараш, ҳозир ҳам дер нашудааст. Ба наздаш меравему...

— Исто-исто, — Ҷовид ӯро боздошт, — ҳозир илоҷашро меёбем.

Вай ҳамин гапро гуфту ҷурғоти рехтагиро бо кафҳояш гирифта, ба хурма андохт. Фарши хонаро тоза кард. Аз халта як каф орд оварду ба рӯи ҷурғот пошид. Гӯё ҳеҷ воқеае рӯй надода бошад, болои ҷурғот қаймоқак баста, намуди аслиашро гирифт.

— Дидӣ? — бо ғурур гуфт Ҷовид. — Акнун на модарам мефаҳмаду на каси дигар. Гард, ба рӯи ҳавлӣ баромада, бозӣ мекунем.

Онҳо пасу пеш берун баромаданд. Ҷовид тӯбро гирифта, ба сӯи кӯча давид. Салима дар лаби кат нишаста, китоб мехонд. Мехонду ҳушу хаёлаш ба ҷурғоти хурма банд буд. «Дар рӯи фарши хона чӣ чизҳое нестанд, — худ ба худ мегуфт Салима. — Агар нагӯям, модарам аз он чолоб мекунаду ба укаҳоям медиҳад. Баъд...»

Ҳамин вақт коса дар даст, модараш омад. Аз пасаш духтарчаи ҳамсоя. Салима ҳис кард, ки вай барои ҷурғот омадааст. Китобашро монду ба назди модараш давид. Ба гӯши ӯ чизе гуфт. Модар аз роҳаш гашта, ба духтарчаи ҳамсоя аз халта чакка гирифта дод.

— Хайрият фаҳмондӣ, Салимаҷон, — сари духтарашро сила кард модар. — Вагарна ба ҳамсоя ҷурғоти ифлосро медодаму вай аз ман сахт меранҷид.

— Ҳа, ин корам нағз шуд-дия, оча, — илтиҷоомез гуфт Салима, — лекин агар аз гуноҳи Ҷовид ҳам мегузаштед.

— Хайр, гузаштам, меҳрубонакам, — табассум кард модар. — Аз гуноҳи дуятон ҳам гузаштам.

Салима модарашро сахт оғӯш карда бӯсид.

## Супориш

Ҳикояро бо диққат хонда, мазмунашро нақл кунед.

Садриддин АЙНӢ

# МАКТАБ

Аз фазли яздон хон аст мактаб,
Бар лаъли ирфон кон аст мактаб.
Беҷон ҷасадро қадре набошад,
Ҷисм аст инсон, ҷон аст мактаб.
Аз мактаб ояд осоиши дил,
Марғуби дилҳо з-он аст мактаб.
Бемактабонро набвад ҳаёте,
Об аст мактаб, дон аст мактаб.
Дар чашми биниш нур аст дониш,
Дар ҷисми дониш ҷон аст мактаб.
Бар моҳии ҷон об аст ирфон,
Бар мурғи ирфон дон аст мактаб.

## Савол ва супориш

1. Дар ин шеър устод мактабро ба чиҳо монанд кардааст?
2. Бо ёрии муаллим калимаҳои **яздон, ирфон, марғубро** маънидод кунед.
3. Шеърро аз ёд намоед.

# МУНДАРИЧА

**Ватанро аз дилу ҷон дӯст дорем,**
**Ҳамеша бо Ватан дар ифтихорем.**


Кишвари офтобии мо ........ 4
Ватан. Ҷӯра Ҳошимӣ ........ 6
Деҳаи мо ........ 7
Шаҳри қадима. Ҷалол Икромӣ ........ 8
Хоки Ватан. Маҳбуба Неъматзода ........ 9
Деҳаи ман. Ғаффоралӣ Сафар ........ 10
Сайқали рӯи замин ........ 11
Уқоб. Мирзо Турсунзода ........ 12
Дар ҳаққи устод. Камолиддин Биноӣ ........ 13
Раъно ба мактаб меравад. Акобир Шарифӣ ........ 14
Чил чашма. Убайд Раҷаб ........ 15
Гулдаста ба модар. Муҳиддин Фарҳат ........ 16
Гунаҳкор кист? Исроил Иброҳим ........ 17


**Тирамоҳ омад ба дашту кӯҳсор,**
**Ҳосили полизу бӯстон бешумор.**


Фасли неъматбахш ........ 21
Ҳамкорӣ. Шодон Ҳаниф ........ 22
Аккаҳо. Баҳром Фирӯз ........ 26
Ганҷи ниҳон. Олимхон Исматӣ ........ 33
Деҳаи мо — Гулдара. Абдураҳим Беҳрӯз ........ 35
Боғи Шамол. Маҳбуба Неъматзода ........ 36


**Аз ганҷинаи эҷодиёти халқ**


Як лаълӣ марҷон ........ 39
Гардам сараки додом ........ 39
Давидему давидем ........ 40
Гурбаи ман ........ 41

Гунҷишк .......... 42
Акка .......... 42
Савсанбибӣ (Афсона) .......... 43
Олуболуву шафтолу (аз бозиҳои халқӣ) .......... 47
Чистонҳо .......... 50
Тезгӯякҳо .......... 51

## Саёҳат ба олами афсонаҳо

Шикори шер ва рӯбоҳ .......... 53
Рӯбоҳ ва акка .......... 55
Ҳезумкаш ва мор .......... 58
Маслиҳати харчанг. Ҳусайн Воизи Кошифӣ .......... 62
Шутури пиру хари лоғар. Маҷди Хофӣ .......... 64
Каргас ва мӯрча .......... 66
Рӯбоҳ ва паланг .......... 67
Оилаи тифоқ .......... 69
Ҷавдор. Маҳбуба Неъматзода .......... 71
Мӯр ва пуффак. Адаш Истад .......... 75
Кӯрмуш. Шодон Ҳаниф .......... 77
Чашма. Равшан Ёрмуҳаммад .......... 80
Ҳарифон. Шодон Ҳаниф .......... 84

## Ҳаёти ибратомӯзи гузаштагон

Зардушт. Ҳазрат Сабоҳӣ .......... 90
Борбад. Адаш Истад .......... 94
Ғӯрак. Ҳазрат Сабоҳӣ .......... 97
Девоштич. Ҳазрат Сабоҳӣ .......... 100
Хуршеди Корзанҷӣ. Ҳазрат Сабоҳӣ .......... 102
Муқаннаъ. Ҳазрат Сабоҳӣ .......... 104
Абулқосими Фирдавсӣ .......... 107
Панду андарзҳо аз «Шоҳнома» .......... 109
Низомии Ганҷавӣ .......... 112
Кӯдаки маҷрӯҳ. Низомии Ганҷавӣ .......... 113
Насиҳати фарзанд. Низомии Ганҷавӣ .......... 115
Саъдии Шерозӣ .......... 116
Аз «Гулистон»-и Саъдӣ .......... 117

## Омад фасли зимистон,
## Бачаҳо шоду хандон.

Сармо расид ........ 120
Барфи аввал. Гулчеҳра Сулаймонӣ ........ 122
Бозиҳои зимистонӣ ........ 122
Дар атрофи арчаҳо. Мирсаид Миршакар ........ 123
Дар зимистон ҳайвонҳо чӣ кор мекунанд? ........ 124
Соли Нав муборак бод. Убайд Раҷаб ........ 125

## Аз ҳикоят ба ҳикоят

«Ду»-и бобоям. Абдумалик Баҳорӣ ........ 128
Пластилин. Болта Ортиқзода ........ 130
Хари сиёҳи амаки Сангин. Баҳром Фирӯз ........ 132
Ҳикоят. Муҳаммад Авфӣ ........ 135
Комрон ва Меҳрон. Хайринисо Ҷӯраева ........ 137
Нардбон. Шодон Ҳаниф ........ 139
Ду гуноҳ. Абдулҳамид Самад ........ 142
Сангпушт оча дорад. Додоҷон Раҷабӣ ........ 145
Муштзан. Азизи Азиз ........ 150
«Аз худат дон...» Бахтиёр Ҷумъа ........ 157
Занҷир. Исроил Иброҳим ........ 159

## Олами пурасрори ҳайвонот

Рӯбоҳ ва шағол. Абдураҳмони Ҷомӣ ........ 166
Умри ҳайвоноту паррандагон чӣ қадар аст? ........ 167
Ҷанги мору калтакалос. Болта Ортиқзода ........ 170
Лонасозии паррандаҳо ........ 172
Рангина. Маҳбуба Неъматзода ........ 174
Тӯҳфаи даҳмарда. Абдулҳамид Самад ........ 175
Чистонҳо ........ 178

## Баҳор омад, табиат дилрабо шуд,
## Канори кишвари мо пурсафо шуд.

Фасли гулҳо (Нақшаи иншо) ........ 180
Бомдоди баҳорон. Садриддин Айнӣ ........ 180

Баҳор омад. Мирзо Турсунзода ........................................ 181
Лолаҳои дасти ман. Гулчеҳра Сулаймонӣ ........................ 182
Тифли баҳор. Аъзам Сидқӣ ................................................ 183
Савсангул. Маҳбуба Неъматзода ....................................... 186
Бӯи чаҳор фасли сол. Наримон Бақозода ......................... 189
Борон. Аминҷон Шукӯҳӣ ..................................................... 191
Духтарча ва кабк (афсонаи мардумӣ) ................................ 193
Резаборон. Мавҷуда Ҳакимова ............................................ 198
Иди Наврӯз ............................................................................... 199
Шаҳпарак. Юсуф Аҳмадзода ............................................... 200
Турна (ҳалқӣ) ............................................................................ 201
Рӯзаки дилафрӯз. Аббос Ямини Шариф ............................ 202
Тӯйи замин. Асад Гулзода ...................................................... 203
Таҳияи дафтари мусаввари
«Манзараҳои баҳор» .............................................................. 204

## Аз эҷоди адибони ҷаҳон

Модарбузург. Асадуллоҳи Шаъбонӣ ................................... 206
Ҳавопаймо. Асадуллоҳи Шаъбонӣ ......................................... 206
Шикоят аз замона. Маҳбубаи Ҳиравӣ ................................. 207
Духтари панҷобӣ. Моканг Синх .............................................. 208
Рӯдакӣ. Ҳафиз Ҷоландорӣ ....................................................... 209
Ҷонварони вафодор. Бародарон Гримм ................................ 210
Писари аскар. Чингиз Айтматов .............................................. 215

## Офтобаки тобистон,
## Бар сари мо фурӯзон.

Айёми фараҳбахш .......................................................................... 226
Ба шогирди мактаб. Аминҷон Шукӯҳӣ ...................................... 228
Гулхан. Гулчеҳра Сулаймонӣ ......................................................... 229
Хӯшаи гандум. Убайд Раҷаб ........................................................... 230
Ҷурғот. Болта Ортиқзода .............................................................. 232
Мактаб. Садриддин Айнӣ .............................................................. 235

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбар-и синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |

## Ба ҷадвали боло ҳангоми ба иҷора додан ва қабули китоб аз тарафи раҳбари синф дар охири соли хониш аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш комил, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навиштаҳо ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошуда аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудааст. |
| Ғайри-қаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранголуд шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |